ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

Бо ҳуқуқи дастнавис

ВБД: 891.550 (С-40)

**СИРОҶЗОДА НИГИНА РАҶАБ**

# АСАДУЛЛО САЪДУЛЛОЕВ – МУҲАҚҚИҚИ ПУБЛИТСИСТИКАИ МУОСИРИ ТОҶИК

**ДИССЕРТАТСИЯ**

барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ
аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ

**Роҳбари илмӣ:**
доктори илмҳои филологӣ, профессор,
академики АМИТ Имомзода М.С.

ДУШАНБЕ – 2025

## МУНДАРИЧА

**НОМГӮЙИ ИХТИСОРАҲО..................................................................3**

**МУҚАДДИМА...........................................................................4-14**

**БОБИ I. НАЗАРЕ БА ҲАЁТ ВА ЗИНДАГИНОМАИ ПРОФЕССОР А. САЪДУЛЛОЕВ.........................................................................15-46**

1.1. Мухтасари зиндагиномаи А. Саъдуллоев......................................15-25

1.2. Фаъолияти рӯзноманигории А. Саъдуллоев..................................26-36

1.3. Фаъолияти омӯзгорӣ..................................................................37-46

**БОБИ II. ТАҲҚИҚИ ПУБЛИТСИСТИКАИ МУОСИР ДАР ОСОРИ А. САЪДУЛЛОЕВ.........................................................................47-100**

2.1. Таҳқиқи масъалаҳои назарӣ дар публитсистикаи муосири точик.....................................................................................................47-68

2.2. Проблемаҳои рушди публитсистикаи точик…...............................68-82

2.3. А. Саъдуллоев ва таҳқиқи публитсистикаи М. Турсунзода.........82-100

**БОБИ III. МАКТАБИ ИЛМИИ А. САЪДУЛЛОЕВ......................101-147**

3.1. Таҳқиқи публитсистика дар мактаби илмии А. Саъдуллоев.....102-118

3.2. Мактаби илмии А. Саъдуллоев дар таҳқиқи журналистика......118-134

3.3. Таснифоти мухтасари осор......................................................134-147

**ХУЛОСА**..................................................................................148-153

**ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИЧАҲОИ ТАҲҚИҚ...........................................................................................154**

**РӮЙХАТИ АДАБИЁТ.........................................................155-167**

# НОМГӮЙИ ИХТИСОРАҲО

**АМИТ «Ховар»** – Агентии миллии иттилоотии «Ховар»

**АУ ҶТ** – Академияи улуми Ҷумҳурии Тоҷикистон

**ВАО** – Воситаҳои ахбори омма

**ғ.** – ғайра

**ИДМ** – Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил

**ИҶШС** – Иттиҳоди Ҷумҳуриҳои Шуравии Сотсиалистӣ

**НБО** – Нурӯгоҳи барқии обӣ

**с.** – саҳифа

**С.** – саҳифа

**СМТ** – Симои мустақили Тоҷикистон

**С.Н.** – Сироҷзода Нигина

**СССР** – Союз Советских Социалистических Республик

**ТВ** – Телевизион

**ТС** – Тоҷикистони советӣ

**ҶБВ** – Ҷанги Бузурги Ватанӣ

**ҶТ** – Ҷумҳурии Тоҷикистон

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ.** Аз замоне, ки сухан дар ҷомеа мақом пайдо кардааст, аз руҳияи иҷтимову воқеиятбаёнӣ дур нест. Публитсистика ҳамчун самти эҷодӣ давоми қарнҳо воқеиятро инъикос карда, ҳамчун таърихнависи замон эътироф гардидааст. Офаридаҳое, ки дар онҳо факту рақам, таҳқиқу ташреҳ, мушаххасоти замониву маконӣ, мушоҳидаву хулоса ва ҳукму натиҷагириҳо ҳамчун ҷузъиёт ба назар мерасанд, бештар аз ҳама хосияти публитсистӣ доранд, зеро мавқеи фардии муаллифон ва нуқтаи назари возеҳи онҳоро ба набзи замон дар давраҳои гуногун муайян кардаанд. Баъдтар ба миён омадани матбуот майдони публитсистикаро мушаххас намуд. Публитсистикаи тоҷик таърихи садсолаҳо дошта бошад ҳам, таърихи таҳқиқи нисбатан мушаххасу мукаммали он аз нимаи дуюми солҳои панҷоҳуми асри гузашта бо таҳқиқоти муҳаққиқи тоҷик А. Маниёзов («Публитсистика ва назми устод С. Айнӣ» – Сталинобод: Нашр. дав. Тоҷикистон, 1958. – 152 с.) оғоз мешавад.

Баъдтар дар давоми чанд даҳсола М.А. Абдуллоев [1], А. Азимов [2], П. Гулмуродзода [3], С. Гулов [6], Ҷ. Муқимов [61], Ш. Муллоев [14], М. Муродов [16], А. Нуралиев [18], О. Салимзода [24], А. Саъдуллоев [27], Н. Солеҳов [28], И.К. Усмонов [30] ва дигарон доир ба уфуқҳои публитсистика таҳқиқоти муайянро анҷом додаанд. Дар ин самт Асадулло Саъдуллоев муваффақтарин муҳаққиқи публитсистика ба шумор меравад, ки унсурҳои публитсистиро дар адабиёти муосири тоҷик дида баромада, ҳамаи ҷанбаҳои вобаста ба онро омӯхта, мактаби таҳқиқи публитсистикаро васеъ кардааст. Асадулло Саъдуллоев ҳамчун муҳаққиқ фаъолияти серсоҳа дошта, дар самти адабиёт, журналистика ва публитсистика таҳқиқоти муҳимму арзишманде ба анҷом расонидааст. Муаллиф бо идроки хос, пеш аз ҳама, тавассути осори таълифнамудааш мавзуъҳои муайянеро бозгӯ намуда, ки бар нафъи ҷомеа ва илми замон мебошад. Бо ин ҷиҳатҳо муҳимтарин ҷиҳатҳои адабиёт, насри мустанад,

публитсистика ва журналистика аз мадди назари муҳаққиқ А. Саъдуллоев дур намондааст. Таҳқиқотҳои ӯ, пеш аз ҳама, ба масъалаҳое равона шудааст, ки омӯзиши онҳо барои муайян намудани моҳияти насри мустанад ва публитсистикаву журналистика ёрӣ мерасонад. Дар маҷмуъ, дар фаъолияти қариб панҷоҳсолаи худ муҳаққиқ А. Саъдуллоев беш аз 30 асари илмӣ ва ҳудуди 280 мақолаҳои илмиро таълиф намудааст. Фаъолияти муҳаққиқии ӯ аз солҳои шастуми асри гузашта, бо нашри аввалин тақризҳо дар нашрияи «Маориф ва маданият» оғоз мешавад. Омӯзиши фаъолияти сершохаи Асадулло Саъдуллоев имкон медиҳад, ки аз чанд дидгоҳ ба публитсистикаи муосири тоҷик назар афканем. Чун номбурда ҳам муҳаққиқ ва ҳам бевосита публитсист буд, таҳқиқи назарияву амалияи А. Саъдуллоев нозукиҳои услуби публитсистиро бароямон ифшо мекунад. Аз ин лиҳоз, таҳқиқи васеи илмии публитсистикаи Асадулло Саъдуллоев мубраму зарур ҳисобида мешавад.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуъ.** Бо назардошти бисёр паҳлуҳо пажуҳиши фаъолияти муҳаққиқии А. Саъдуллоев дар соҳаи журналистикаву публитсистика мавзуи комилан нав мебошад. Вобаста ба пажуҳиши ин масъала метавон танҳо ба баъзе нуқтаи назари олимон ишора кард, ки фикрҳои умумиро баён кардаанд. Дар бораи паҳлуҳои гуногуни пажуҳишҳои илмии А. Саъдуллоев дар соҳаи публитсистикаву журналистика муҳаққиқон М. Абдуллоев [36], А. Азимов [39; 40], С. Гулов [42; 43], Д. Давронов [47], Ҷ. Ёқубов [48], М. Имомзода [51], З. Исмоилзода [116], Б. Камолиддинов [53], Н. Кучарова [56], М. Қосимова [57], А.Ҳ. Қутбиддинов [59], М. Муқимов [65], Ш.Б. Муллоев [15], М. Муродӣ [67], А. Мухторов [69], А. Нуралиев [70], Ҷ. Раҳмонова [73], Н. Саид [75], М. Сафарова [76], М. Солеҳов [101], И. Усмонов [103], Н. Усмонова [105], С. Ҳайдаров [107], И. Ҳамидиён [110], Э. Шоев [113] ва дигарон андешаҳои кӯтоҳу умумиро баён кардаанд.

Адибону публитсистони шинохта Кароматулло Мирзоев, Нур Табаров, Расул Шарифов, Ғулом Ҳайдар, Раҷаб Мардон ва дигарон дар

маҷмуаҳову нашрияҳои гуногун дар бораи А. Саъдуллоев баъзе матолибро ба нашр расонидаанд, ки бештар хотираву ёддоштанд. Дар мавриди фаъолияти публитсистии А. Саъдуллоев як диссертатсияи номзадӣ аз ҷониби З. Исмоилзода анҷом дода шудааст, ки дар он дар мисоли асарҳои ҷудогонаи адиб тараннуми оҳанги иҷтимоӣ таҳқиқ гардидааст. Дар мавриди таҳқиқи А. Саъдуллоев дар асару мақолаҳои С. Гулов, М. Имомзода, З. Исмоилзода, Ш. Муллоев, М. Муродӣ, Н. Саид ва чанде дигар фикрҳо назаррастар мебошанд. Дар ин самт мақолаи нисбатан мукаммали М. Муродиро метавон мавриди зикри хос донист, ки дар он «...ба фаъолияти пажуҳишии Асадулло Саъдуллоев, хосса вижагиҳои таҳқиқи публитсистика дар контексти мактаби илмии ӯ...» [67, с. 25] ишора карда мешавад.

З. Исмоилзода, ки муҳаққиқи публитсистикаи А. Саъдуллоев мебошад, «дар доираҳои адабиву илмӣ чун публитсисту муҳаққиқи публитсистика эътироф гардидан»-и [116, с. 3] А. Саъдуллоевро зикр менамояд.

Муҳаққиқи адабиётшинос М. Имомзода муҳаққиқи фаъоле медонад, ки «даҳҳо асарҳои бадеиву публитсистиро ба риштаи таҳқиқ кашидааст [50, с. 57] ва ҷойи дигар Асадулло Саъдуллоевро «парвардаву шогирди намоёни мактаби таҳқиқиву таълимии Соҳиб Табаров» [51, с. 6] ҳисобидааст.

Профессор И. Усмонов Асадулло Саъдуллоевро «...муҳаққиқи пухтакору донову дурбин» [103, с. 29], олими адабиётшинос А. Абдушукур «мунаққиди нуктасанҷ ва ҳақиқатнигори осори адибони муосир» [37, с. 108] эътироф кардаанд.

Муҳаққиқ С. Гулов дар бораи «такомули мактаби илмии А. Саъдуллоев ва меъёри интихоби шогирдон»-и ин муҳаққиқ ҳарф зада, худро «бо ифтихор шогирди мактаби илмиву таълимӣ»-и [43, с. 43] А. Саъдуллоев медонад ва ҳамчунин уфуқдор будани самти таҳқиқоти А. Саъдуллоевро зикр намудааст: «тамоми навиштаву гуфтаҳои устод

Асадулло Саъдуллоев гирди як меҳвар – Сухан ва мақоми он мечархад» [42, с. 4].

Профессор А. Азимов низ андеша дорад, ки А. Саъдуллоев бавуҷудоварандаи «...мактаби илмию эҷодии журналистика» [39, с. 69] ба ҳисоб меравад.

Муҳаққиқ Ш. Муллоев ба масъала фаррохтар нигариста, ақида дорад, ки А. Саъдуллоев дар таҳқиқоти гуногунпаҳлуи худ «...ҳама масъалагузориҳои фарҳангиву иқтисодиву сиёсиро баррасӣ карда тавонистааст». Дар ҷойи дигар профессор Ш. Муллоев мегӯяд, ки «...аз миёни назариячиёни журналистика то ҳол касе хулосаи мушаххаси худро нисбат ба жанри эссе гуфта натавонистааст, ба ҷуз А. Саъдуллоев» [15, с. 13].

Муҳаққиқ М. Муқимов А. Саъдуллоевро олими адабиётшинос эътироф менамояд: «...профессор А. Саъдуллоев дар баробари устоди журналистика буданашон олими забардасти соҳаи адабиётшиносӣ низ ҳастанд» [65, с. 22].

Профессор Н. Саид самтҳои асосии фаъолияти илмии А. Саъдуллоевро ба назар гирифта, чунин мегӯяд: «Устоди мо на танҳо дар ин самт тавфиқ ёфтанд, балки равияи оғозкардаи хешро ба мактаби қавии таҳқиқи публитсистика ва насри мустанад табдил доданд» [75, с. 13-14].

Муҳаққиқ А. Қутбиддиновро масъалаҳои сабки илмӣ дар осори А. Саъдуллоев ҷалб намудааст. Ба андешаи ӯ, дар сабки илмии А. Саъдуллоев: «ба ҳам омадани илмҳои фалсафа, таърих, сиёсат ва адабиёт» [58, с. 37] падидаи маъмулист.

Баъзе андешаҳои дигари муҳаққиқону публитсистону шогирдон дар маҷмуаҳову сарчашмаҳои дигар низ ҳастанд, ки бинобар ҷанбаи илмии маҳдуд доштан онҳоро қатъи назар менамоем. Бинобар ин, пажуҳиши ин масъала, яъне омӯзиши илмии публитсистикаи Асадулло Саъдуллоев аввалин таҳқиқ ба шумор меравад.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва ё мавзуъҳои илмӣ.** Мавзуи диссертатсия ба барномаҳои таълимӣ ва илмии самтҳои рӯзноманигорӣ ва публитсистика алоқамандии амиқ дорад. Масъалаи таҳқиқшаванда як ҷузъи корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи телевизион ва радиошунавонии факултети журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон мебошад.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚ

**Мақсади таҳқиқ.** Ҳадафи асосии таҳқиқ муайян намудани масъалаҳои асосии таҳқиқи А. Саъдуллоев дар самтҳои таъриху назарияи журналистика, насри публитсистӣ дар эҷодиёти адибон, жанрҳо ва проблемаҳои публитсистика ва мактаби ташаккулёфтаи таҳқиқи публитсистика мебошад.

**Вазифаҳои таҳқиқ**. Барои ноил гардидан ба мақсади пешгузошташуда ҳалли вазифаҳои зерин муҳим шуморида мешавад:

– муайян кардани саҳифаҳои асосии ҳаёт ва фаъолияти муҳаққиқ;
– нишон додани ҷузъиёти асосии фаъолияти журналистиии муҳаққиқ А. Саъдуллоев дар телевизион ва матбуот ва нақши расонаҳо дар такомули эҷодии ӯ;
– баррасии фаъолияти омӯзгории А. Саъдуллоев дар донишгоҳ ва таъсири он дар фаъолияти пажуҳишии муҳаққиқ;
– таҳлилу баррасии масъалаҳои назариявии публитсистикаи муосири тоҷик дар таҳқиқоти А. Саъдуллоев;
– мушаххас намудани муаммову мушкилоти публитсистикаи муосири тоҷик ва проблемаҳои дурнамои он, ки аз ҷониби муҳаққиқ А. Саъдуллоев баррасӣ гардидаанд;
– нишон додани симои М. Турсунзода ҳамчун мубаллиғи фаъоли даврy замон ва маълум намудани вижагиҳои осори публитсистии адиб дар осори А. Саъдуллоев;
– муайян кардани уфуқҳои таҳқиқи публитсистикаи муосир дар мактаби илмии А. Саъдуллоев;

– таҳлили вижагиҳои таҳқиқи журналистика бо роҳнамоии А. Саъдуллоев ва самтҳои асосии вобаста ба он;
– тавзеҳу тафсири мухтасари осори илмӣ, таълимӣ, публитсистӣ ва бадеии профессор А. Саъдуллоев.

**Объекти таҳқиқ.** Ба сифати объекти таҳқиқот тамоми осори илмиву публитсистии муҳаққиқ Асадулло Саъдуллоев, махсусан, асарҳои «Хосияти адабиёт», «Публитсистикаи Турсунзода» ва маҷмуҳои илмӣ-оммавӣ ва матбуоти даврӣ ба шумор меравbooнд, ки дар саҳифаҳои онҳо намунаҳои эҷоди илмии ӯ ба нашр расидаанд.

**Предмети таҳқиқ.** Таҳқиқи шаклгирии назарияи илмӣ дар шинохти соҳа ва хосияти пажуҳишҳои А. Саъдуллоев нисбат ба публитсистикаву осори адибони публитсист.

**Асосҳои назарии таҳқиқ**. Дар диссертатсия ба таълифоти донишмандони тоҷик, ба монанди И. Усмонов [30; 105], А. Нуралиев [18; 70], М. Абдуллоев [1; 36], М. Имомзода [51], А. Азимов [2; 39], С. Гулов [6; 44], А. Қутбиддинов [58; 59], М. Муқимов [61; 65], Ш. Муллоев [14; 15], М. Муродӣ [16; 67], Н. Салихов [28], З. Исмоилзода [116] ва дигарон такя карда шудааст.

**Асосҳои методологии таҳқиқ.** Диссертатсия дар асоси методҳои омӯзишӣ, таҳлилӣ, муқоисавӣ, таҳлили анъанавӣ ва контентӣ, таҳлили мантиқӣ таълиф гардидааст. Ин усулҳо имкон медиҳанд, ки сатҳи таҳқиқи дар асарҳову мақолаҳо истифодагардида аз нигоҳи забонӣ, услуб, сабк ва дараҷаи арзишдиҳӣ мушаххас карда шавад.

**Сарчашмаҳои таҳқиқ.** Сарчашмаҳои асосии таълифи диссертатсия асарҳои «Публитсистикаи Турсунзода» (Душанбе, 1988. – 112 с), «Жанрҳои таҳлилии матбуот» (Душанбе, 1994. – 58 с.), «Ҳамосаи инсони кор» (Душанбе, 1995. – 64 с.), «Хосияти адабиёт. Пайванди каломи бадеъ бо иҷтимоъ» (Душанбе: Адиб, 2000. – 264 с.), «Рангҳои зиндагӣ» (Душанбе, 2007. – 344 с.), «Наҷвои наҷотофарин» (Душанбе, 2008. – 112 с.), «Горизонты публицистики» (Душанбе, 2009. – 312 с.), «Эссе. Размышления о некоторых аспектах жанра и его эволюции» (Душанбе,

2010. – 116 с.), «Очерк: генезис, развитие и современное состояние» (Душанбе, 2012. – 216 с.), «Агар сухан коргар шавад...» (Душанбе, 1992. – 272 с.), «Муаммои назарияи публитсистика» (Душанбе, 2015. – 184 с.), «Бомдоди шубоб» (Душанбе, 1994. – 140 с.) ва дигар мақолаву асарҳои ба эҷоди А. Саъдуллоев алоқаманд мебошанд. Ҳамчунин, дар рисола 14 фишурдаву монографияҳои илмии муҳаққиқон ба сифати сарчашма дар самти журналистикаву публитсистика мавриди истифода қарор гирифтаанд.

**Навгонии илмии таҳқиқ**. Бори аввал осори илмии А. Саъдуллоев ва таҳқиқоти ӯ дар соҳаи публитсистика мавриди пажуҳиш қарор гирифта, мавқеи профессор А. Саъдуллоев дар таҳқиқи насри мустанад, масъалаҳои назариявӣ дар публитсистика, проблемаҳову муаммоҳои жанрӣ, сабку забону услуб, мундариҷаву мавзуъ, масъалаҳои рушду таназзули соҳа, мушкилоту монеаҳо, нақши адиб дар ташхиси равандҳои иҷтимоӣ, ташаккули мактаби илмӣ ва бисёр паҳлуҳои дигар нишон дода шудааст. Навгониҳои таҳқиқ ба он асоснок карда мешавад, ки чунин навъи пажуҳиш дар самти публитсистикаву журналистика яке аз нахустинҳост.

**Нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

1. Нақши асарҳои публитсистии адиб дар нишон додани марҳилаҳои тайкардаи ҳаётӣ, обутоб дар душвориҳову нобасомониҳои рӯзгор ва ташхиси набзи ҳаёт аз ҷониби публитсист дар заминаи мушоҳидаҳову хулосабарориҳо;

2. Аз майдони журналистикаи амалӣ таҳқиқу таҳлили воқеиятҳои замон, иҷрои вазифаҳои пурмасъул, бо сиёсати идеологӣ ҳамоҳанг будани фаъолиятҳои эҷодӣ, робитаву ҳамкориҳо бо адибони шинохтаи замон ва нақши матбуот дар такомули эҷодии адиби публитсист;

3. Пайванду робитаи амиқи таҳқиқ ва таълим дар заминаи фаъолияти омӯзгорӣ, таълим ва роҳнамоӣ ба шогирдони ҷавон, аз таҳқиқоти арзишманд омода кардани дастурҳову китобҳои дарсӣ ва нақши таълимгоҳ дар шаклгирии барномаву нақшаву мавзуъҳои илмӣ;

4. Шинохту муаррифии публитсистика ба сифати соҳаи алоҳидаи эҷод, ба сифати қувваи бузурги пешбарандаву такондиҳандаи вазъи иҷтимоӣ эътироф кардани публитсистика, махсусиятҳои мундариҷавию мавзуии публитсистикаи муосир дар марҳилаҳои гуногуни инкишоф, уфуқҳову марзҳои жанрӣ ва роҳу услуҳои оҷилии таъсир ба афкори ҷомеа;

5. Мавҷудияти нуқсону костагиҳо дар ифодаи мавқеи фард, таҳрифи воқеияту ҳақиқати ҳаводису рухдод, бидуни самимияту садоқат муносибат кардани адибон ба фазову муҳит, оҷиз будан аз ташхиси ботинии ҳаводис, дар доираи шарҳу таҳлилҳои ноқис қарор гирифтан, фаъолмандии заифи иҷтимоӣ, тасвирҳои бидуни руҳияи бадеӣ, харобии афкори мантиқӣ, ҷаҳонбиниҳои маҳдуду шахшуда ва амсоли ин ҳамчун ҷузъиёти манфӣ дар рушди публитсистика;

6. Имконоти публитсистика дар фарогирии ҷузъиёти иҷтимоии замони муосир, нақши матбуот ҳамчун нахустин минбари иҷтимоӣ дар ибрози андешаҳои М. Турсунзода, публитсистика ҳамчун силоҳи идеологӣ дар маҳкум намудани душманони дохиливу хориҷӣ, моҳияти фалсафии гуфтор, нақши сабку услубу забон дар пешниҳоди матлаб ва таъйиноту махсусиятҳои осори публитсистии М. Турсунзода дар як давраи муайяни таърихӣ;

7. Самтҳои асосии таҳқиқи публитсистика, нақши адибон дар рушду такомули насри публитсистӣ, шинохту таҳқиқи махсусиятҳои жанрӣ, сабку услуб, нақши публитсистика дар худшиносии миллӣ, равандҳои ислоҳоти иҷтимоӣ бо таъсири публитсистика, таҳқиқи образи публитсистӣ ва нақши маънавию сиёсии публитсистика дар замони муосир;

8. Хосияти дастуру китобҳои таълимӣ, марзи афкор дар асарҳои публитсистиву бадеӣ, ҷанбаҳои фарогири илмии асарҳои таҳқиқӣ.

**Аҳаммияти назарӣ ва амалии таҳқиқ.** Натиҷаи таҳқиқ ва хулосаҳои пешниҳодшуда тасаввурот ва донишҳои назариявиро дар фаҳмиши таҳқиқи публитсистика афзуда, метавонад, самтҳои нави таҳқиқро дар

шинохти соҳа ба вуҷуд оварад. Уфуқҳои таҳқиқ дар фаъолияти А. Саъдуллоев мушаххас гардида, ҷанбаҳои муҳимми он ба дигар илмҳои ҷомеашиносӣ муайян мегардад. Таҳқиқи мазкур муносибат ва мавқеи муҳаққикро ба масъалаҳои фарогири публитсистикашиносӣ мушаххас намуда, як паҳлуи муҳимми илми адабиётшиносӣ, ки мустақил гардидааст, собит менамояд.

Натиҷаҳои таҳқикро олимон, муҳаққиқони ҷавон, донишҷӯёни факултетҳои журналистикаву филология ва ихтисосҳои ҷомеашиносӣ метавонанд, ки васеъ истифода намоянд. Ин диссертатсия паҳлуҳои таҳқиқногардидаро муайян намуда, дар заминаи он монография ва дастурҳои таълимӣ метавонанд ба табъ расанд.

**Мутобиқати мавзуи диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Кори диссертатсионӣ дар мавзуи «Асадулло Саъдуллоев – муҳаққиқи публитсистикаи муосири тоҷик» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ бо шиносномаи ихтисоси илмии 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ мувофиқат менамояд.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ**. Диссертант дар таҳқиқи мавзуъ, таҳлили маводи ҷамъоварда, таълифи мақолаҳои илмӣ ва диссертатсия мустақилият дошта, дар раванди корҳои таҳқиқотӣ бо роҳбари илмӣ машваратҳои илмӣ намудааст. Мақолаҳои илмии диссертант натиҷаи пажуҳишҳои ӯ буда, дар шакли маърузаҳои илмӣ дар конференсияҳои гуногун пешниҳод гардидаанд.

**Тасвиби амалии натиҷаҳои таҳқиқ**. Диссертатсия дар кафедраи телевизион ва радиошунавонии факултети журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон омода гардида, дар ҷаласаи муштараки кафедраҳои телевизион ва радиошунавонӣ, матбуот, журналистикаи байналхалқӣ, услубшиносӣ ва таҳрири адабӣ муҳокима гардида (суратҷаласаи №5 аз 27.11.2024), ба ҳимоя пешниҳод шудааст.

Муҳимтарин натиҷаҳои таҳқиқи диссертатсионӣ дар шакли маъруза дар конференсияҳои ҷумҳуриявию байналмилалии илмӣ-назариявии зерин мавриди баррасӣ баён шудаанд:

**а) байналмилалӣ:**

– конференсияи илмию амалии байналхалқии «Нақши ВАО дар ҳамгироии кишварҳои Осиёи Марказӣ» – маъруза дар мавзуи «Дидгоҳи сиёсӣ ва мавқеи иҷтимоии муаллиф дар муаррифии Афғонистони охири асри ХХ (дар мисоли публитсистикаи А. Саъдуллоев)» (Душанбе, 2016);

– конференсияи байналмилалии илмию амалии «Афғонистон: инқилоби ғайриинтизор» – маъруза дар мавзуи «Афғонистони инқилобӣ дар хотироти профессор Асадулло Саъдуллоев» (Душанбе, 2018).

**б) ҷумҳуриявӣ:**

– конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявии ҳайати устодон ва кормандони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон бахшида «25 солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон», – маъруза дар мавзуи «Ҳаёт ва эҷодиёти профессор А. Саъдуллоев» (Душанбе, 2016);

– конференсияи ҷумҳуривии илмӣ-назариявии ҳайати устодон кормандони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон бахшида ба «20-солагии Рӯзи ваҳдати миллӣ» ва «Соли ҷавонон», – маъруза дар мавзуи «Мавқеи насри мустанад дар таҳқиқоти профессор А. Саъдуллоев» (Душанбе, 2017);

– конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявии ҳайати устодону кормандони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон бахшида ба Даҳсолаи байналмиллалии амал «Об барои рушди устувор – солҳои 2018-2028», «Соли рушди сайёҳӣ баҳунарҳои мардумӣ», «140-солагии зодрӯзи Қаҳрамони Точикистон Садриддин Айнӣ» ва «70-солагии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон», – маъруза дар мавзуи «Профессор А. Саъдуллооев ва накди адабии тоҷик»( Душанбе, 2018);

– конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявии ҳайати устодону кормандони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон бахшида ба «Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ (солҳои 2019-2021) ва «400-солагии Миробид Сайидои Насафӣ», – маъруза дар мавзуи «Накд ба осори илмӣ дар таҳқиқоти А. Саъдуллоев» (Душанбе, 2019);

– конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявии ҳайати устодону кормандон ва донишҷӯёни Донишгоҳи миллии Тоҷикистон бахшида ба ҷашнҳои «5500-солагии Саразми бостонӣ», «700-солагии шоири барҷастаи тоҷик К. Хуҷандӣ» ва «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф (солҳои 2020-2024), – маъруза дар мавзуи «Мавқеи очерк дар эҷодиёти профессор А. Саъдуллоев» ( Душанбе, 2020).

– конференсияи ҷумҳуриявии «Нақши публитсистика дар шароити ҷаҳонишавӣ» бахшида ба 80-солагии Асадулло Саъдуллоев, – маъруза дар мавзуи «Насри мустанад дар таҳқиқоти профессор А. Саъдуллоев» (Душанбе, 2020);

– конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалии «Таҳсилоти журналистӣ дар Тоҷикистон: вазъият, мушкилот ва пешомад», – маъруза дар мавзуи «Нақши ВЭА дар ташаккули афкори ҷамъиятӣ дар шароити муосир» (Душанбе, 2022).

**Нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия.** Муҳтавои асосии кори диссертатсионӣ дар 7 мақола, аз ҷумла 4 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон инъикос ёфтаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия аз номгӯйи ихтисораҳо ва (ё) аломатҳои шартӣ, муқаддима, се боб, нуҳ фасл, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ, рӯйхати адабиёт (маъхазҳо) ва феҳристи интишороти илмии довталаби дараҷаи илмӣ иборат аст. Ҳаҷми умумии диссертатсия 167 саҳифаро дар бар мегирад.

# БОБИ I

# НАЗАРЕ БА ҲАЁТ ВА ЗИНДАГИНОМАИ ПРОФЕССОР А. САЪДУЛЛОЕВ

## 1.1. Мухтасари зиндагиномаи А. Саъдуллоев

Зиндагиномаи профессор Асадулло Саъдуллоевро таҳияву таҳқиқ намудан чандон мураккаб ва дар баъзе мавридҳо саҳл низ нест. Зеро мавсуф дар баробари рӯзноманигору омӯзгору муҳаққиқ будан публитсисте низ ҳаст, ки дар домани воқеият марҳилаҳои тайкардаи ҳаётияшро нишон додааст. Возеҳ аст, ки фаъолияти ҳар як адибу муҳаққиқу эҷодкор пеш аз ҳама дар мероси хаттии ӯ ифода мегардад. Таърихи адабиёт ва журналистикаву публитсистикаи тоҷик донишмандони бузургеро ёд дорад, ки марҳилаи асосии зиндагии онҳо дар асарҳояшон ифода ёфтааст. Агар дар адабиёти классикии мо Носири Хисрав («Сафарнома»), Зайниддин Маҳмуди Восифӣ («Бадоеъ-ул-ваќоеъ») ва Аҳмади Дониш («Наводир-ул-ваќоеъ») барин адибон дар баробари ташхиси набзи замон дар партави асарҳои алоҳида зиндагиву аҳволи фардии худро нишон дода бошанд, пас дар адабиёти муосири мо оғоз аз остонаи асри бист устодоне чун Садриддин Айнив, Сотим Улуғзодаву Ҷалол Икромӣ барин адибони насрнавис дар қолаби ёддоштҳову асарҳои алоҳида зиндагиву фаъолияти гуногунҷабҳаи худро баррасӣ кардаанд.

Дар давоми сад соли охир анъанаи роиҷ гардидани хотираву ёддоштнависӣ барои аксар намояндагони соҳаҳои дигар, ки ҳунари эҷодкорӣ доранд, истисно намебошад. Аз рӯйи навиштаву сабтҳои ёддоштии онҳо маълум намудан мумкин аст, ки чӣ зиндагие доштанду то кадом андоза бо хидматҳояшон дар роҳи пешрафти илм ва рушди ҷомеа саҳм гузоштаанд. Инчунин, зиндагиномаи чунин донишмандон дар таърихи илм ва адабиёт саҳифаи наверо барои таҳқиқу омӯзиши дигар

боз мекунад. Чунин махсусиятро дар осори профессор А. Саъдуллоев низ мушоҳида намудан мумкин аст ва ба зиндагиномаи ӯ дар асоси асарҳои алоҳида, мақолаву нигоришҳо, очерку эссеҳо шинос гардидан имконпазир мебошад. Аз марги устод А. Саъдуллоев олими намоёни журналистикаи тоҷик чанд сол (4.02.2016) гузашта бошад ҳам, ин фосилаи кӯтоҳи вақт нишон медиҳад, ки А. Саъдуллоев дар публитсистикаву таълиму таҳқиқи ин соҳа шахсияти камназир аст. А. Саъдуллоев бисёр хотираҳои ҷолиб ва асрори зиндагии худро дар китоби «Бомдоди шубоб», ки асари ёддоштӣ мебошад, қайд намуда, «...гузашта хоҳ дур бошад, хоҳ наздик сабақомӯз аст» [25, с. 143] мегӯяд.

Дар китоби «Афғонистон – инқилоби ғайринтизор» низ ба баъзе давраҳои зиндагии муаллиф шинос шудан мумкин аст. Баъзе маҷмуаҳои дигар, ки ҳамчун ҷашнвора дар солгардҳои муаллиф ба нашр расидаанд, марҳилаҳои гуногуни ҳаёти ин муҳаққиқро бо ҷузъиёти гуногун баррасӣ кардаанд. Барои муайян намудани роҳи зиндагӣ, заҳмату талошу душвориҳо, фаъолияти меҳнатӣ ва ниҳоят симои эҷодиву илмии устод А. Саъдуллоев мо зиндагиномаи мухтасари ӯро пеш меоварем.

«Асадулло Саъдуллоев 22-юми сентябри соли 1940 дар деҳаи Карсанги ноҳияи Орҷоникидзеобод (собиқ Янгибозор, Кофарниҳон ва имрӯза шаҳри Ваҳдат С.Н.) дар оилаи деҳқон ба дунё омадааст» [5, с. 497]. Падару модараш одамони оддӣ - деҳқон буданд. Дар аввалҳои солҳои сиюм занону шавҳарони ҷавоне, ки дониши казоӣ надоштанд ба мактаби шабонаи маҳви бесаводӣ даъват мешуданд. Модараш Амина падараш Саъдулло низ аз ҷумлаи он оилаҳои ҷавоне ҳисобида мешуданд, ки барои ҳарфу савод омӯхтан ба ин мактаби шабона омада буданд. Саъдулло, ки шахси меҳнатдӯст буд, бештари вақташро ба кори колхоз мебахшид. Аз ин касб ва ҳосили як микдор замин, ки худаш дар он кор мекард, рӯз мегузаронд. Саъдулло баъд аз интизориҳои зиёд, соли 1940 соҳиби писар гашт. Ба писараш Асадулло ном гузошт. Тавре зикр гардид, падари Асадуллои хурдсол дар колхоз заҳмат мекашид ва рӯзгори се фарзанду ҳамсарашро пеш мебурд. Зиндагии чандон серу пур

надоштанд ва лозим меомад, ки падари хонадон шабу рӯз ба меҳнати деҳқонӣ машғул шавад: «Амаки Саъдулло аз субҳи содиқ то шом меҳнат мекард ва бевақтии шаб ба хона меомад» [40, с. 4]. Оилаи онҳо акнун сару сомони худро меёфт, ки ҶБВ оғоз гардид. Соли дуюми Ҷанги бузурги Ватанӣ, яъне соли 1942, замоне, ки Асадуллои хурдсол ҳамагӣ, якуним сол дошт, падараш Саъдуллоро ба ҷанг даъват карда бурданд. Амаки Саъдулло низ дар қатори ҳазорон нафар ҷавонмардон ба фронт рафт. Зиндагии аҳли оила мушкил гардид ва модари Асадуллои хурдсол бо ҳамроҳии ду нафар хоҳаронаш зиндагии пурмашаққате доштанд.

Саъдулло нахуст дар баталиони коргарӣ як муддат адои хизмат намуда, сипас ба майдони ҷанг фиристода мешавад. Дар муҳорибаҳои шадиди вилоятҳои Москва, Пенза, Курск иштирок менамояд. Бо ҷасорату мардонагӣ соли 1943 дар муҳорибаи сахту таърихии Курск иштирок намуда, ҳалок мешавад. Соли 1944 хати сиёҳаш ба деҳа меояд. Зиндагии боз ҳам вазнину тоқатфарсои оилаи бесаробон оғоз меёбад.

Тавре аз мазмуни асари «Бомдоди шубоб» бармеояд, модари Асадулло - Амина зани хушсаводи меҳрубоне буд, ки бо се фарзанд Аслияву Соҷида ва Асадуллои хурдакак баъди марги шавҳар танҳо мемонанд. Бо гузашти рӯзҳо вазъи зиндагияшон мушкилтар шудан гирифт. Амина ҳамроҳи духтаронаш ба кор баромаданд, дар колхоз сарак мечиданд ва аз он нисфаш ба хирмани колхоз ва нисф ба онҳо дода мешуд. Солҳои ҷанг барои халқ вазниниҳои зиёдеро пеш оварда буд ва ҳар як нафар муваззаф буд, ки ӯҳдадории аз хоҷагӣ гирифтаашро иҷро намояд. Аммо ҳамон сол зимистон сард омаду нақшаҳои Амина иҷро нагардиданд. Гуруснагиву қашшоқӣ Аминаро азият медоданд. Зарур шуд, ки аз ноилоҷиву нодорӣ ба хонаи хоҳаронаш барои пурсидани кумаку дасти ёрӣ равад.

Торафт зиндагӣ вазнин мешуд, барои Амина як зани муштипар тарбияи фарзандон ва ҳам дар баробари мардон кори колхоз намудан осон набуд. Азобҳои зани ҷавон Аминаро дида, хоҳаронаш пешниҳод менамоянд, ки издивоҷ намояд. Чунки дар он замони мушкилиҳо зани

бешавҳар ба танҳоӣ наметавонист, бори зиндагиро пеш барад. Гарчанде Амина аз ҳосили меваи боғашон рӯзгорашро пеш мебурд, ин кифоягӣ намекард. Сол то сол гоҳ селу борон, гоҳ офати дигар баракати ҳосили ғаллаву ғӯза ва меваро мепарронд. Барои модари танҳои бешавҳармонда зиндагӣ хеле сангин буд: «Баъд аз фикри зиёд билохира пешниҳоди хоҳаронашро қабул намуда, ба Нурмат (Нурмуҳаммад) як марди мусофир, ки тракторчӣ шуда дар колхоз кор мекард, ба шавҳар баромад. Нурмат марди болобаланди бурутакие буд, ӯ забонҳои тоҷикӣ, русӣ, форсӣ ва англисиро хуб медонист, гоҳ-гоҳе суҳбат менамуд. Нурмат бо Асадуллои хурдак ба зудӣ одат намуда, забон ёфтанд. Ин ду ҷӯра ба қавли Нурмат аз ҳам ҷудо набуданд. Асадулло Нурматро ака гуфта муроҷиат мекард» [25, с. 27].

Пайдо шудани Нурмат дар зиндагии хонаводa дигаргуниҳои куллиро ба миён меорад. Нурмат мисли падари ҳақиқӣ нисбат ба се ятими хонадон ва модари онҳо ғамхорӣ зоҳир мекард. Асадулло солҳои 1947-1957 дар мактаби миёнаи №13 таҳсил менамояд. Бори аввал ӯро ба мактаб Нурмат бурда буд. Директори мактаб ба номи кӣ ба қайд гирифтани Асадуллоро аз Нурмат пурсон шуд, «...албатта, ба номи раҳматии падараш гузаронед. Бо номи падараш хату савод барорад. Дар оянда одам мешавад» [25, с. 27]. Шояд тақдириояндаи Асадуллои ятиммондаро дасти шафқати падарандар – Нурмат то дараҷае равшан гардонида буд. Аз рӯйи маълумотҳо Нурмати тракторчӣ чун шахси босавод дар тарбияи Асадулло бетафовут набудааст. Дар таъмини рӯзгор ва таҳсили фарзандони хонавода Нурмат на камтар аз як падар саҳм гузоштааст. Агар чунин намебуд, ҳангоми марг ва видоъ Асадулло дасти Нурматро гирифта дар хаёл чунин сатрҳоро намеовард: «Ту будӣ, ки моро аз вартаи марг раҳонидӣ, ту будӣ, ки аз айёми мактабхонӣ Душанбераву шаҳргард шудам, тамъи кулчаҳои солҳои хрушевӣ ба хобгоҳ овардаат ҳоло ҳам таги дандон...» [25, с. 6].

Асадулло Саъдуллоев бештар ба фанни адабиёт шавқу рағбат дошт ва дар мактаб бо баҳои хубу аъло таҳсил менамуд. Ҳамчун як навраси

соҳибистеъдод дар чорабиниҳои мактабӣ аз шоирони классик шеър қироат карда, роҳи минбаъдаи худро дар эҷоду адабиёт суфта мекард. Аксари муаллимон ва директори мактаб лаёқати шеърхонии ӯро ба назар гирифта, ба маҳфилҳои мактабӣ ва ноҳиявӣ даъваташ мекарданд. Мактабро бо баҳои аъло хатм кард. Муаллимони мактаб машварат намуда,ояндаи ӯро чун муҳандис (инженер) муайян намуданд. Аммо худи А. Саъдуллоев мехост мисли муаллим – Шоҳ Ҷобир муаллими адабиёт шавад. Мавриди зикр аст, ки назар ба навиштаҳои зиёди А. Саъдуллоев нақши Шоҳ Ҷобир дар роҳи интихоби пешаи ӯ хеле назаррас аст. Маҳз устод Шоҳ Ҷобир шавқу рағбати А. Саъдуллоро ба насру назм зиёд намуда, ӯро ба маҳфилҳои шеъру адаб ҷалб мекард ва барои ҳамсолон як намунаи ибрат низ гардида буд: «...руҳафтода нашуд. Муаллимонаш ҳамаҷониба дастгирӣ мекарданд. Директори мактаб Абдулло Ҳабибов, ки ба волидонаш дар мактаби маҳви бесаводӣ дарс гуфта буд, Асадуллоро хуб мешинохт. Қобилият ва истеъдод дорад, – мегуфт ӯ. Танҳо тарбия ва кумак лозим аст.Ояндаи нек дорад, таъкид менамуд, – муаллими адабиёт Шоҳ Ҷобир» [40, с. 7]. А. Саъдуллоев фаъолона дар озмуну маҳфилҳо иштирок намуда, сазовори ҷойҳои намоён мегардид, ки ин аввалин қадамҳои мавсуф дар ҷодаи эҷод буд. Як нуқтаи муҳими дигар он аст, ки ҳанӯз дар овони мактабхонӣ Асадуллои наврасу ҷавон дар самти тарғибу ташвиқи сиёсати давлату ҳукумати шуравӣ саҳм мегузошт ва дар ин роҳ бинобар зиндагии душвор доштанашон ӯро дилсӯзона ҳавасманд ҳам мекарданд: «Асадуллоро барои тарғибу ташвиқи сохту низоми шуравӣ, тарзи зисту зиндагӣ, қарору дастурҳо ба бригадаҳо мебурданд. Асадулло дар байни деҳқонон шеър мехонд, шеърҳои публитсистӣ. Барои хизматаш ба ӯ пул низ медоданд. Аввалҳо намегирифт, вале устодон вазъи танги иқтисодии онҳоро медонистанд, маҷбур менамуданд, ки бигирад» [40, с. 7].

Ёддошту хотираҳои худи муаллиф ва навиштаҳои ҳамкасбону ҳамсолонаш гувоҳи онанд, ки Асадулло Саъдуллоев дар давраи бачагиву ҷавониаш ташвишҳои сахту сангинро аз сар гузаронида, қатъи назар аз

душворихову монеаҳои сахти зиндагӣ бурдборона заҳмат кашидааст. Назар ба қавле ӯ дар зиндагӣ аз оғоз “мури донакаш” буд, ки худро сохтан мехост: «Зиндагӣ ба сараш барвақт афтид. Хӯшачиниву даравгару говрон ҳам буд. Қаҳтиҳои зимистонро ҳам диду паси сар кард. Мисли мӯри донакаш ранҷу заҳмат кашида, ризқу рӯзиашро ёфт. Аз устодони мактабдор ва аз таҷрибаи роҳнамои рӯзгор илму адабу таълим гирифту ба қуллаҳои мурод расид» [68, с. 82].

Пас аз хатми муваффақонаи мактаби миёна А. Саъдуллоев қатъи назар аз мушкилоти зиндагӣ тасмим гирифта буд, ки таҳсили худро дар макотиби олӣ давом диҳад. Асадулло барои дар шаҳри Душанбе таҳсил намудан омодагиҳо медид, аммо барои ба пойтахт омадан «...на курта дошту на шим, на туфлӣ» [40, с. 10]. Дар ин мушкилӣ низ устодаш Шоҳ Ҷобир кумакрасон мешавад ва соли 1957 ба факултети таъриху филологияи Университети давлатии Тоҷикистон ба номи В.И. Ленин ҳуҷҷат супорад. Дар он солҳо шарти дохилшавӣ ниҳоят вазнин буд ва довталаб бояд ҳама имтиҳонҳоро бо баҳои аъло месупорид. Ҳамзамон, дар назди устодони бузургу шинохтае чун Шарифҷон Ҳусейнзода, Додоҷон Тоҷиев, Воҳид Асрорӣ, Соҳиб Табаров аз имтиҳон гузаштан кори саҳл набуд. Онҳое сазовори номи донишҷӯ мешуданд, ки агар истеъдоди фитрӣ медоштанд. Аз равзанаҳои дигар низ маълум мешавад, ки А. Саъдуллоев дар ҳалқаи дӯстону ҳамсолон барои супоридани имтиҳоноти дохилшавӣ ҷиддӣ омодагиҳо мебинанд. Дар ин маврид Н. Табаров чунин ишора менамояд: «... мо – чанд нафар довталабони янгибозорӣ, ки байнамон ҳамин Бозор Собири шуҳратёргашта низ буд, дар чанд кати оҳанин, дар ҳавлии хобгоҳи университети давлатӣ мехуфтем ва ба имтиҳонҳои дохилшавӣ тайёрӣ медидем» [102, с. 65]. Дар радифи довталабону ҳамзамон, шарикдарсони минбаъдаи худ чун Нур Табаров, Бурҳон Ғанӣ, Назира Қаҳҳорова, Бозор Собир, Раҳим Мусулмонқулов, Нозирҷон Қулматов, Шоҳмузаффар Ёдгорӣ, Эргаш Шоев ва дигарон А. Саъдуллоев низ муҳассили донишгоҳ гардид: «Тақдир даст дод, ки мо аз наздик соли 1957 шинос шудем. Ҳамон сол

ҳарду донишҷӯи факултети таъриху филологияи университет гаштем. Асадулло дар шуъбаи филология ва ман бошам, дар шуъбаи таърих таҳсил менамудем. Дарсҳои умумиамонро якҷоя мехондем» [69, с. 51]. Асадулло дар дарсҳо худро ҳамчун донишҷӯи фаъол нишон медод, ҷустуҷуву талош мекард ва давоми таҳсил байни донишҷӯён дар донишгоҳ ӯро ҳамчун донишҷӯи соҳибқалам мешинохтанд. Донишҷӯи воқеӣ буд ва бо мутолиаву ҷустуҷӯҳои пайваста дар миёни шарикдарсон эътироф гардида буд: «...байнамон ҳамин Асадуллои лӯндача аз қишлоқи Карсанг бо ғайрату кӯшиши хос фарқ мекард. Агар аз дӯсташ Азиз Ҳафизов ӯро суроғ кунӣ, мегуфт, чӣ донам, дар ягон гӯшаи китобхонаи Фирдавсӣ мурда-мурда китоб мехонад» [102, с. 65]. Дар даврони донишҷӯи низ А. Саъдуллоев худро ҳамчун ҷавони болаёқат нишон дода, дар маҳфилҳо иштирок намуда, шеър қироат менамуд. Дар байни ҳамкурсонаш нафароне буданд, ки шеър эҷод мекарданд. Аммо А. Саъдуллоев қалами хуб дошту бештар ба наср таваҷҷуҳ мекард. А. Саъдуллоев аз дарсу тарбияи донишмандони соҳа ба монанди В. Асрорӣ, А. Баҳоваддинов, Л. Бухоризода, Б. Ниёзмамадов, С. Табаров, Д. Тоҷиев, Ш. Ҳусейнзода, М. Эркаев ва дигарон баҳраҳои зиёд мебурд. Зеҳну ҳофизаи хуб ва мутолиаву омӯзишҳои пайваста боис мегардид, ки ӯ дар маҳфили адабии «Адибони ҷавон»-и факултет яке аз фаъолон бошад. Ин маҳфил бо ҷалби адибону шахсиятҳои шинохта дар тарбияи адибону олимони ҷавон нақши муаасир мегузошт: «Шоирон ва нависандагон Мирзо Турсунзода, Боқӣ Раҳимзода, Фотеҳ Ниёзӣ, Сотим Улуғзода, Ҷалол Икромӣ, Фазлиддин Муҳаммадиев, Юсуф Акобиров, Аминҷон Шукуҳӣ, Абдусалом Деҳотӣ, Пулод Толис дар маҳфилҳо иштирок намуда, навиштаҳои донишҷӯёнро андозу баркаш менамуданд» [40, с. 10]. Дарвоқеъ ин «андозу баркаш»-ҳо натиҷа доданд ва ин насл аксаран адибону муҳаққиқони варзида ба камол расиданд.

Асадулло Саъдуллоев бо матбуот ҳамкории доимӣ дошт ва хабару лавҳаву мақолаҳо навишта дар газетаи «Комсомоли Тоҷикистон» («Комсомолец Таджикистана») ва дигар нашрияҳо чоп менамуд. Ин боис

мегардид, ки дар доираҳои эҷодӣ ӯро шиносанд: «Аз соли 1955 сар карда дар матбуоти пешоҳангону ҷавонон гоҳ-гоҳ хабару мақолаҳои банда чоп мешуд. Ба туфайли он ман бо бисёр қаламкашон ғоибона ошно гаштам. Яке аз онҳо Асадуллои Саъдулло буд» [69, с. 51]. Аввалин ҳикояи А. Саъдуллоев бо номи «Ҳайкалча» дар рӯзномаи «Ба қуллаҳои дониш» (рӯзномаи донишгоҳӣ) чоп гардид, ки ҳамон рӯзҳо ба муносибати саду даҳсолагии Ленин озмун эълон шуда буд. Ҳикоя дар озмун ҷойи аввалро гирифт ва соҳиби мукофот ҳам гардид.

Дар баробари он ки дар замони донишҷӯӣ ба эҷоду эҷодкорӣ наздик буд, барои боз ҳам пайвастагии бештар пайдо намудан «...солҳои 1960-1962 шунавандаи университети мухбирони коргару деҳқони назди газетаҳои ҷумҳуриявӣ мешавад» [112, с. 5]. Ҳамин гуна А. Саъдуллоев соли 1962 донишгоҳро хатм менамояд. Сайқал ёфтани ҳунар ва шиносоии бештар бо назокати касби журналистӣ боис мешавад, ки ӯ ба майдони амалияи касб ворид гардад: «Соли 1962 дар синни 22-солагӣ ба майдони амалияи журналистика ворид мегардад ва ба ҳайси муҳаррири телевизиони Тоҷикистон корро оғоз менамояд» [112, с. 5]. Кор дар телевизион мушкиливу монеа надошт ва завқу шавқи касб Асадуллои ҷавонро ба муҳити амалии касб наздик менамуд: «Дар телевизион Асадулло бо Меҳмон Бахтӣ дар як редаксия кор мекард. Барнома таҳия мекарданд ва маводҳои зиёдеро омодаи пахш менамуданд» [40, с. 16].

Маҳорату лаёқати А. Саъдуллоев дар матбуот бештар ба назар мерасид ва аз аввали солҳои донишҷӯӣ ба наср дилбастагии бештар пайдо карда буд, ки ин ҷиҳат дар фаъолияти минбаъдаи ӯ таъсири бузург мегузошт. Дар солҳои 1964-1968 дар рӯзномаи он замон машҳури «Маориф ва маданият» ба сифати мудири шуъба даъват шудаву фаъолият кардааст. А. Саъдуллоев дар ин нашрия чандин солҳо фаъолияти муваффақона дошт ва дар пешрафти кори мусбати рӯзнома ҳиссагузор буд. Бо омадани ӯ ба ин нашрия муҳити озоди нашрия, ки бо шарофати Буринисо Бердиева озоду дардошно буд, боз ҳам озодтар

гардид. Мавзуоти ҳассосу нозукро ин нашрия бо руҳияи худшиносии миллӣ боҷуръатона инъикос мекард.

Маҳорату ҷаҳонбинии А. Саъдуллоев такмил меёфт ва дар доираҳои эҷодӣ шахсияти ӯро эътироф мекарданд. Дар солҳои 1969-1975 дар нашрияи бонуфузи «Тоҷикистони советӣ» низ ба сифати мудири шуъба ба кор даъват карда мешавад. А. Саъдуллоев зинаҳои эҷодӣ ва фаъолиятҳои кориро муваффақона тай мекард. Донишу истеъдоди ӯро дар қиёс бо шарикдарсон, дар ҳақиқат, эътироф мекарданд: «...майдони эҷодии ӯ нисбатан васеътар аст». Ҳамин сифатҳои мусбат буд, ки солҳои 1975 ба ӯ вазифаи котибии масъули нашрияи «Тоҷикистони советӣ»-ро бовар карда месупоранд. Тавре маълум аст, дар он солҳо котиби масъули нашрия будан баробари сармуҳаррири рӯзнома будан ба ҳисоб мерафт. Дар рӯзномаи расмии бонуфузи ҷумҳурӣ аллакай камолоти эҷодиро мебинад ва барои ӯ робита бо адибон мактаби хосе низ ба ҳисоб меравад: «Ба идораи рӯзнома шоиру нависандагон, М. Турсунзода, Б. Раҳимзода, Ф. Муҳаммадиев, А. Атобоев, М. Наҷмиддинов, Ф. Ниёзӣ, М. Қаноат, Сорбон, Лоиқ ва дигарон меомаданд. Баъзан мешуд, ки баҳс, мунозира, шеърхонӣ як маҳфили бузургро мемонд» [40, с. 16].

Мавриди зикр аст, ки Асадулло Саъдуллоев аз соли 1970 дар кафедраи адабиёти советии тоҷик ним баст кор мекард. Таълиму тарбияи шогирдон ӯро ба таҳқиқу омӯзишҳо низ водор мекард. Аз нозукиҳои майдони амалияи публитсистика огаҳ буд ва худ низ чун як публитсисти воқеъбин эътироф мегардид. Вақте мехоҳад, ки аз кори рӯзнома канор раваду ба фаъолияти омӯзгорӣ пурра машғул шавад, ба ӯ иҷозат надода, таъкид мекарданд: «ту коммунист ҳастӣ, ҳар ҷо ҳизб гӯяд, ҳамонҷо кор мекунӣ» ва аз кор ҷавобаш намедоданд. Дар ниҳоят бо мусоидати шахсиятҳои шинохта – Р. Додобоев, И. Қаландаров, Б. Насриддинов ва Б. Бердиева аз вазифаи ҷонишинӣ озод менамоянд. Чунончӣ, дар навиштаҳо омадааст: «Соли 1980 вақте ба кафедраи фолклор ва адабиёти халқҳои СССР-и Донишгоҳи давалатии Тоҷикистон (ҳоло Донишгоҳи миллии Тоҷикистон) ба кор меомад, аз идораи рӯзномаи «Маориф ва

маданият» ба ӯ иҷозаи рафтанро намедоданд ва аризаашро қабул намекарданд. Танҳо бори шашум дар Бюрои КМ ҲҚ Тоҷикистон аризаи ӯро қабул мекунанду аз вазифаи ҷонишинии муҳаррир озод мекунанд» [51, с. 11].

Дар солҳои 1980-1981 боз ба журналистикаи амалӣ баргашта, ба ҳайси ҷонишини муҳаррири «Маориф ва маданият» ва «Газетаи муаллимон» адои вазифа менамояд. Бо хати кашидаи тақдир аз нав ба донишгоҳ бармегардад ва акнун фаъолияти доимии профессор Асадулло Саъдуллоев дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз соли 1981 оғоз мегардад: «Аз 1 январи соли 1981 ба ҳайси муаллими калони кафедраи фолклор ва халқҳои СССР-и факултети филологияи ДДТ ба кори педагогӣ шурӯъ намуд. Нахуст, ба ҳайси муаллими калони кафедраи фолклор ва адабиёти халқҳои СССР, сипас, дотсенти ҳамин кафедра (1983)» кору фаъолият кардааст [112, с. 6]. Фаъолият дар донишгоҳ дар ҳаёти эҷодии А. Саъдуллоев гардишҳои куллиро ба вуҷуд меоварад. Ин омил қабл аз ҳама ба фаъолияти муҳаққиқии А. Саъдуллоев рабт дорад, ки акнун боҷуръатона ба таҳлилу таҳқиқи матолиби матбуот ва асарҳои адибони замон рӯ меоварад. Қатъи назар аз фаъолияти муҳаққиқиву омӯзгорӣ ҳамчун як публитсисти ботаҷрибаву дақиқбин ҳамкории пайвастаи худро ба васоити ахбори омма ба роҳ мегузошт.

Баъдан солҳои 1984-1987 ба сифати устоди факултаи улуми иҷтимоӣ ва журнализми Пуҳантуни шаҳри Кобули Афғонистон адои вазифа мекунад. Дар Афғонистон дар кори таълиму тарбия саҳм гузошта, асарҳову мақолаҳои зиёдро таълиф менамояд. Ба ҳайси устоди донишгоҳи Кобул фаъолият намудан, ин пеш аз ҳама тавсияву дархости устоди дигари донишгоҳ Иброҳим Усмонов буд, ки то ватан баргаштан дар онҷо фаъолият мекард. Зеро И. Усмонов лаёқату дониш ва маҳорати А. Саъдуллоевро медонист. А. Саъдуллоев бо фаъолият дар ин донишгоҳ корҳои сиёсиву таблиғотиро пеш мебурд ва дар ин бора баъдан дар китоби «Афғонистон – инқилоби ғайриинтизор» хеле муфассал маълумот медиҳад. Баъди се соли фаъолият дар донишгоҳи Кобул А. Саъдуллоев

ба ватан баргашта, кори омӯзгориро дар кафедраи журналистика ва адабиёти халқҳои СССР идома медиҳад.

Соли 1988 ба сифати дотсенти кафедраи фолклор ва адабиёти халқҳои СССР интихоб шуда, солҳои 1987-1991 вазифаи муовини декан оид ба илми факултаи филологияи ДМТ, солҳои 1992-2002 вазифаи мудири кафедраи назария ва таърихи журналистикаи тоҷик ва бори дуюм солҳои 2007-2009 вазифаи мазкурро иҷро намудааст. Солҳои 2002-2005 А. Саъдуллоев дар вазифаи декани факултети журналистика ва тарҷумонӣ низ кор кардааст ва бо иқдоми он кас дар ҳаёти факултет навгониҳои тоза ба вуҷуд омаданд: «А. Саъдуллоев ҳамчун декан дар таърихи факултет бори аввал бо намояндагони ВАО ва Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон нишасти ихтисосӣ ташкил намуда, мушкилоти омодагии касбии рӯзноманигорони ояндаро ба баррасӣ кашиданд.

Мавсуф соли 1966 оиладор мешавад ва соҳиби 6 фарзанд гардидааст.Профессор Асадулло Саъдуллоев 4 феврали соли 2016 аз олам чашм пӯшид. Номбурда муаллифи 40 асар ва беш аз 1000 маводи публитсистӣ мебошад.

Асадулло Саъдуллоев соли 1989 сазовори медали «Ветерани меҳнат», соли 1998 барандаи ҷоизаи Иттифоқи журналистони Тоҷикистон ба номи А. Лоҳутӣ ва ҳамон сол сазовори медали ифтихории «Хизмати шоиста», соли 2013 барои хизматҳои бисёрсола ҷиҳати омодакунии кадрҳои баландихтисоси журналистӣ ба унвони фахрии «Корманди шоистаи Тоҷикистон» шарафёб гардидааст. Ҳамзамон, «...хизматҳои профессор А. Саъдуллоев ҳамчун рӯзноманигор ва устоди донишомӯз намоён буда, бо Ифтихорномаи Совети Олии РСС Тоҷикистон, нишони Созмони ҷавонони Афғонистон, «Аълочии маорифи халқи Тоҷикистон», «Аълочии маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Аълочии фарҳанги Тоҷикистон», «Аълочии матбуоти Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Аълочии телевизион ва радиои Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва ғайра қадр карда шудаанд» [112, с. 6].

## 1.2. Фаъолияти рӯзноманигории А. Саъдуллоев

Вақте ба ҳолномаи умумии профессор Асадулло Саъдуллоев менигарем, зуд маълум мешавад, ки робитаву бастагиҳои ӯ ба кори эҷоду рӯзнома дар қиёс бо дигар навъи фаъолиятҳояш бештар мебошанд. Ин ҷо замони дар донишгоҳ фаъолият карданаш низ дар назар аст, ки дар саҳифаҳои рӯзномаву маҷаллаҳои кишвар мақолаҳои таҳлилӣ, очерку лавҳаҳо, эссеву тақризҳои зиёдеро нашр кардааст. А. Саъдуллоев дар охирин солҳои ҳаёти худ маҷмуи эссеву репортажҳои худро мураттабу бо номи «Афғонистон: инқилоби ғайриинтизор» ба нашр расонидааст. Оғози зиндагияш бо қалам марбут буд ва анҷоми он низ ба қалам нуқта гузошта шуд. Профессор И .Усмонов ба он ишора менамояд, ки А. Саъдуллоев «...ҳар соати арзанди умрро сабт мекунанд» [103, с. 29]. Яъне эҷодкорӣ дар ниҳоди ӯ табиӣ вуҷуд дошт. Маҳз ин омил гувоҳи он аст, ки ӯ ба фатҳи ҳар қуллаи муроде, ки мушарраф гардидааст, тавассути қаламу эҷод расидааст. Бо қалам ва донишу идроки қавияш соҳиби ному соҳиби нон мегардид. Ба эҷод пайвастагӣ доштанаш аз овони мактабхонияш оғоз мегардад ва табиист, ҳар нафаре ба қаламу қоғаз пайвастагӣ дорад, ҳатман аз мактаби эҷодии матбуот мегузарад, ҳунари худро сайқал медиҳад ва ниҳоят ба қуллаи камолот мерасад. Ин фарзияро устод А. Саъдулоев дар қолаби фалсафию бадеӣ дар асари «Бомдоди шубоб» чунин зикр кардааст: «Чун ба синфи ҳафтум рафтаму аз катаки ба мурғхона табдилёфтаи утоқи пастаке дафтарҳои чорхонаи зиёдеро баровардам, дидам, ки аксари онҳо зиндагиномаи худи ман аст. Ҳанӯз аз синфи се бо пешниҳоди падарандарам бо нақли ҳаводисе пур мекардаам» [25, с. 3]. Дар иқтибоси боло иборaҳои «дафтарҳои чорхона», «зиндагинома», «нақли ҳаводис», «воқеот», «варақгардон» ва чанде дигар ифодаҳое мебошанд, ки дар илму соҳаи публитсистика ченакҳои асосианд.

Ба таври мисол ифодаи воқеият нақли ҳаводис дар ташхиси матолиби матбуотӣ ва асарҳои гуногуни публитсистӣ хеле зиёд ба кор

бурда мешаванд, ки онро А. Саъдуллоев нисбат ба аввалин навиштаҳояш баъди 40-50 сол гуфтааст. Воқеияти возеҳ аст, ки матбуот танҳо эҷодкорони асилро ба дараҷаи публитсисту адиби мушоҳидакор мерасонад, ки А. Саъдуллоев аз ҷумлаи онҳост. Дар китоби «Адибони Тоҷикистон» роҳи тайкардаи А. Саъдуллоев кутоҳу мухтасар чунин нишон дода шудааст: «Корманди телевизиони тоҷик», хабарнигори рӯзномаи «Маориф ва маданият», корманди масъули рӯзномаи «Тоҷикистони советӣ», устоди Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон будааст» [5, с. 497]. Ин маълумот низ далели он аст, ки фаъолият дар матбуот дар такомули шахсияти А. Саъдуллоев нақши меҳварӣ дорад.

Фаъолияти расмии рӯзноманигории А. Саъдуллоев ҳанӯз аз даврони донишҷӯияш оғоз гардида, дар минбарҳои матбуотӣ мақоми худро пайдо мекард. Ҳарчанд хабару мақолаҳои ӯ то ин замон дар матбуот ба табъ мерасид, тавре зикр гардид, аввалин ҳикояи муваффақонаи А. Саъдуллоев бо номи «Ҳайкалча» дар нашрияи донишгоҳии «Ба қуллаҳои дониш» (рӯзномаи донишгоҳӣ) ба табъ расида, ғолиби озмун мешавад. Ҳикояи мазкур хусусияти публитсистӣ дошт ва оҳанги рӯзро ифода мекард. Дар озмун ғолиб гардидан ба он ҷиҳат вобаста буд, ки оҳанги идеологии замонро ифода карда, садоқату самимияти як наврасро дар замони ҷанг нишон медод. Сужаи мухтасари ҳикоя он аст, ки замони ҷанг наврасе ҳайкалчаи доҳиро ҳифз кардан мехоҳад ва намехоҳад, ки он ба дасти душманон афтад. Ин озмун ба муносибати саду даҳсолагии В.И. Ленин доир гардида буд ва ғолиби он соҳиби мукофот дар ҳаҷми 50 сум гардид.

Яке аз аввалин нигоштаҳои А. Саъдуллоев, ки ба қавле сару садоро ба миён оварда буду муаллифро ба муҷозот низ гирифтор кард, ин матлабе буд, ки бо номи «Афсус, ки фелетон навиштам», ки дар таърихи 29-уми майи соли 1961 дар нашрияи «Ба қуллаҳои дониш» ба табъ расидааст. Дар ҳама давру замонҳо як шинохти шартии журналисти боҷуръату боҷасорат он аст, ки агар дар фаъолияти худ фелетону памфлет эҷод карда бошад. Чун ба феҳристи осори А. Саъдуллоев

менигарем, ин гуна навиштаҳои интиқодии кам нестанд ва «Афсус, ки фелетон навиштам» аз ҷумлаи онҳост. Ин фелетон ҳанӯз дар овони донишҷуии муаллиф нашр гардидааст. Қаҳрамони фелетон духтаре бо номи Аҳдия аст, ки шарикдарси муаллиф мебошад. Аҳдия духтари нозанини гуруҳ аст, ки аз ишқи ӯ якбора чанд нафар дар азоб мебошанд. Аҳдия бошад, таваҷҷуҳи ягона ба Нодир ном ҷавон дорад.

Такомули шахсияти эҷодкор аз муҳити фарогир вобастагиҳои зиёд дорад. Маҳфилҳое, ки дар он намунаи эҷоди навқаламон баррасӣ мегардаду аз ҷониби адибони собиқадор (М. Турсунзода, С. Улуғзода, М. Миршакар, Ф. Ниёзӣ, Ғ. Мирзо, Ф. Муҳаммадиев ва диг) муҳокима мешавад, беҳтарин мактаби тарбияву камолоти А. Саъдуллоев ба шумор меравад. Дар миёни ҳамсабақони Асадулло Саъдуллоев сабқати эҷодии хосе вуҷуд дошт. Тавре аз мазмуни қиссаҳову эссеҳои асари «Бомдоди шубоб» бармеояд, дар тарбияи қаламкашони ҷавони солҳои панҷоҳум ҳамин маҳфилҳои доимоамалкунандаи эҷодӣ бештар нақши муаасир мегузошт. Роҳи онҳоро дар эҷод мекушод ва тақдири минбаъади онҳоро низ маълум менамуд: «...аллакай дар солҳои донишҷӯӣ мо касби ояндаи хешро муайян намуда будем» [69, с. 51].

Дар ҳақиқат, ин маҳфилҳо онҳоро ислоҳ мекард, роҳ нишон медод ва завқу шавқашонро бештар мегардонид. Ҳамин аст, ки намояндагони ин насл дар ниҳоят аксаран қуллаҳои камолоти эҷодиро фатҳ карда тавонистанд. Пайроҳаи эҷодӣ дар матбуот барои ӯ аллакай маълум гардида буд, аммо мехост, ки ба жарфнои касбу пеша боз ҳам амиқтар фурӯ равад. То замони ба дорулфунуни журналистика омадан чандин матолиби ӯ дар нашрияҳои «Комсомолец Тажикистана» ва «Комсомоли Тоҷикистон» чоп шуда буданд. Он солҳо дар рӯзномаҳо эълон баромада буд, ки дар назди газетаҳои партиявӣ Дорулфунуни журналистика кушода мешавад. Аз рӯйи ин эълон ҳамроҳи дӯсташ Раҳим онҷо ба таҳсил меравад. Таҳсил дар ин дорулфунун маҳорати рӯзноманигории ӯ ва шарикдарсонашонро сайқал медиҳад. Аз беҳтарин сармуҳаррирону журналистони шинохта дарси амалияи рӯзноманигориро меомӯхтанд.

Воқеиятписандӣ, муқаддас донистани минбари эҷодӣ, ба иззати нафси касе нарасидан, эҳтироми сухан, ҳимояи манфиати иҷтимоӣ, ҷустуҷӯву мутолиаи пайваста ва амсоли ин нозукиҳои касб буданд, ки 25 нафар аввалин хатмкардаҳои дорулфунун онро азбар намуданд. А. Саъдуллоев бо ин ҳама маҳорату нигоришҳои хуб доштан метавонист, ки корро баъди хатми донишгоҳ аз даргоҳи матбуот оғоз намояд. Аммо дар он солҳо қомат афрохтани манораи телевизионӣ ҳангомаи бузурге дар доираҳои эҷодӣ ба шумор мерафт: «Ҷараёни таҳсили донишгоҳ ҳамон соле анҷом ёфт, ки манораи телевизиони Тоҷикистон, аз оҳану оҳанпора ба фарози 80-90 метр бардошта шуду шӯру ғиревро дар ҷумҳурӣ бардошт, ки ин манора баландтарин дар ҷаҳон асту ҳамагон қабулу шукргузорӣ кардем» [43, с. 80].

Ҳар як падидаву зуҳуроти нав дар ҷомеа бо шакли хос қабул мегардад. Ба фаъолият пардохтани телевизион ҳавасу завқи эҷодкорони ҷавонро бештар бедор мекард. Гумони равшан низ он аст, ки дар ин самт аз як ҷониб ҳавову ҳаваси ҷавонони эҷодкор нисбат ба тамоюли нав – телевизион ба назар расад, аз паҳлӯи дигар А. Саъдуллоев дар телевизион низ худро озмудан мехост: «Телевизион ба кор даромад, Асадулло тибқи барномаи медонистагии худаш худро ба оғӯши он андохт» [46, с. 83].

Ҳамкории ӯ бо телевизион аз соли 1959 шуруъ гардида, робитаи доимӣ боис гардид, ки аввалин қадамҳоро дар амалияи журналистика аз телевизион оғоз намояд. Режиссёри онвақтаи телевизион Алиризо Раҳмонқулов ва сармуҳаррири бахши адабӣ Ҷурабой Охуновро метавон устодони аввалини ӯ дар кори телевизион ном бурд. Ҳангоми ҳамкориҳои овони донишҷӯӣ аз телевизион ҳаққи қалам мегирифт ва дар таҳияи барномаҳо саҳм мегузошт. Чун донишгоҳро хатм менамояд, аз рӯйи тақсимот барои кор ба ноҳияи онвақтаи Ғарм номнавис мешавад. Роҳхатро ба устодони худ дар телевизион нишон медиҳад ва ин сабаб мешавад, ки фаъолияти амалиро на чун омӯзгор, чун балки журналист ба роҳ гузорад. Бо мусоидати директори студияи телевизиони тоҷик

Меҳрубон Назаров дар шуъбаи сиёсӣ ба сифати тарҷумон ӯро ба кор гирифтанд. Дар телевизион кор кардан барои А. Саъдуллоев саҳифаи нав дар ҷодаи эҷод буд. Ҳамзамон, ӯ имкон дошт, ки дар ҳамагуна нашрия соҳиби кор гардад. Муддати се моҳ дар ин шуъба ҳамчун зинаи санҷишӣ бидуни маош кор менамояд. Лаёқат ва ҳунари эҷодкорияшро ба назар гирифта, баъди ин ба шуъбаи адабӣ-драмавӣ ба кор гузаронида мешавад. Ба сифати муҳаррир ва муҳаррири калон дар ин самт фаъолияташро ба роҳ гузошта, аз ҳунару кордонии худ дарак дода тавонист. Дар идораи мазкур А. Саъдуллоев аз мактаби инсони наҷибу донишманд, хоксору ғамхор, сармуҳаррир Фотеҳ Исҳоқӣ баҳраҳои зиёд бурдааст. Маҳорат ва саҳми зиёди А. Саъдуллоев дар кори телевизион ҳеҷ гоҳ сарфи назар нест: «...то дами субҳ ману ӯ яктоӣ саҳнаи панду насиҳатӣ офаридему ба телевизион расонидем. Ҳамин тавр намоишномаи аввалини «Беғараз панд...» арзи ҳастӣ кард, ки то ба имрӯз побарҷост» [46, с. 86], – мегӯяд ҳамкори Асадулло Саъдуллоев. Аз ин бармеояд, ки Саъдуллоев дар телевизион низ садоқатмандона ва босамар фаъолият дошт.

Завқи баланд ва ҳунари эҷодкорӣ дар кори телевизион барои А. Саъдуллоев роҳнамои асосӣ буд ва табиист, ки дар солҳои аввал ҳама кор аз сифр оғоз мегардид. Сенариянависӣ ва таҳияи барномаҳо барои он солҳо аввалин заминаҳое буданд, ки рушду такомули ояндаи телевизионро таъмин карда метавонистанд. Ин таҷрибаву ҷаҳонбиниҳо минбаъд барои дигар фаъолиятҳои ӯ мусоидат ҳам кардаанд. Ин ҷиҳатро журналист, муҳаққиқ ва омӯзгор М. Муқимов чунин таъкид кардааст: «Устод кори телевизионро низ хуб медонистанд, зеро баъди хатми донишгоҳ фаъолияти журналистиашонро дар телевизиони навбунёди Тоҷикистон оғоз карда буданд. Ҳамин буд, ки баъдан солҳо вазифаи мудири кафедраи телевизион ва радиошунавонии Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро ба дӯш доштанд» [65, с. 22].

Дар телевизион дар таҳияву роҳандозии беҳтарин барномаҳои панду ахлоқӣ саҳм мегузошт. Аз ҷумла дар таҳияву шаклгирии барномаи

овозадори «Беғараз панд» ҳиссаи Асадуллои ҷавон кам набуд. Як муддати муайян бо Меҳмон Бахтӣ дар идора фаъолият мекард ва ҳамин тавр зиндагии пурэҷоди худро пеш мебурд.

Сару кор доштан бо қоғазу қалам дар ниҳоду ботини А. Саъдуллоев ҷой дошт, ки аз ин устодону шарикдарсону доираҳои эҷодӣ огаҳ буданд. Барои ба матбуот ба таври расмӣ баргаштанаш ҳамсабақи ӯ Мазҳабшо Муҳаббатшоев сабаб мегардад. Ин даъвату таклиф бо ҳамон асос буд, ки ҳамсабақаш аз лаёқати Асадулло дар доираи маҳфилҳои зиёди донишгоҳӣ огаҳӣ дошт. Соли 1964 бо таклифи М. Муҳаббатшоев, ки котиби масъули рӯзномаи «Маориф ва маданият» таъйин шуда буд, ба ин нашрия ба кор омад. Дар вазифаи мудири шуъбаи органҳои роҳбарикунандаи маорифи халқ дар ин нашрия ба кор оғоз намуда, то соли 1969 дар ин вазифа фаъолият намуд. Дар он солҳо ин нашрия то андозае рӯҳияи демократӣ дошт ва ошкоро муҳимтарин масъалаҳои доғи ҷомеаро баррасӣ менамуд, ки дар ин самт А. Саъдуллоев яке аз фаъолтарин муаллифон ба шумор мерафт.

Вобаста ба ин, муҳаққиқони соҳа чунин назар доранд: «...омадани Асадулло Саъдуллоев ба рӯзномаи «Маориф ва маданият» фазои холии муҳитро пур кард. Боз як қаламкаши бедор, ҷасур ва дардошно пайдо шуд. Кӯшиши азму суботи ӯ ба ҳама маъқул афтод» [40, с. 16].

Андешаи дуруст аст, ки А. Саъдуллоев аз як мактаби бузурги эҷодӣ гузашта, дар миқёси ҷумҳурӣ журналисти шинохта ба шумор мерафт. Боҷуръат будан, бо ҷасорат баён кардани ҳадаф ва рӯ овардан ба мавзуоти доғи рӯз дар фаъолияти минбаъдаи ӯ бо таъсири мактаби «Маориф ва маданият» мебошад. Яке аз муҳаққиқони нашрияи мазкур Н. Нурализода низ мактаби камолот будани нашрияи мазкурро дар тарбияи публитсистону муҳаққиқон истисно намедонад: «Бисёр олимон ва муҳаққиқон низ дар ин нашрия ба камол расидаанд, ки Баҳром Фируз, Абдураҳамон Бухоризода, Асадулло Саъдуллоев, Урватулло Тоиров, Бобо Худойдодов аз ҷумлаи онҳо мебошад» [19, с. 82]. Дар ҳақиқат, дар ин давраҳо А. Саъдуллоев дар ин нашрия рӯҳияи замонро ба таври ба

худ хос инъикос мекард. Масалан дар мақолаҳое чун «Меҳри Ватан» («Маориф ва маданият», 1967, 28 март), «Инсон иззат дорад», («Маориф ва маданият», 1965, 19 октябр), «Камоли истеъдод» («Маориф ва маданият», 1966, 8 январ), «Марди ҳазорфарзанд» («Маориф ва маданият», 1966, 1 феврал), «Садои абадият» («Маориф ва маданият», 1967, 19 сентябр), «Тӯҳфа» («Маориф ва маданият», 1968, 25 апрел) ва амсоли ин гуногунмавзуӣ ва шакли баёни рӯҳияи махсуси иҷтимоӣ ба назар мерасад. Ба таври мисол очерки «Инсон иззат дорад» дар баробари офариниши образи Талбак ба масъалаҳои дигари зиндагӣ – ахлоқу маънавият дахл мекунад. Дар муколамаҳои қаҳрамони очерк муаммоҳои зиндагӣ баррасӣ мешаванд: «Об фақат ба пеш ҳаракат мекунад. Аз субҳ то шом соҳил мелесаду бас. Пас чаро «заминро обу одамро одам вайрон мекунад» мегӯянд. Заминро вайрон кардани об шояд аз безабонии ҳар дуи онҳо мебошад. Он гоҳ оламу одам чӣ мешавад» [82]. Очерки мазкур образи ягона надорад ва дар он Федор, Шота, Сергей намояндагони миллати рус мебошанд, ки ҳамагӣ дар арсаи меҳнат садоқатмандона дар пайи созандагиҳо қарор доранд. Дар очерки мазкур саҳнасозиҳо ҷолиб буда, масъалаи дӯстии халқҳо низ нишон дода мешавад.

Як хусусияти назаррас дар матолиби нашркардаи А. Саъдуллоев он аст, ки аксари навиштаҳои ӯ дар қолаби жанри очерк мувофиқ меоянд. Онҳо аз нигоҳи ҳаҷм низ хурд нестанд. Ба таври мисол очерки «Марди ҳазорфарзанд» дар ду саҳифаи нашрияи «Маориф ва маданият» ба табъ расида, мавзуи таълиму тарбияро фаро гирифтааст. Лазар Абдураҳмонов бо лаёқату кордонияш дар ноҳия овозадор гардидааст. Очерк аз лавҳаҳои «Калиди пешрафт – боварӣ», «Ашки шодӣ» ва «Самара» [86] иборат гардида, образи Лазар дар он меҳварӣ аст. Дар ин очерк услуби нақли маълумотӣ бештар ғолиб гардида, муаллиф нақши муаллимро дар ҷомеа баланд нишон додааст.

Соли 1969 тибқи дастури ҳокимияти вақт А. Саъдуллоев ба рӯзномаи шинохтаву бонуфузи дигар - «Тоҷикистони советӣ»

(«Ҷумҳурият») ба кор фиристода мешавад. Дар оғоз ба сифати мудири шуъбаи мактабу маданият ва баъдан мудири шуъбаи адабиёт ва санъат таъйин карда мешавад. Фаъолияти густурдаи рӯзноманигорӣ дар нашрияи «Тоҷикистони советӣ» барояш душворӣ надошт. Навкору навомӯз набуд ва дар рӯзномаи мазкур дар асоси таҷрибаҳои қаблии дар нашрияи «Маориф ва маданият» ҳосилнамудааш хеле осону самаровар эҷод менамуд. Очерку лавҳаҳо ва хабару гузоришҳои зиёдро ба нашр мерасонид. Ҳайати эҷодии нашрия ва умуман, муҳит дар такомули ӯ дар он солҳо қатъи назар нестанд: «...муҳаррири он вақтаи «Тоҷикистони Советӣ» Шодӣ Саидов, ки марди хеле донишманду хушгуфторе буд, кадрҳои тарбияю тайёркардаи Бӯринисо Бердиеваро хапак-хапак, яке паси дигаре туздидан гирифт. Оқибат чунон шуд, ки байни ду – се сол инҷониб, Мардон Раҷаб, Ҳаёт Давлатов, Мазҳабшоҳ Муҳаббатшоев, Асадулло Саъдуллоев, Наҷмуддин Азизов ва дигарон аз «Маориф ва маданият» ба «Тоҷикистони советӣ» ҳиҷрат карданд» [46, с. 86].

Маълум аст, ки жанрҳои аз чанд нигоҳ муҳташами публитсистӣ диққати ӯро бештар ҷалб мекарданд. Дар он солҳо «Маориф ва маданият» то ҳадде истиқлоли эҷодии кормандонашро таъмин мекард. Ҷуръату ҷасорат ва назари тунду интиқодӣ яке аз он омилҳое буданд, ки дар навиштаҳои аксар кормандонаш вуҷуд дошт ва А. Саъдуллоев дар ин самт истисно набуд. Ин ҷиҳат дар раванди фаъолият дар нашрияи «Тоҷикистони советӣ» барояш бетаъсир намемонд. Як ҷиҳати назарраси эҷоди А. Саъдуллоев он аст, ки дар жанри очерку лавҳа низ, ки аслан вазифаи онҳо ба суроғи қаҳрамони мусбат рафтан мебошад, муаллиф аз ҷузъиёти танқиду мазаммат истифода мебарад. Муаллиф дар ҳошияи образҳои мусбати худ ба таври халалдорнашаванда ҷузъиёти манфии ҳаётро матраҳ мекард. Ба таври мисол дар очерки «Орият» («ТС», 30.12.1970 сол) ҳадафи асосӣ нишон додани симои зани намуна – Одинамоҳ бошад ҳам, муаллиф бо усули қиёс дигар роҳбарони хоҷагиҳоро зикр менамояд, ки дар кор номуваффақанд. Онҳо танқид карда мешаванд ва мавқеи муаллиф дар масъала боҷуръатона аст.

Одатан чунин усули баён хоси жанри фелетон аст, ки муаллифони фелетони дар навиштани очерк низ аз он қатъи назар наменамоянд. Дар навиштани фелетон низ А. Саъдуллоев дар нашрияи мазкур маҳорати зиёд нишон медод. Дар фаъолияти солҳои ҳафтодуми нашрияи «Тоҷикистони советӣ» як падидаи маълум он аст, ки пояи танқид устувор ба назар мерасад. Фелетони «Савлат аз кисаи давлат» («ТС», 15.06, 1972 сол) аз ҷумлаи он навиштаҳои А. Садуллоев мебошад, ки раиси қаллобу ришвахор Сафар Одинаев ошкору тезутунд тақдиду мазаммат мегардад. Албатта, «…ҷанбаҳои ҳуқуқӣ ва ахлоқӣ»-и [18, с. 149] фелетон аз назари муаллиф дур намемонад ва ҷанбаи тарбиявии он дар асоси ҳукму хулосаҳо вуҷуд дорад. Факту аснод ва далелу рақамҳои кофӣ дар он фароҳам омадаанд. Муаллиф ҳангоми баррасии мавзуъ ва офаридани симоҳо ба паҳноҳои зиндагӣ нигариста, муҳитро низ дар содир кардани чунин ҷинояту дуздӣ гунаҳкор медонад.

Дар нашрияи «Тоҷикистони советӣ» барои А. Саъдуллоев мавзуъҳо уфуқҳои васеъ пайдо менамояд ва инро дар мисоли матолибе чун «Соҳибдил» («Тоҷикистони советӣ», 1968, 6 октябр)», Илм-дастгири истеҳсолот» («Тоҷикистони советӣ», 1969, 25 май), «Бо чашми хирад бин» («Тоҷикистони советӣ», 1969, 10 декабр), «Маърифатнокӣ-шарти аввал» («Тоҷикистони советӣ», 1970, 6 феврал), «Сайри адабиёти тоҷик» («Тоҷикистони советӣ», 1971, 8 декабр), «Нависанда ва деҳот», («Тоҷикистони Советӣ», 1972, 30 ноябр), «Моҳпарӣ» («Тоҷикистони Советӣ», 1973, 9 июн), «Одаму либос», («Тоҷикистони Советӣ», 1974, 31 декабр) ва амсоли ин дидан мумкин аст. Дар ин ва дигар навиштаҳои адиб масъалаҳои бунёдкориву созандагиҳо, мавқеи адибони сулҳпарвар, фиребгариву қаллобии баъзе масъулон, садоқат ба ватан, дӯстиву рафоқати халқи сермиллати Иттиҳоди Шуравӣ, мубориза алайҳи империализм, нақши М. Турсунзода дар инъикоси сулҳу дӯстӣ, инқилобу созандагиҳо, васфи диёри кӯҳистон, нақши адиб дар пешравии ҳаёт ва даҳҳои дигар аз мавзуъҳое ба шумор меравнад, ки бо мубрамияти худ ҷойгоҳи вижа доранд.

Муҳит ва мактаби нашрияи «Тоҷикистони советӣ» бошад, аз «Маориф ва маданият» бо куллӣ фарқ мекард. Мактаби «Тоҷикистони советӣ» ба А. Саъдуллоев дар се самт хеле муҳим буд:

1. А. Саъдуллоев ба адабиёт ва муҳити адабӣ хеле қарин гардид. Бо адибоне чун Ш. Ёдгорӣ, А. Самад, Ғ. Сафарзода, С. Ҳалимшо ва дигарон якҷо – дар як утоқ корро пеш бурдан маънии дар сафи ин адибон қарор доштани ӯро дошт.

2. Ташрифи пайвастаи Ф. Муҳаммадиев, М. Наҷмиддинов, Ф. Ниёзӣ, Б. Раҳимзода, М. Турсунзода ва дигар адибони шинохта ба идораи рӯзнома, ки ба баргузории маҳфилҳои хурди адабӣ анҷом меёфт, донишу ҷаҳонбиниҳои ӯро торафт вусъат мебахшид.

3. Дар идораи нашрияи мазкур аз нигоҳи сиёсиву идеологӣ А. Саъдуллоев обутоб ёфт ва ӯро ба яке аз таблиғгарони фаъоли сиёсати давру замон табдил дод.

Мактаби матбуот бо гузашти вақт А. Саъдуллоевро камолот бахшида, ба дараҷаи адибу публитсист расонидааст. Яке аз муҳаққиқони осори ин публитсисту муҳаққиқу омӯзгор З. Исмоилзода чунин таъкид менамояд: ««Аз журналистикаи амалӣ, ки маводаш дар Телевизиони Тоҷикистон ва рӯзномаҳои «Тоҷикистони советӣ» (имрӯза – «Ҷумҳурият»)-у «Газетаи муаллимон» (имрӯза – «Омӯзгор») ба табъ расидааст, публитсисти воқеӣ буданашро бозгӯ менамояд» [52, с. 4].

Фаъолияти чанд даҳсола дар нашрияҳо ва махсусан, масъули мудири бахшҳои маънавию адабии рӯзномаҳо будан тавонист, ки А. Саъдуллоевро ба сифати як адибу публитсисти дақиқбин ба камол расонад. Публитсистика ин қабл аз ҳама дар заминаи маҳорати эҷодӣ ва донишу ҷаҳонбиниҳо ташхис намуда тавонистани ҳақиқату воқеияти замон мебошад. Публитсистро қабл аз ҳама нигоришҳои пайваста ва қудрати дарки набзи замон ба қуллаҳои баланди эҷодӣ мерасонад. А. Саъдулоев низ дар ҳама марҳилаҳову давраҳои эҷодӣ тавонистааст, ки дар ташхиси набзи ҳаёти иҷтимоӣ муваффақ бошад: «Барои Асадулло Саъдуллоев навиштану эҷоди очерку мақола, эссеву қиссаву ҳикоя ва

асарҳои илмиву оммавӣ осон аст. Зеро ҷаҳонбинии васеъ, дониши амиқу хазина ва захираи бойи маънавиёт дорад» [71, с. 80].

Асадулло Саъдуллоев бо фаъолият дар матбуот ва ҳамкориҳои пайваста дар он барои навқаламону шогирдон мактаби тарбия низ мебошад. Ин омил ба он марбут аст, ки мавсуф солиёни тӯлонӣ аз нашрияҳои ноҳиявию донишгоҳӣ оғоз карда, то дараҷаи котиби масъули нашрияи бонуфузи ҷумҳуриявӣ роҳи амалияро бурдборона тай кардааст. Бо назардошти фаъолияти матбуотии ин адиб профессор М. Муқимов дар эссеи худ қайд менамояд: «Вақти донишҷӯии мо устод Асадулло Саъдуллоев мегуфтанд: «Имрӯз шумо барои ном нависед, то шуморо шиносанд. Пагоҳ ном ба шумо нон медиҳад» [65, с. 18].

Телевизион ва махсусан, матбуот барои А. Саъдуллоев дар давоми даҳсолаҳо ба сифати мактаби обутобу роҳнамоӣ хидмат кардаанд. Дар китоби «Адибони Тоҷикистон» дар радифи 360 нафар адибони муосир қарор ёфтани номи Асадулло Саъдуллоев далели он аст, ки мавсуф чун як адиби эътирофшуда дар насри публитсистӣ мебошад. Дар он қайд мегардад, ки «...ҳикоя очерк ва асарҳои илмӣ менависад» [5, с. 497] ва ин хулосаву бардошт ба солҳои 2000 хос мебошад. Дар давоми зиёда аз як даҳсолаи дигар уфуқҳои эҷодии ӯ боз ҳам доманаҳои васеъ пайдо менамоянд. Асарҳои хосаи публитсистии ӯ ба монанди «Дил ба ёдгор», «Дарё равон аст», «Бомдоди шубоб» «Бозсозӣ – оини худсозӣ» ва «Афғонистон: инқилоби ғайриинтизор» намунаи барҷастаи публитсистӣ мебошанд, ки дар заминаи таҷрибаҳову мушоҳидаҳои адиб таълиф гардидаанд.

Дар маҷмуъ А. Саъдуллоев муддати 17 сол дар рӯзномаҳои «Маориф ва маданият», «Газетаи муаллимон», «Тоҷикистони советӣ» дар вазифаҳои мудири шуъба, котиби масъул, ҷонишини сармуҳаррир адои вазифа дошт. Дар солҳои 1997-2001 сардабирии нашрияи «Ватанпарвар»-ро низ ба ӯҳда дошт, ҳамзамон, аз соли 1981 то соли 2005 дар нашрияи расмии Тоҷикистон - «Ҷумҳурият» ба ҳайси тарҷумон - мушовир фаъолият кардааст.

## 1.3. Фаъолияти омӯзгорӣ

Журналистика, таҳқиқ ва таълим се бахши бузурге мебошанд, ки дар ҳаёту фаъолияти А. Саъдуллоев ба назар мерасанд ва ӯ дар ҳар кадоме аз ин ҷабҳаҳо муваффақу комёб аст. Ин се ришта дар фаъолияти ӯ ҳеҷ гоҳ аз ҳамдигар ҷудо нагардидаанд ва барои фарди муваффақ бояд ҳамин тавр ҳам бошад. Зеро барои устоди фанни журналистика ин се рукн устувории таълимро таъмин менамояд. Маҳз ҳамин омил аст, ки дар таълиму таҳқиқу публитсистика профессор А. Саъдуллоев соҳибмақом гардидааст. Таълим бо таҳқиқ ҳамеша тавъам аст ва таҷаммӯи ҳақиқии онҳо намунаи эҷоди публитсистиро ба вуҷуд оварда метавонад. Асадулло Саъдуллоев дар баробари кор дар расонаҳо ба фаъолияти омӯзгорӣ низ машғул шуда, аз соли 1970 то соли 1980 дар кафедраи адабиёти советии тоҷики Университети давлатии Тоҷикистон ба ҳайси ҳамкор фаъолият менамуд. Ба андешаи муҳаққиқ М. Имомзода маҳз ин давраҳо заминаи устувори фаъолияти омӯзгории А. Саъдуллоевро ташкил медиҳанд. Ин замина дар минбаъда низ хеле устувор гардид, зеро мавсуф аз мактаби таълиму тадриси устоди тавонои соҳа Соҳиб Табаров гузашта буд: «Асадулло Саъдуллоев парвардаву шогирди намоёни мактаби таҳқиқиву таълимии Соҳиб Табаров ба шумор мерафт, ки талаботу нозукиҳои ин мактабро аз худ кардаву аксар вазифаҳоро сарбаландона ба сомон расонида буд» [51, с. 6]. Дар заминаи ҳамин такомул дар мактаби фаррохи омӯзгориву таҳқиқии адабиётшиноси варзида баъдан профессор И .Усмонов низ «Асадулло Саъдуллоев муҳаққиқ ва омӯзгори пухтакор ва доно ва дурбин мебошанд» [103, с. 29] гуфта, ҳукми нисбатан қотеътарро дар шинохти пешаи омӯзгории номбурда баён менамояд.

Соли 1980 дар натиҷаи озмун ба вазифаи муаллими калони кафедраи фолклор ва адабиёти халқҳои СССР интихоб шуд. То соли 1984 муаллими калони кафедраи мазкур буд. Аз замоне ки ба сифати муаллими калон корро оғоз кард, устод А. Саъдуллоев то охири умр ба

донишҷӯёни бахши филология ва журналистика дарс гуфтааст. Ба кори омӯзгорӣ гузаштани ӯ чандин сабабҳо дорад. Аввалан, фаъолият дар телевизиону матбуот ӯро собиқадор гардонид ва таҷрибаву малакаи зиёде пайдо кард. Ба андешаи ҳамсолонаш, ки шоҳиди ҳол буданд, Асадулло бояд ин донишҳову таҷрибаҳояшро ба ҷавонон меомӯхт. Маҳорати навиштан, услуб, сабк, назарияи адабиёту публитсистика, қолабҳои жанрӣ ва забони баён, техникаву технологияи ВАО ва даҳҳои ҷузъиёте буданд, ки бояд асрори онҳоро ба ҷавонон меомӯхт.

А. Саъдуллоев барои касби омӯзгорӣ шояд қаблан омодагӣ медид. Мавсуф соли 1973 ба сифати аспиранти ғоибонаи донишгоҳ барои худ мавзуи илмӣ интихоб менамояд ва зери роҳбарии С. Табаров онро соли 1978 ҳимоя менамояд. Мавзуи интихобгардида, ки «Публитсистикаи Турсунзода» ном дошт, ба самти фаъолияти касбии муаллиф мувофиқ афтода буд. Ин мувофиқат ба ду ҷанба вобастагӣ дошт. Якум дар доираи фаъолияти рӯзнома табиату хосияти журналистикаро ҳамчун ташхискунандаи набзи замон аз наздик дарк карда буд. Дуюм завқи баланди эҷодӣ дар самти публитсистикаи бадеӣ ва ҳамзамон, тарғибу ташвиқ дар ин ҷода муаллифро аллакай, аз бисёр паҳлуҳои идеологияи замона воқиф намуда буд.

Дар донишгоҳ кушода шудани шуъбаи журналистикаи дар дохили факултети филология барои журналистони он замон ҳангомаи андак набуд. Ин падида ҳамчун зуҳуроти нав хеле хуб қабул карда мешуд: «...Асадулло ҳам ба онҳо пайваст. Чаро ки кулвори аз таҷрибаи кор дар телевизион, газетаи «Маориф ва маданият», «Тоҷикистони советӣ» пуршударо пеши пасовандони навруста боз кардан лозим буд» [46, с. 89].

Яке аз устодони соҳаи журналистика мудири кафедраи фолклор ва адабиёти халқҳи СССР Воҳид Асрорӣ ба А. Саъдуллоев боввариву эътимоди зиёд дошт. Ӯро ҳамчун журналисти воқеии замон эътироф мекард ва аз донишу ҷаҳонбиниҳояш умеди зиёд дошта, дар аввалин солҳои фаъолияташ «дар симои А. Саъдуллоев олими ҳақиқӣ, журналисти пухтакор ва публитсисти оташинсуханро медид» [40, с. 4].

Ногузир буд, ки аз рӯйи талаботи замон нависандагону зиёиёну шоирон ва аҳли адаби мо замоне дар Ҷумҳурии Исломии Афғонистон аз рӯйи рисолаташонро (тарҷумонӣ, омӯзгорӣ, мушовирӣ ва ғ.) иҷро мекарданд. Ва дар бораи фаъолият ва буду бошашон дар ин кишвар хотироташонро дар шакли ҳикоя, повест ва очерку эссеву мақолаҳо менавиштанд. Як зумра устодони УДТ низ дар самтҳои гуногун дар донишгоҳҳои Кобул ба донишандӯзон дарс мегуфтанд, ки риштаи улуми журналистӣ дар ин самт истисно набуд. Яке аз нахсутин устодони соҳа дар ин самт И. Усмонов буд, ки баъди адои қарордод ба ҷойи худ А. Саъдуллоевро тавсия медиҳад.

Аз рӯйи шарт ба Афғонистон онҳое сафарбар мегардиданд, ки ҷаҳонбинии васеи сиёсӣ доштанд ва бо донишҳои замонавӣ (забондонӣ, бо хати форсӣ балад будан, ҳунари таҳлилӣ доштан ва ғ.) мусаллаҳ буданд. Аз ҷумла, Асадулло Саъдуллоев соли 1984 ба тавсияи Вазорати маълумоти олии СССР ба Ҷумҳурии Афғонистон фиристода шуд, тӯли се сол (1984-1987) дар факултаи улуми иҷтимоӣ, журналистикаи Донишгоҳи Кобули Ҷумҳурии Исломии Афғонистон ба донишҷӯёни афғон дарс мегуфт. Мавсуф дар ин самт шахси тасодуфӣ набуд ва дар мутобиқат ба сиёсати замона дар корҳои тарғиботиву идеологии ҳокимияти шуравӣ нақши сазовор мегузошт.

Таълиму тадрис дар хориҷа сатҳи донишҳову ҷаҳонбиниҳои ӯро боз ҳам баланд мебардошт. Тӯли се соли дар Афғонистон будан профессор А. Саъдуллоев китобҳову мақолаҳо ва очерку лавҳаҳои зиёде эҷод намуд. Аз ҷумла, дар ин давра асарҳои таълимиву методӣ ба монанди «Теорияи таҳқиқ» (бо ҳаммуаллифи А.Х. Маданӣ), «Ҳамосаи инсони кору пайкори қаҳрамонони воқеӣ» (бо ҳаммуаллифи К. Оҳанг), «Хандаи созанда» (бо ҳаммуаллифи К. Оҳанг), «Журнализми радио», (се китоб) (бо ҳаммуаллифии А.Х. Маданӣ), «Очерк», «Филми мустанад» ва китоби бузургҳаҷми «Журналистикаи телевизион», инчунин даҳҳо барномаҳои корӣ ва дастурҳои методию таълимӣ иншо шудааст.

Дар бораи фаъолияти омӯзгорӣ, муҳаққиқӣ, дӯстиву рафоқат бо ҳамкасбон аз Афғонистону дигар гушаву канорҳои Иттиҳоди Шуравӣ ва чанде аз ҷузъиёти дигар дар ин кишвари ҳамзабон дар китоби «Афғонистон: инқилоби ғайриинтизор» хеле фаррох сухан меравад. Муаллиф ин китобро баъди 20 соли буду бош дар Афғонистон таълиф кардааст. Ҳамчун як асари хоси публитсистӣ китоби «Афғонистон: инқилоби ғайриинтизор», маҷмуаи эссеву лавҳа ва репортажҳои бадеиро дарбар мегирад, ки инъикосгари ҳаёти охири инқилоби демократии Афғонистон дар хотироти профессор А. Саъдуллоев мебошанд. Ин маҷмуа зиёда аз 103 лавҳаю ҳикояву навиштаҳои адибро дар бар мегирад, ки назар ба қавли худи муаллиф бештар аз ҳама эссеву репортажҳои бадеӣ мебошанд. Зеро дар он иншои ҳама мавзуъ озодонаву бидуни қолаб сурат гирифта, мавқеи «ман»-и муаллифӣ хеле чашмрас аст. Инчунин, тасвиру бозгӯи замону рӯз хеле воқеъбинона ва моҳирона сурат гирфтааст.

Фаъолияти пурсамари илмиву таълимӣ бо назардошти таълифи асарҳои гуногуни илмиву таълимӣ боис мегардад, ки «...соли 1988 бо қарори кумитаи Иттиҳоди Шуравӣ оид ба маълумоти олӣ ва миёнаи махсус ба ӯ аттестати дотсенти кафедраи фолклор ва адабиёти халқҳи СССР» [112, с. 6] дода шуд. Минбаъд ба ҳайси дотсент дар кафедраи журналистика ва адабиёти хориҷӣ, ба сифати муовини декан оид ба илм дар факултети филологияи ДМТ ва раиси Шӯрои методии факултети журналистика ва тарҷумонӣ фаъолият кардааст

Солҳои 1992-2002 ва дубора соли 2007-2009 мудири кафедраи телевизион ва радиошунавонӣ, солҳои 2004-2006 мудири кафедраи журналистикаи байналхалқӣ, солҳои 2002-2005 декани факултаи журналистикаи ДМТ, аз соли 1998 профессори кафедраи телевизион ва радиошунавонӣ шуда кор мекард. Солҳои муайян дар ДСРТ низ ба пешаи омӯзгорӣ машғул гардидааст. Солҳои 1998-2016 узви Шӯрои диссертатсионии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (ДМТ) ва Донишгоҳи словянии Россияву Тоҷикистон (ДСРТ) аз рӯйи ихтисосҳои филологӣ

буд. Тавре зикр гардид, Асадулло Саъдуллоев муаллифи беш аз 40 асари илмӣ, 10 асари публитсистӣ-бадеӣ, 280 мақолаи илмӣ ва беш аз 1000 ( ҳазор) мақолаи публитсистӣ мебошад, ки тавъам будани се навъи фаъолияти ӯро (таҳқиқ, таълим, публитсистика) нишон медиҳанд. Агар шартан аз соли 1964 ба фаъолияти кории устод А. Саъдуллоев назар андозем, дар ҳақиқат, ин се ҷабҳаро ҳеҷ гоҳ аз ҳам ҷудову яке аз онҳоро пурра тарк накардааст.

Соли 1998 Вазорати маориф ва илми Федератсияи Россия Асадулло Саъдуллоевро бо унвони профессор (аввалин профессори тоҷик дар риштаи журналистикаи радиову телевизион) сазовор донист. Талоши пайваста, саъйи комил, иродаи қатъӣ, таҷрибаи корӣ дар матбуот, кӯмаки устодон ва хусусан, шавқи кашфи илм боиси он гардид, ки дар баробари таълим А. Саъдуллоев паҳлуҳои назариявии илми адабиётшиносӣ ва журналистикаро боз ҳам амиқтар омӯзаду таҳқиқ намояд. А. Саъдуллоев таҳти роҳбарии олими маъруф, узви вобастаи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон Соҳиб Шӯҳратиевич Табаров соли 1978 ба таҳқиқи публитсистикаи устод Мирзо Турсунзода, ки ҳанӯз дар қайди ҳаёт буданд, оғоз карда буд. Таҳқиқи М. Турсунзода дар он солҳо шарафи бузург буда, ин шахсияти тарғибкунандаи сулҳу дӯстӣ дар миқёси иттиҳоди Шуравӣ ва берун аз он шинохташуда ба шумор мерафт.

Дар таълиму тадриси донишҷӯёни риштаи журналистика А. Саъдуллоев бо тамоми маънӣ навовар ва аз ҳама паҳноҳои ихтисоси журналистика огоҳ буд. Дар арафаи 60-солагии А. Саъдуллоев яке аз олимони шинохта ва яке аз асосгузорони шуъбаи журналистӣ дар донишгоҳ М. Қосимова чунин қайд карда буд: «Ҳамчун олим ва устод корҳои зиёдеро ба сомон мерасонад: мақолаву монографияҳои зиёде таълиф кардааст, барои донишҷӯён китобҳои дарсиву васоити таълим навиштааст ва онҳо нашр ҳам шуданд. Ҳоло чандин асарҳои ӯ интизори чопанд. Дар соҳаи журналистикаи тоҷик шигирдони зиёде дорад, ки чанде аз онҳо соҳиби дараҷаи илмӣ низ гардиданд» [57, с. 49].

А. Саъдуллоев дар баробари журналист ва публитсисти касбӣ будан, инчунин донандаи хуби забони русӣ буд ва дар он ҷо тарҷумонӣ низ мекард: «Бо луғату саводи забони русӣ сару кор гирифт ва ин забон комилан забони дуюми модарии ӯ шуд. Асадулло бо ин забон озод мехонду бе хато менавишту ҳарф мезад. Ва боз суст наомада, баробари аз худ намудани донишҳои дар барномаи таълимии донишгоҳ пешбинигардида дафтари фарҳанги забони русӣ кушод» [74, с. 92-93]. Дониши забони русӣ дари илму таълиму эҷодро барои муаллиф васеъ кушодааст.

Агар аз оғози солҳои ҳафтодуми асри гузашта гирем, фаъолияти қариб панҷоҳсолаи омӯзгории профессор А. Саъдуллоев хеле самаровар гузаштааст. Дар ин маврид ҳамкасбону ҳамсолон, устодону шогирдон ва адибону муҳаққиқони зиёде нуқтаи назар баён кардаанд, ки онҳоро дар шарҳи фаъолияти омӯзгории А. Саъдуллоев қатъи назар намудан мушкил аст. Қабл аз ҳама инсонияти баланд, хулқу атвори шоиста, фурутаниву меҳрубонӣ, муносибати гарму самимӣ, хоксориву меҳрубонӣ ва амсоли ин тавонистаанд, ки симои омӯзгории ӯро хотирмону фаромушнашаванда созанд. Омӯзгор қабл аз ҳама созандаи хулқу атвори неки инсонист ва аз инҷост, ки бояд дар симои омӯзгори муваффақ пеш аз ҳама инсони намуна таҷаллӣ намояд. Профессор М. Қосимова нисбат ба фаъолияти омӯзгориву олимии А. Саъдуллоев чунин андеша баён кардаанд, ки таҳқиқи уфуқдори симои ин шахсияти барҷаста ба шумор рафта метавонад: «Хислатҳое мавҷуданд, ки олиму устодро маҳбубият пайдо мекунонанд. Одамдӯстӣ, хоксорӣ, фурӯтанӣ, нармгуфториву меҳрубонӣ, ошиқи касби худ будан, дасти ёрӣ дароз кардан ба толибилмон, ба шогирдон мисли падар муносибат кардан, ҳасудро ба худ раво надидан, аз муваффақиятҳои дигарон хурсанд гардидан... Ин хислатҳоро метавон боз давом дод. Хурсандивор аст, ки доктори илми филология, професор, мудири кафедраи журналистикаи радио ва телевизиони Донишгоҳи давлатии миллии Тоҷикистон Асадулло Саъдуллоев дорои ин хислатҳост» [57, с. 49].

Асадулло Саъдуллоев он намояндаи фаъоли қишри зиёии ҷомеа мебошад, ки баъди фаъолияти омӯзгорӣ дар чандин самтҳо аз худ дараки бештар додааст. Устоди адабиётшинос, профессор М. Солеҳов олами эҷоду фарҳангу маданият ва омӯзгориро хеле хуб қиёс кардааст, ки бидуни баҳс дар ҷодаи маорифу омӯзгорӣ низ ҳақиқати комиле вуҷуд дорад. «Бале, ҳамагон ҷонибдори ҳақиқатанд ва ҳақ ҳам даъвӣ кардаанд, зиёда аз он метавон афзуд, ки ӯ дар рушди ҷодаи маорифу омӯзгорӣ, фарҳангу маданият на кам аз бахшҳои фавқуззикр аст. Ӯ дар омодасозии мутахассисони савоҳии таълиму тарбия, маорифу омӯзгорӣ ҳиссаи арзанда дорад, зеро худ пеш аз ҳама омӯзгор аст» [101, с. 75]. Ба андешаи М. Солеҳов таҷрибаи рӯзгор ва робита бо пешаи омӯзгорӣ А. Саъдуллоевро ба мартабаҳои баланди касбу пеша расонидааст.

Дар шинохти А. Саъдуллоев ҳамчун омӯзгор бештар онҳое нуқтаи назари амиқу мушаххас доранд, ки ҳамроҳаш дар як факултаву кафедра фаъолият кардаанд. Доираи ҳамкорони профессор А. Саъдуллоев ҳам дар факултети филология ва ҳам журналистика бештар онҳое буданд, ки ҳар кадом дар таълиму таҳқиқ мавқеи сазовори иҷтимоиро соҳиб буданд. Яке аз онҳо профессор А. Нуралиев буданд, ки дар пешрафту такомули ихтисосҳои журналистӣ дар кишвар саҳми устувор гузоштаанд. Солҳои тулонӣ дар факултети журналистика дар таълифи китобҳои дарсиву дастурҳои таълимӣ фаъолияти якҷоя ҳам намудаанд. А. Нуралиев бо ҳама мушоҳидаҳои худ устод А. Саъдуллоевро пуркор меномад ва дар баробари таҳқиқу эҷоди публитсистӣ таҳиякунандаи маводи таълимӣ меҳисобад: «Пуркории профессор Саъдуллоев ба ҳама маълум аст. Вай то ба ин дам ғайр аз монографияву маҷмуаи очеркҳои худ чандин барномаҳо тартиб дода, дастурҳои методию китобҳои таълимӣ таълиф намудааст» [70, с. 56]. Таҳияи китоби дарсӣ ҷиддияти қатъиро талаб менамояд ва он чунин маъниро дорад, ки муҳаққиқ ҷамъи донишҳои худро ба дигарон бо пешниҳоди содаву мақбул омӯзонида тавонад. Ҳадаф аз ишораи боло он аст, ки А. Саъдуллоев дар ин ҷодаи душвор низ комёб мебошад.

Профессор М. Муродов, ки алҳол яке аз давомдиҳандагони асили таҳқиқи публитсистика ба шумор меравад, А. Саъдуллоевро якбора аз чандин паҳлуҳо шинохтаву муаррифӣ кардааст. Ба андешаи М. Муродов дар ҷодаи таълиму омӯзиш натанҳо даҳҳо дастурҳои илмиву таълимӣ, балки садҳо мақолаҳои публитсистиву бадеии А. Саъдуллоев хосияти амиқи омӯзишӣ доранд: «А. Саъдуллоевро донишҷӯёну омӯзгорони факултаҳои филология ва журналистикаву тарҷумонии Донишгоҳи давлатии миллии Тоҷикистон чун устоди дорои услуби хоси тадрис ва раҳнамову роҳбари ҳалиму мушфиқ мешиносанд... Даҳҳо китобу дастурҳои илмиву таълимӣ ва садҳо мақолоти публитсистӣ-бадеии эҷоднамудаи ӯ, ки паҳлӯҳои гуногуни масоили адабиётшиносӣ, нақди адабӣ, журналистикаи тоҷикро фаро мегирад, имрӯз ҳам сармашқи кори шогирдону дӯстдорони каломи бадеъанд» [68].

Нуқтаи назари профессор М. Муқимов низ бо он ҷолиб аст, ки бо истифодаи иборaи «устоди устодҳо» бузургии А. Саъдуллоевро нишон дода, дар таълифи шумораи зиёди асарҳову дастурҳо ӯро пешсафтарин мешуморад. Дар ин маврид андешаҳои М. Муқимов ба андешаҳои профессор А. Нуралиев дар як сатҳ қарор дорад. М. Муқимов дар баробари Асадулло Саъдуллоевро аз олимони сермаҳсули соҳа донистан таълифоти дар соҳаи таълим анҷомдодаи ӯро таъкид менамояд: «Устод дар таълифи китобҳои дарсии тахассусии журналистика низ саҳми зиёд доранд. Он кас муаллифи беш аз 20 китобу воситаи таълимӣ мебошанд» [65, с. 23].

З. Исмоилзода муҳаққиқи публитсистикаи китобии А. Саъдуллоев, ки намунаи асарҳои ӯро мавриди таҳқиқу пажӯҳиш қарор додааст, дар пешаи омӯзгорӣ низ А. Саъдуллоевро соҳибмактаб мешуморад, ки хеле баҳои реалӣ мебошад. Маълум аст, ки аксар шогирдони тарбиятнамудаи устод дар ҷодаи таълим боқӣ монданд. Онҳо давомдиҳандагони мактаби бузурги таълими журналистика мебошанд, ки намунаи ибрат низ ҳаст: «Фаъолияти омӯзгории устод Асадулло Саъдуллоев паҳлӯи ҷолиби зиндагиномаи ӯст. Садҳо шогирдон ба пайроҳаи илмӣ аз ин мактаб

роҳхат гирифтанд ва имрӯз ба тадрис машғуланд. Барои онҳо омӯзгор Асадулло Саъдуллоев намунаи бузурги таълими журналистика буду ҳаст» [52, с. 4-5].

Нуқтаи муҳими дигар он аст, ки дар солҳои декании А. Саъдуллоев (2002-2005) низоми таълими журналистӣ шакли нав пайдо кард. Маълум аст, ки дар системаи маориф нақшаву барномасозиҳо дар тарбияи муҳассилин нақши асосиро иҷро менамояд. Дар мавриди заҳматҳои устод А. Саъдуллоев дар самти нақшаҳову стандартҳои таълимӣ дотсен С. Гулов чунин андеша дорад: «Нақшаҳои таълимӣ борҳо таҳия шуданд, аммо Стандарти давлатӣ набуд. Муаллим А. Саъдуллоев аввалин шуда бо назрдошти шароити нав онҳоро тобистони соли 2002 таҳия карданд» [44, с. 58].

Дотсент С. Ҳайдаров низ ба фаъолияти омӯзгории А. Саъдуллоев баҳои баланд гузошта, мавсуфро дар баробари бузургтарин омӯзгорони соҳаи журналистика қарор медиҳад. С. Ҳайдаров ба фаъолияти устоди роҳнамои худ аз равзанаи дигар назар андохта мегӯяд: «Сарпарастии курсро муаллим Асадулло Саъдуллоеви ҳалиму меҳрубон ба дӯш дошта, аз ҷараёни таълиму тарбияи мо шогирдонашон доимо пурсону воқиф шуда меистоданд» [108, с. 114]. Дар баробари ин донишу савияи омӯзгории А. Саъдуллоевро зикр намуда, ӯро дар ташкилу шаклгирии факултети навтаъсис ҳиссагузор низ мешуморад.

Дар фаъолияти омӯзгории А. Саъдуллоев ҷиҳати хос он аст, ки дар таълиму тарбияи шогирдон танҳо дар доираи лексияҳои назариявӣ маҳдуд намегардид. Таълими журналистика бидуни амалия маъное надорад ва ин назокатро профессор А. Саъдуллоев хеле амиқ дарк мекард. Ин аст, ки як бахши муҳими фаъолияти омӯзгории ӯро корҳои амалӣ бо донишҷӯён (мутолиаи адабиёти бадеӣ ва навиштани мавод) ташкил медод.

Ҳамин тариқ, фаъолияти қариб панҷоҳсолаи омӯзгории А. Саъдуллоев ба чанд ҷабҳа сахт вобаста мебошад. Аввалан, ин ки чун дар матбуоту телевизион фаъолият карда буд, барояш тадрис мушкилӣ

надошт ва медонист, ки шогирд бо кадом роҳу усул журналисти ин соҳаҳо гардида метавонад. Таҳқиқ ва таълим дар фаъолияти ӯ тавъам буд ва он чизеро таҳқиқ кардааст, ки он дар минбаъда ба китобу дастурҳои таълимӣ табдил ёфтаанд. Ҳамчун омӯзгору муҳаққиқи огоҳу воқиф дар таҳияи нақшаҳову стандартҳои таълимӣ нақши сазовор гузоштааст ва матни аксар дарсҳову мавзуотро аввалин шуда ба шакл даровардааст. Шогирдонро тарбия карда метавонист ва ҳамин аст, ки бо садоқату самимият пешаи омӯзгориро тарк накардааст.

# БОБИ II

# ТАҲҚИҚИ ПУБЛИТСИСТИКАИ МУОСИР ДАР ОСОРИ А. САЪДУЛЛОЕВ

## 2.1. Таҳқиқи масъалаҳои назарӣ дар публитсистикаи муосири тоҷик

Дар таҳқиқи публитсистикаи муосири тоҷик нақши профессор А. Саъдуллоев хеле густурдаву амиқу назаррас мебошад. Агар дар соли 1978 ҳимояи рисолаи номзадиаш таҳти унвони «Замони муосир ва проблемаҳои публитсистикаи советии тоҷик (публитсистикаи Мирзо Турсунзода)» қадами аввали остонаи илму таҳқиқ ба шумор равад, пас дар соли 1996 дар мавзуи «Ташаккул ва инкишофи жанрҳои насри мустанади тоҷик (солҳои 1960-1980)» рисолаи докторӣ ҳимоя карданаш маънии ба умқи таҳқиқи публитсистикаи як давра фуру рафтани ӯро дорад. Бо итминон метавон гуфт, ки аз рӯйи даврабандӣ қуллаи баландтарини инкишофи публитсистикаи тоҷик, ин маҳз солҳои 1960-1980 ба ҳисоб меравад ва камолоти эҷодии аксар адибони шинохтаи тоҷик низ ба ҳамин давра марбут аст, ки дар ин доира асарҳои мондагори зиёди онҳо ба мерос мондааст. Бо вуҷуди мураккаб, фаррох ва гуногунрангу зиёд будани осори публитсистии ин давра А. Саъдуллоев тавонистааст, ки ҳамаи онро ташхису тавзеҳ намояд ва нуқтаи назари худро дар атрофи онҳо баён гардонад. Муҳаққиқ дар ин рисола ба масъалаҳои муайян кардани мавқеи публитсистика ҳамчун соҳаи эҷод, умумиятҳои адабиёту публитсистика, мақсаду вазифаҳои публитсистика дар замони муосир, заминаҳои робитаҳову пайванди адиб бо замон, фаъолмандии иҷтимоии нависанда, назарияву шинохти образи публитсистӣ, махсусиятҳои насри публитсистии (мустанад) тоҷик, қонуниятҳои жанрӣ ва инкишофи муназзами он, сабку услуб, тавозуни воқеияту бадеият ва мавқеи сухани мухайял дар баёни ҳадаф назар

андохта, аз дидгоҳу мушаххас марзу уфуқҳои ин соҳаи эҷодро дақиқ гардонидааст.

М. Муродов ба фаъолияти муҳаққиқии А. Саъдуллоев дар замони истиқлолият баҳои баландтар медиҳад, ки воқеият дорад: «Таҳқиқи публитсистика ва масъалаҳои марбут ба он аз ҷониби А. Саъдуллоев дар замони истиқлолияти кишвар доман густурда, умқан реша гирифт» [67, с. 35]. Профессор А. Мухторов заҳматписандии А. Саъдулоевро ба назар гирифта, андеша дорад, ки «дар муҳлати кӯтоҳ рисолаҳои номзадиро докториро дифоъ намуд ва имрӯз яке аз олимони шинохтаи соҳаи хеш мебошад» [69, с. 52]. Муҳаққиқон С. Гулов ва А. Қутбиддинов чунин мепиндоранд, ки «А. Саъдуллоев бо тай кардани роҳҳои пурпечу тоби таҳқиқи адабии замони шуравӣ тавонист, ки тамоми пайроҳаҳои таҳқиқи публитсистикаро муайян намояд» [45].

Бо назардошти ҳамин муҳимтарин ҷиҳатҳои адабиёт, насри мустанад, публитсистика ва журналистика аз мадди назари муҳаққиқ А. Саъдуллоев дур намондааст. Ҳамзамон, таҳқиқи таъриху назарияи журналистика, жанрҳо ва проблемаҳои публитсистика самти асосии фаъолияти эҷодӣ ва илмиашон мебошад, ки дар ин самт профессор А. Саъдуллоев ҳудуди 30 асари илмӣ таълиф кардааст. Инҷо метавон асарҳои «Публитсистикаи Мирзо Турсунзода» (1988), «Агар сухан коргар шавад» (1992), «Очерк. Таҳқиқи публитсистӣ» (Кобул, 1984), «Ҳамосаи инсони кору пайкор» (Кобул, 1984), «Хандаи созанда» (Ҳаҷв дар адабиёти даризабонон Кобул, 1988), «Журналистикаи радио» (иборат аз се китоб, 1985-1987), «Жанрҳои журналистикаи радио» (ҳаммуаллиф, 2005)), «Рангҳои зиндагӣ» (Насри мустанади муосири тоҷик, 2007), «Асосҳои журналистикаи телевизион» (ҳаммуаллиф, 2008), «Эссе» (2010), «Очерк: генезис, развитие и современное состояние» (ҳаммуаллиф, 2012), «Муаммои назарияи публитсистика» (ҳаммуаллиф, 2015) ва ғайраро ном бурд, ки маҳсули илмии муҳаққиқ давоми солҳои гуногун мебошанд.

Дар ин миён асари «Хосияти адабиёт» (Бунёди пайванди каломи бадеъ бо иҷтимоъ, 2000) ба сифати монографияи илмӣ мавқеи меҳварӣ дошта метавонад. Ин асар заминаи мактаби таҳқиқи публитсистикаро ташкил намуда, ки дар он даҳҳо пуҳлуҳову ҷузъиёти соҳа баён гардидаанд. Аз ҷумла муҳаққиқ А. Саъдуллоев дар китоби «Хосияти адабиёт» оид ба каломи бадеъ, насри мустанад, хоса очерку публитсистика, сабку услуб ва мундариҷаву мавзуи як давраи муҳташами публитсистикаи тоҷик андешаронӣ кардааст.

Профессор М. Муқимов, «монографияи «Хосияти адабиёт» дар натиҷаи пажӯҳиши чандсолаи эшон рӯйи чоп омадааст» [65, с. 23]-гуфта, ба дақиқбинии муаллифи асар баҳои баланд медиҳад. Профессор М. Муродов бошад, дар такя ба мавқеи худи муаллиф дар ин таҳқиқ «набудани назари интиқодӣ» [67, с. 33]-ро таъкид кардааст ва дар ҷойи дигар дар мақолаҳои минбаъдаи муаллиф дараҷаи баландтари танқидро ишора менамояд. А. Саъдуллоев дар ин таҳқиқоти худ аз таърихи пайдоиши насри бадеӣ сухан ронда, инчунин, заминаи асосии ташаккули ин насрро насри мустанад медонад: «Яъне дар пайдоиши насри бадеии форси тоҷикӣ ин навъ асарҳои насрӣ, ки ба асоси ҳуҷҷат воқеа, таърих, ҷуғрофиё, чеҳраҳои шахсиятҳои воқеӣ, вузаро, маорифпарварон, муаллимин, удабо ба вуҷуд омадаанд. Насри муосири тоҷикро маҳз ҳамин навъи нигориш оғоз бахшидааст» [27, с. 4]. Ҳамчунин, муҳаққиқ дар ин асар бо баъзе андешаҳои муҳаққиқони соҳа В. Учёнова, М. Черепахов, Е. Журбина, Е. Прохоров ҳамфикр шуда, бо баъзеяш дар мубоҳиса мешавад. Ин аз он далолат медиҳад, ки муҳаққиқ мавзуи таҳқиқоташро бо уфуқҳои нав дидаву омӯхтааст.

Муҳаққиқи соҳаи публитсистика профессор И. Усмонов дар мавриди самти таҳқиқи китоби «Хосияти адабиёт» чунин мегӯяд: «Ин китоб ба таҳқиқи фундаменталии публитсистика ҳамчун як намуди эҷод ва жанр бахшида шудааст. Муҳаққиқ сайри таърихии ташаккул, рушд ва таҳаввулот дар публитсистика намуда, бо образнокӣ дар публитсистика эътибори хоса додааст» [29, с. 5]. Вобаста ба сайри таърихӣ, дар ҳақиқат,

агар ба публитсистикаи қабл аз журналистика ба вуҷуд омада нигарем, таърихи пайдоиши он аз ҷумла ба воизони Юнони Қадим, муколамаҳои Ситсерон, ҳаҷву мутоибаи Аристофан, Лукиан ва воизиҳои динӣ (калисо) рост меояд. Публитсистика ҳамчун яроқи тавоноӣ муборизаҳои идеологӣ дар давраи Эҳё (асри XV), ҷанги деҳқонони Германия (1524-1526), инқилоби бурунмарзии инглис (асри XVII) ва инқилоби кабири Франсия васеъ ба кор мерафт. Пайдоиши публитсистикаи рус ба асри XI рост меояд.

Ҳар кишвар таърихи хоси пайдоиши публитсистикаи замони худро дорад. Агар ба таърихи пайдоиши публитсистикаи тоҷик назар афканем, мебинем, ки аввалин асарҳои публитсистӣ ё ин ки асарҳои бадеӣ, ки дар онҳо оҳанги публитсистӣ дида мешавад, ин асарҳои адибони шинохтаи тоҷик «Сафарнома»-и Носири Хусрав, «Ахлоқ-ул-ашроф»-и Убайди Зоконӣ, «Бадоеъ-ул-вақоеъ»-и Зайниддин Восифӣ, «Анвори Суҳайлӣ»-и Ҳусайн Маҳмуди Кашмук ва ғайраҳо мебошанд. Аз ҳамаи ин асарҳо фаротар метавон, «Гуфтор дар ҳаҷви Султон Маҳмуд»-ро номбар намуд. Яъне то ба миён омадани публитсистикаи расмӣ, заминаҳои гуногун шакли инкишофи минбаъдаи онро ташкил додаанд. Ҳарчанд доираи таҳқиқи муҳаққиқ паҳлуҳои васеъро фаро мегирад, вале муҳаққиқ А. Саъдуллоев тавонистааст, ки бо услуби хоси баёни илмӣ ва публитсистӣ андешаҳояшро дар шинохти соҳа баён намояд. Ба назари муҳаққиқ заминаҳои иҷтимоиву фарҳангии насри мустанад дар Осиёи Миёна аз пайдоиши рӯзномаҳо «Шамс-ун-наҳор», «Ҳабл-ул-матин» ва дигар нашрияҳои умумифорсӣ оғоз гардидааст. Табиист, ки нашрияҳои мазкур бо ҳадафҳои гуногун вориди аморати Бухоро ва умуман Осиёи Миёна мешуданд ва бо руҳияи иҷтимоӣ ба афкори омма таъсир мерасониданд. Ба ин васила бештар ба мавзуъҳои фарҳангу адабиёти форсизабон рабтдошта дахл менамуданд.

Публитсистика ин навъи эҷодест, ки масъалаҳои мубрами иҷтимоиро меомӯзад ва ҳамчун воситаи муҳими ташвиқоту тарғибот дар ҳаёти ҷомеа нақши муассир дорад. Дар ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ ва

афкори иҷтимоӣ, публитсистика пайванди ногусастанӣ мебошад. Дарки моҳияти публитсистика, мушаххас намудани самту равияҳои таҳқиқ ва муайян кардани унсурҳои воқеияту бадеияти ҳар як асар ин, пеш аз ҳама ба амалияи очерку публитсистика наздик будани ин муҳаққиқ аст. А. Саъдуллоев фаъолмандии иҷтимоии эҷодкорро яке аз унсурҳои асосии шакл гирифтани насри мустанади тоҷик медонад: «…як рукни осори публитсистӣ ҳуҷҷатнокӣ буда, ҷиҳати ҳаллу фасли масоили мубрами ҷомеа фаъолиятмандии иҷтимоии эҷодкор ва шахсиятҳои он дар тадқиқи ҳамаҷонибаи рӯйдодҳои ҳаётӣ яке аз унсурҳои асосии насри мустанад шинохта хоҳад шуд» [27, с. 24]. Ҳамин тариқ, маҷмуи масъалаҳои мухталифи адабиётшиносӣ, публитсистика ва журналистика бахшҳои тадқиқотии ӯро дар ин асар ташкил додаанд. Доираи назари донишманд А. Саъдуллоев васеъ ва муҳимтарин ҷиҳатҳои публитсистикаро аз замони пайдоиш то имрӯз фаро гирифтааст. Дар тадқиқотҳо диққати ӯ, пеш аз ҳама, ба масъалаҳое равона шудааст, ки омӯзиши онҳо барои ошкор шудани моҳияти адабиёт, журналистика ва публитсистика мувофиқанд. Омӯзиши публитсистика дар фаъолияти илмии ӯ ҷойгоҳи хос дорад ва дар ин замина доираи васеи масъалаҳои публитсистикаро фаро гирифта, равишҳои судманди тадқиқро поягузорӣ намудааст. Дар фаъолияти адабиётшиносии худ муҳаққиқ даҳҳо асарҳои бадеиву публитсистиро ба риштаи таҳқиқ кашида, тақризҳо навиштааст, ки дар байнашон асарҳои Ҷ. Акобир, Р. Амонов, Ю. Аҳмадзода, М. Бахтӣ, А. Баҳорӣ, Гулрухсор, Ш. Ёдгорӣ, Ҷ. Каримзода, Қ. Киром, Кӯҳзод, Ҷ. Қувноқ, Р. Мардон, К. Мирзо, Ф. Муҳаммадиев, К. Мӯсо, М. Наҷмиддинов, А. Партав, А. Самад, М. Солеҳ, С. Турсун, Б. Фирӯз, Ш. Ҳаниф, М. Ҳотаму дигарон дучор меоем.

А. Саъдуллоев худ публитсист буд ва қиссаву очеркҳои ӯ мавзуъҳои гуногуни ҳаёти деҳот, сохтмон, кишоварзӣ, зиндагии аҳли зиё, фарҳангу маънавиёт ва амсоли инро дар бар мегиранд. Инҷо ёдовар гардидан аз публитсистикаи А. Саъдуллоев ба он ваҷҳ аст, ки маҳз ин майдон нигоҳи таҳқиқии ӯро ба публитсистика амиқ намудааст. Ҳамин аст, ки ба

ибораи дигар аз равзанаи таҳқиқӣ нигаристани публитсист ба соҳаи публитсистика назарияи пажӯҳишии мутафовуту хоса аст. Ин ҷиҳату махсусияти таҳқиқро дигар муҳаққиқон низ зикр карданд, ки «...А. Саъдуллоев дар таҷзия намудани унсури публитсистию илмии гуфтор ҳамеша муваффақ аст».

Муҳаққиқ А. Саъдуллоев дар бораи шинохти публисистика ҳамчун як соҳаи алоҳидаи эҷод ва як василаи хуби амиқрафти нависанда аз равзанаи воқеият ба муаммоҳои ҳаёт, инъикоси ҳақиқату воқеияти замонӣ дар нақли адиб, бозтоби авзои замон дар заминаи тасвири реалистии ҳаводиси зиндагӣ дар такя ба асарҳои академик М. Шукуров ва дигар муҳаққиқони соҳаи адабиёт андешаҳои худро шакл бахшидааст. Муҳаққиқ дар такя ба нуқтаи назари адабиётшиносон ба осори Ч. Айтматов, В. Биков, Ю. Бондарев, Л. Леонов, В. Овчекин, В. Распутин, Н. Тихонов, М. Шолохов ва дигар адибони рус нигариста, чунин шинохту ташхису муносибатро нисбат ба бурду бохти адибони тоҷик дар масъалаи тасвири воқеъбинонаи ҳаёт ба кор бурдааст. Бояд гуфт, ки заминаи таҳқиқоти ӯро назарияи муҳаққиқону мунаққидони рус ташкил медиҳад ва ҳадафи идеологиву иҷтимоии публитсистикаро дар асри бист, дар ҳақиқат, татбиқи ғояҳои сиёсӣ ва вазифаҳои муҳими замон мебошанд: «Публисистика шакли ҳастии сиёсат буда, ба гуфти М.С. Черепахов, амалиёти он, тадбиқи ғояҳои сиёсӣ дар шуури омма, воситаи бобақои барқарор намудани робитаи байни оммаҳо бо давлат дар ҷараёни мураккаби ҳалли ҳамагуна вазифаҳои муҳими замон мебошад» [27, с. 129].

Таҳаввулоти бузурги асри гузаштаро дар олами сиёсат ин пеш аз ҳама дигаршавии сохторҳои иҷтимоӣ ва ба майдон омадани идеологияҳои нав ташкил медоданд. Ҳудудан то солҳои навадуми асри гузашта, иттилоотонидани ҷомеа яке аз вазифаҳои муҳими журналистикаву публитсистика ба шумор мерафт. Дар дарки моҳияти рухдоди замона беш аз публитсистика соҳаи дигаре фаъолтару дастрастар набуд. Ҷомеа ба як чунин ахборотчӣ ва тавзеҳдиҳандаи

ҷараёни зиндагӣ ниёз ҳам дошт, ки ин ҷиҳатро муҳаққиқ А. Саъдуллоев хубу амиқ дарк намудааст: «Публисистика чун воситаи махсуси робитаи инсонӣ, муносибати синфҳо, алоқачии байни одамони алоҳида ва оммаҳо роли ахборотчии иҷтимоиро низ иҷро мекунад, дар «дарки моҳияти кор» ба ҷамъият кумак мерасонад» [27, с. 7].

Манбаи ба вуҷуд омадани баҳсҳо дар мавриди эътирофи публитсистика ҳамчун соҳаи эҷод то ба ҳол идома ёфта истодааст, ки ин масъалаи муайян кардани марзи миёни онҳост. Адабиёт низ ба зоти худ ба афкори ҷомеа сару кор дошта метавонад, ки адабиёти муосири тоҷик дар асри гузашта дар ин самт истисно намебошад. Ҳадафу мароми адабиётро дарк намудан, қабл аз ҳама ба маҳорати муаллифони асарҳои бадеӣ ва табъу завқи хонанда марбут донистан мумкин аст. Аммо раванди инкишофи ҷомеа дар чанд асри охир тавре ҷараён пайдо карда истодааст, ки дар меҳвари он тафаккури иҷтимоӣ қарор мегирад. Ҳам адабиёт ва ҳам публитсистика дар ин самт нақш доранд. Танҳо тафовут он аст, ки публитсистика дар ин роҳ оҷилона фаъол будан мехоҳад ва ҷанбаи таърихии он низ ҳамин аст, ки дар заминаи факту аснод таърихи замонро менависад. Ҷанбаи сиёсиву иҷтимоии онро А. Саъдуллоев ба сифати соҳаи амалияи сиёсӣ чунин зикр менамояд: «Ҳамаи ин баҳсу мунозираҳо далели онанд, ки публисистика, насри мустанад чун жанри адабиёт ва журналистика ва чун «соҳаи амалияи сиёсӣ» сол ба сол мавқеи босазотаре пайдо карда истодааст ва он дар илми адабиётшиносӣ ва танқиди адабӣ тадқиқотҳои алоҳидаю чуқурро талаб мекунад» [27, с. 8].

Профессор А. Саъдуллоев аввалин нашрияҳои тоҷикиро аввалин заминаҳои публитсистикаи навини тоҷик ном бурдааст. Публитсистикаи қабл аз Инқилоби Октябр низ сарфи назар намегардад ва «Мунозара»-ву «Саёҳатномаи Иброҳибек»-ро бо фарогирии рӯҳияи замона дар бисёр мавридҳо зикр намудааст. Аммо бо назардошти «соҳаи амалияи сиёсӣ» дар ин масир устод С. Айнӣ дар такя ба нишондоди А. Маниёзов ва дигар муҳаққиқон асосгузори публитсистикаи муосири тоҷик номида

мешавад: «Публисистикаи муосири тоҷик ба маънии имрӯзааш аз асарҳои устод С. Айнӣ оғоз ёфтааст [27, с. 8]. Ақидаи А. Саъдуллоев дуруст аст, ки дар адабиёти гузаштаи мо вазифаву таъйиноти истилоҳи публисистика дар матни асарҳои журналистону публитсистон вуҷуд надошт. Дар ин маврид аз накди адабӣ низ метавон ишора кард, ки дар бисёр ҳолатҳо ин гуна мазмунҳоро ба доираи адабиёти иҷтимоӣ марбут медонистанд. Ё дар баъзе ҳолатҳои дигар дар гузашта ҳамагуна таъсиргузорӣ бо суханро зери мафҳуми хидматгузорӣ ба ҷомеа эътироф карда, онро таърихнависии давру замон ҳам мегуфтанд. Муҳаққиқ А. Саъдуллоев дар як қисмати муайяни рисолаи худ («Хосияти адабиёт». С.Н.) бо сайри таърихӣ рушду такомули жанрҳои адабиёти мустанадро бо уфукҳои зиёд нишон додааст. Мусаллам аст, ки адабиёти иҷтимоӣ оҳанги иҷтимоиро тараннум мекард ва дар он ҳаққонияти таърихӣ матраҳ буд. Бо назардошти таҳаввул ёфтани авзои иҷтимоӣ ва тезутунд гардидани ҷараёни маорифпарварӣ мақсаду ҳадафи публитсистика то солҳои бистуми асри гузашта тарғибу ташвиқи саводомӯзӣ, тарғиби маърифат замонавӣ ва танқиду мазамммати мақомдорону сарватмандони ҳарису ҷоҳил ба шумор мерафт. Ин равандҳоро омӯхтаву ба назар гирифта, муҳаққиқ А. Саъдуллоев гардиши куллии публитсистикаро зикр менамояд: «...баъди рухдодҳои солҳои 1917-1920 таиноти адабиёти ҳуҷҷат тағйир ёфт. Органҳои чопӣ муваззаф шуда буданд, ки дар сомон додани тадбирҳои андешидаи ҳукумат, тарғиби аҳдоф ва ҷалбу эҳзори ҷомеа ба кори ҳаррӯзаи дигаргунсози ҳамаҷониба кумак расонад. Табиист, ки ин кор аз тарафи органҳои дахлдор созмон дода ва идора ҳам карда мешуд» [27, с. 8-9].

Мункир наметавон гардид, ки ҷанбаи сиёсиву идеологии публитсистика дар чанд садсолаи охир зина ба зина боло меравад. Торафт фаъол гардидани публитсистика дар равандҳои мубориза барои тасаллут дар олами афкор маънии мусоидат кардан дар татбиқи сиёсатҳои муайянро дорад. Вазифаи бузурги публитсистика, ки дар асри гузашта тавассути матбуоту нашри асарҳои алоҳида сурат мегирифту

вуҷуд дошт, имрӯз низ аз байн нарафтааст. Аммо дар доираи қиёс чунин гуфтан мумкин аст, ки публитсистикаи асри гузашта дар асоси сензураҳову нишондоди мушаххас фаъолтару мубрамтар буд. Ин вазифа дар асри гузашта муқаддас низ ба ҳисоб мерафт: «Ба ин сабаб ҳам насри мустанади муосири мо ҳанӯз рӯзҳои аввали пайдоиши матбуоти советии тоҷик чун фактори муҳими таъсиррасонии идеявию сиёсии омма дар ташвиқи вазифаҳои пешгузоштаи Партияи Коммунистӣ ва Ҳукумати Советӣ хизмат мекард» [27, с. 9].

Яке аз унсурҳо ва рукнҳои шинохти публитсистика ин жанр ба шумор меравад. Вобаста ба ин масъала андешаҳои зиёди муҳаққиқони соҳа вуҷуд дошта бошад ҳам, аммо дар шинохти жанрҳои таҳлиливу бадеӣ муҳаққиқ А. Саъдуллоев дидгоҳи махсусро соҳиб аст. Мавҷудияти унсурҳои жанрӣ дар намунаи асарҳои адибони классикии мо вуҷуд дошта бошад ҳам, маълум аст, ки танҳо дар асри гузашта дар саҳифаҳои матбуот ва нашри асарҳои алоҳида марзу буми жанрҳо маълуму мушаххас гардидааст. Бо назардошти мавҷудияти қадимии жанрҳои мустанад (публитсистикаи китобии гузашта) профессор А. Саъдуллоев таъкид менамояд, ки «... насри мустанади муосир дар ҷои холӣ ба вуҷуд наомада, балки он дорои анъанаҳои боест, ки дар гузашта бо ифодаҳои илмии мақола, мактуб, воқеанома, сафарнома, ахбор, солнома, тазкира, ҳадис, таърихнома, муросила, асарҳои тарҷумаҳолӣ ва ғайра шинохта шудаанд» [27, с. 4]. Аз ин фарзияи илмӣ натиҷа гирифтан мумкин аст, ки мавҷудияти жанрӣ бо гузашти вақт бо тай кардани марҳилаҳои зиёди инкишоф ғановат пайдо кардааст. Пешрафт ва талаботи замон дар асоси самтҳои мавзуӣ гуногунрангии жанриро вусъат бахшида, онҳоро бо гуруҳҳо низ тақсим кардааст. Публитсистика ҳамқадами замон ва ифодкунандаи набзи замон мебошад ва табиист, ки дар асоси таҳаввулоти илмиву техникӣ муносибати худро дар самти таъсиррасонӣ ба афкори ҷомеа дигар менамояд. А. Саъдуллоев низ бо назардошти ҳамин паҳлуҳо таърихи гузаштаи насри мустанадро омӯхта, мегӯяд, ки

публитсистика дар таҳаввулу инкишоф «мувофиқи талаботи замон жанру намудҳои худро бой мегардонд» [27, с. 9].

Агар муҳаққиқ дар гузашта мавҷудияти солномаву тазкира, ҳадису таърихнома, муросилаву катиба ва монанди ин дигар жанрҳоро тасдиқ намояд, пас дар замони муосир лавҳаву очерк, фелетону эссе, қиссаву хотираҳо ва амсоли инро бештар зикр ва таҳқиқ намудааст. Усули пажӯҳиши муаллиф таҳлили контентӣ буда, бо назарияву ҷаҳонбиниҳои мукаммал ҳар як намунаро аз чандин дидгоҳ таҳқиқ менамояд. Назар ба таҳқиқоти зиёди А. Саъдуллоев гуфтан мумкин аст, ки ӯ мушаххасоти жанриро дар ду самт дида баромадааст. Якум жанрҳои алоҳидаи матбуотӣ, ки дар саҳифаҳои нашрияҳо ба табъ расидаанд, ё дар шакли маҷмуаҳо фароҳам омадаанд. Дуюм ҷузъиёту махсусиятҳои жанрҳои публитсистикаро дар партави асарҳои муҳташами адабиёт дарёфт менамояд, ки ҳар кадом андешаи муаллиф дар атрофи онҳо асосноку нишонрасанд. Дар инкишофи жанрҳои матбуотӣ, ки ҳамҷаворӣ ба гурӯҳи жанрҳои публитсистиву бадеӣ доранд, мавқеи муҳаққиқ якмаром нест. Дар баъзе ҳолатҳо репортажу нигоришҳо дар қолаби қавии бадеият ба ин гурӯҳ шомил карда мешаванд. Дар рушди умумии ин жанрҳо нақши амиқу нишонраси адибони публитсист қайд шудаанд. Ин зуҳуротро ҳатто дар шаклгириву ғановати жанри мақола низ зикр менамояд: «Ба ин тариқ, инкишоф ёфтани жанрҳои насри мустанад чун мақола ба қалами адибон ҳам тааллуқ дорад» [27, с. 11].

Аз миёни жанрҳои зиёди публитсистика муҳаққиқ ҳам дар асари «Хосияти адабиёт» ва дигар мақолаҳову асарҳояш ба ду жанр – очерк ва эссе таваҷҷуҳи амиқ зоҳир намудааст. Чунин хулосае ҳам пайдо мешавад, ки очерку эссе аз жанрҳои писандидаи муаллиф дар фаъолияти публитсистиву илмии ӯ мебошанд. Аз ҷумлаи жанрҳое, ки дар меҳвари таҳқиқоти А. Саъдуллоев қарор гирифтааст, ин очерк ба ҳисоб меравад. Очерк анъанаи махсусеро ба вуҷуд овардааст, ки то ҳол идома дорад. Дар аксар мавридҳо А. Саъдуллоев он ақидаро талқин менамояд, ки очеркнависии навини тоҷик аз солҳои сиюми асри гузашта оғоз гардида,

вазифаву рисолати публитсистикаро бештар ба дӯш доштааст. Дар ин саргаҳ М. Горкий қарор гирифта, халлоқияти жанри очерк низ дар фазои ҷомеаи нав аз ҷониби ин адиб роҳандозӣ гардидааст: «... бо даъвати А.М. Горький омӯхтани таҷрибаи ҳаррӯзаи халқ оғоз ёфт ва махсусан, силсилаи очеркҳои мавсуф, ки ба тамоми рӯзгори шуравӣ иртибот дошт, адибони тоҷикро низ ба падидаи очеркнависӣ раҳнамун сохт ва ҳамин буд, ки дар солҳои сӣ навъи очерк халлоқияти эҷодии аксари нависандагони тоҷикро фаро гирифтааст» [27, с. 95].

Аслан тавлиди намунаҳои аввалини очеркҳо дар осори адибону публитсистони мо аз солҳои бистум ва андаке пештар аз он сурат гирифтааст. Дар саҳифаҳои аввалин нашрияҳои тоҷикӣ, аз ҷумла маҷаллаҳои маорифпарварии ин давра аз ҷониби равшанфикрони алоҳида намунаҳои маводе интишор мегардид, ки ҷузъиёти алоҳидаи лавҳаву очеркҳоро дар худ нигоҳ медоштанд. Шояд офариниши симо ва тавзеҳу ташреҳи масъалаҳои мубрам дар онҳо дар доираи маҳдуд қарор мегирифт, ки онҳоро А. Саъдуллоев чандон эътироф накардааст. Сохт ва низоми нави ҳокимияти шуравӣ вазифаҳои таблиғотиву ташвиқотиро пурзӯр мекард ва бо ин роҳ ҷомеаро дар руҳияи нави иҷтимоӣ мувофиқу мутобиқ менамуд. Табиист, ки талабот дар шакли пешниҳод, сабку услуб, образу воқеа, тавозуни воқеияту тахайюл ва қолабҳои нави ҷолибсозӣ табиати жанрро бо мурури замон дигар мекард ва ба андешаи муҳаққиқ солҳои 60-80 асри гузашта нуқтаи кулминатсионии он ба шумор меравад: «...жанри очерк аз солҳои бист ба ин тараф ҳамеша бо адибон будааст ва бо мурури замон он сифатан инкишоф ёфта, дар солҳои шаст-ҳаштод ҷиҳатҳои навро дар тарзи офаринишу инъикоси рӯйдодҳо ва сохтор соҳиб гардид» [27, с. 95].

Баҳсҳо дар мавриди монандиву тафовут миёни очерку ҳикоя аз аввал то ба имрӯз вуҷуд доранд. Аслан дар байни очерку ҳикояи публитсистии саҳифаҳои матбуот сарҳад гузоштан низ душвор мебошад. Зеро дар ин мавридҳо сабку услуби муаллифон дар маҷмуъ як ҳадаф пайдо мекунанд, ки он тараннуми оҳанги замона мебошад. Мушкили

тафовут гузоштан бештар ба зоҳир сурат мегирад ва ботинан дар миёни онҳо фарқе ҳам дида мешавад. Ин тафовути ботиниро муҳаққиқ А. Саъдуллоев бештар дар мавриди офаридани образ ва нақши ноқил мебинад: «Ҳам ба ҳикоя ва ҳам ба очерк образнокӣ, тасвири воқеаҳо, инъикоси характер, ҷузъиёт ва воситаҳои образофаринӣ хос мебошад. Фақат ин ки ба жанри очерк илло ба воқеъгароӣ оҳанги махсуси тасвир ва нақли публисистӣ хос аст» [27, с. 105]. Як тафовуте, ки ҳамеша мавҷудияти асари публитсистиро нишон медиҳад, ин мавқеи фаъоли муаллиф дар асар аст. Дарвоқеъ ҷузъиёти мушоҳидаро дар очерк бидуни ҳузури муаллифи асар ба миён овардан ғайриимкон низ ҳаст. Бадеияту тахайюл, тасвири пуробуранг ва умуман руҳияи адабии нигошта дар ҳама гуна асар дар андозаҳои гуногун истифода мешаванд. Дар ин ҳолатҳо «ман»-и муаллифӣ ҷанбаи махсуси асари дар пояи воқеияти замониву маконӣ шаклгиранда ба ҳисоб меравад. Ба ақидаи муҳаққиқ А. Саъдуллоев типпӣ насохтани образу воқеа як унсури шинохти жанри очерк дониста мешавад: «Очерк чун кулли асарҳои берун аз фабула сужаи сохта надорад, нақл аз забони муаллифи асар меравад» [27, с. 128].

Дар самти баланд гардонидани маънавиёту маърифати ҷомеа чандин соҳаҳо (адабиёт, санъат, фарҳанг) саҳм мегузоштанд, ки публитсистика низ аз ҷумлаи онҳо буда, мавҷудияти худро ба равиши замона мутобиқ сохтааст ва дар миёни жанрҳои публитсистика дар ин сабқат очерк дар саргаҳ қарор мегирифт. Дар ҳақиқат, аз нигоҳи фарогирӣ, банду баст, ҷузъиёти алоҳидаи бадеӣ, офариниши образҳо ва ифодаи оҳанги рӯз очерк дар қиёс бо дигар жанрҳои публитсистӣ афзалияти бештар дошта, бо жанрҳои бадеии адабиёт (ҳикоя, қисса, повест) ҳаммарз аст. Ин хосиятро А. Саъдуллоев дар он дидааст, ки дар давоми як садсолаи охир бо мурури вақт жанри очерк бисёр унсурҳоро аз адабиёт гирифтааст: «Як ҷиҳати умдаи очерки ин солҳо он аст, ки моҳиятан ба адабиёти асил, ба эҷоди бадеӣ унси бештар гирифт ва аз махсусиятҳову қонунмандии насри бадеӣ баҳравар шуд» [27, с. 95]. Тавре таъкид гардид, як унсури нозук ва ҳассоси очерк офаридани симо

мебошад. Дар як доираи маҳдуд ба вуҷуд овардану шакл бахшидани симое, ки зиндагиву фаъолияташ намунаи ибрати дигарон аст, аз муаллиф маҳорату ҷаҳонбинии хосро талаб менамояд. Ба андешаи дигар, дар қолаби махсуси мутафовут очерк вазифаи жанри адабиро дар масъалаи офаридани образ ба дӯш мегирад ва ҳамин аст, ки ба андешаи муҳаққиқ А. Саъдулоев «очерк вазифаи душвори офариниши образи публитсистиро ба дӯш дорад» [27, с. 204].

Тавре ишора гардид, жанри дигаре, ки муҳаққиқ онро бештар таъкид карда, дар минбаъда дар бобати он асари мукаммали илмӣ низ («Эссе. Размышление о некоторых аспектах жанра и его эволюции», 2010) ба вуҷуд овардааст, ин жанри эссе мебошад. Муаллиф дар асари худ андеша дорад, ки солҳои мавриди назар аз нигоҳи чопи осори мустанад хеле пурмаҳсул буд ва жанрҳои очерку эссе маҳз дар ҳамин айём аз жанрҳои асосӣ ва муайянкунандаи матбуотӣ даври низ шинохта шудааст. Маҳз бо таҳқиқи ҳамин давра А. Саъдуллоев баъдтар эссеро ҳамчун «жанри ҷавони насри мустанад» [23, с. 83] эътироф кардааст. Албатта, шумораву теъдоди мушаххаси очеркҳои саҳифаҳои матбуотро дақиқ намудан кори саҳл нест. Аммо муҳаққиқ А. Саъдуллоев ҳудуди «50 китобҳои зиёди очерку мақолаҳои публисистӣ ба шакли маҷмуаҳо» [27, с. 96] таълифшударо зикр менамояд, ки, дар ҳақиқат, пешрафту ташаккули қобили назари очерку эссеҳоро дар ин давра нишон дода метавонанд. Ин маҷмуаҳои адибон ба монанди Ато Ҳамдам «Хандаи бахт» (1974), «Давоми роҳ» (1978) «Достони тиллоӣ» (1982), маҷмуаи очерку лавҳаҳои публисистии «Дилҳои сӯзон» (1987), «Дар чорсӯи зиндагӣ» (1981), «Фидокорон» (1982), «Бо мавҷи зиндагӣ» (1989,) «Достони меҳнат» (1985), китобҳои Ғаффор Мирзо «Меҳнат мукофот аст» (1977), Б. Насриддинов «Акси садо» (1978), «Ман фарзанди туам» (1983), Р. Мардонов «Марде собит ҳамчу кӯҳ» (1984), «Бунёдкорон» (1985), «Дарё нур» (1986), «Оташи абр» (1989), «Оташи дил» (1993), Б. Муртазоев «Чинор дар Солони» (1981), «Ҷӯи Навдиз» (1984), «Эҳёи Бешканд» (1987), Р. Амонов «Шарораҳои меҳр» (1988), «Навбаҳори чашмасор»

(1976), Р. Сафаров «Қаҳрамони Вахш ва Днепр» (1985), Ш. Ҳаниф «Ҷон ба гарав» (1982), Ш. Мусоев «Боғи падар» (1986), А. Рабиев «Аспи охирин» (1982), Қ. Файз «Захми хунин» (1990) ва амсоли ин ҳам дар асари «Хосияти адабиёт» ва ҳам дар дигар асару мақолаҳои илмии муҳаққиқ мавриди ҳаллу фаслу баррасӣ қарор гирифтаанд.

Дар баробари дигар масъалаву муаммоҳо сабку услуби публитсистӣ низ дар таҳқиқу пажӯҳиши муҳаққиқ А. Саъдуллоев мавқеи мушаххасу мутамарказро соҳиб аст. Воқеият он аст, ки пажӯҳишҳои муҳаққиқи публитсистикаи бадеӣ А. Саъдуллоев алоқамандии қавӣ ба адабиёт дорад. Муаллиф дар баробари эҷоди чандин асарҳои илмӣ дар саҳифаҳои «Нақди адабӣ»-и маҷаллаи «Садои шарқ» аз мунаққидони фаъол буд. Ҳамин аст, ки масъалаҳои нақди адабӣ дар масъалаҳои таҳқиқи образи публитсистӣ, сабку услуб ва дигар аҷзои ороишии асарҳо дар як навъ омехтагиву умумият ба назар мерасанд. Масалан, дар саҳифаҳои маҷаллаи «Садои шарқ» муҳаққиқ аз он таъкид менамояд, ки «ядрои осори публитсистӣ услуби публитсистӣ аст» [79, с. 91], ки албатта, он иборат аз ҷузъиёти муайян (ахборӣ, таҳлилӣ, расмӣ-коргузорӣ, адабӣ, илмӣ ва ғ. – С.Н.) мебошад. Публитсистика аз домани адабиёт ба вуҷуд омадааст ва вобаста ба навъҳои худ мисоли ин адабиёт пуробуранг низ буда метавонад. Обуранги бадеӣ дар асари публитсистӣ бо мақсади пешниҳоди мақбули асар истифода гардида, ҳамеша бо воқеият арзи ҳастӣ дорад. Бидуни воқеият аллакай масъалаҳои дигаре ба миён меоянд, ки ҳамбастагӣ ба дигар навъҳои эҷод дошта метавонанд. Яъне услуби баён то кадом андоза ба дараҷаи табъу завқи хонанда мақбул меояд ва ӯро аз воқеияти мавҷуда огаҳ менамояд. Ин маъниву мазмунро муҳаққиқ А. Саъдуллоев чунин нишон додааст: «Авзои публисистӣ бо услуби баён низ муайян мешавад. Он ба авзои қаҳрамон, ҷиҳатҳои равонию афкори онон омезиш ёфта, ба симои қаҳрамон, мавқеи ӯ дар риштаи мавзуъ ва сужа рӯшанӣ меандозад» [27, с. 215]. Услуби баёни муаллифони асарҳои публитсистӣ бо тақозои замон дигар гардида, дар худ шеваҳои навро пайдо кардааст. Масалан, сафарномаҳо дар гузаштаҳо ин услуби

таърихиву баёни аҳволи фардиро бештар касб мекард. Хонанда танҳо дар уфуқҳои умумии баён чеҳраҳову қаҳрамонҳоеро (иштирокчиён – С.Н.) шинохта меёфт ва то ҳадди муайян ҳамфикри муаллифон мегардид. То замони вуқуи Инқилоби Октябр бо ҳамин равиш асарҳо падид меомаданд ва пайдоиши аввалин нашрияҳои умумифорсӣ дар усули пешниҳоди матлаб таъсирҳои аввалини худро мегузошт. Ба майдон омадани сохти сотсиализм ва раванди бунёди давлати нав дар назди муаллифони асарҳо вазифаҳову ӯҳдадориҳои мушаххасро мегузошт, ки ин ҷараёнро мо дар даъватҳои нависандаи бузурги рус дар бобати навиштани очерк ишора карда будем. Аммо ин раванд ҳам марҳиллаи муайянро дарбар мегирифт ва бо гузашти вақт услуби баён таҷдид мегардид. Ин таҳаввулотро муҳаққиқ А. Саъдуллоев дар таъсири файзбахши матбуоти замони шуравӣ мебинад, ки аллакай дар солҳои 50-уми асри гузашта гардишҳои навро ба вуҷуд овардааст. Ин падидаро, пеш аз ҳама баланд рафтани маърифату ҷаҳонбинии адибони публитсист ба таъсири фазои рӯз номидан мумкин аст: «Падидаи дигаре, ки дар рушду такомули насри мустанад ба мушоҳида мерасад, он аст, ки аз нимаи дуюми солҳои 50-ум маърифатмандии муаллифон боло гирифт ва дар сабку услуби нигориши онҳо таҷдиди назар рух дод, ки дар асари таъсири файзбахши матбуоти марказии собиқ Шуравӣ ба вуҷуд омадааст» [27, с. 11]. Ба ҳукму хулосаҳои муҳаққиқ А. Саъдуллоев пурра ҷонибдор будан мумкин аст, ки яке аз унсурҳои таҷдиди сабку услубро дар ҳамқадами замон будани муаллифон меҳисобад. Дар услуби баёни ҳар як муаллифи асари публитсистӣ садои даъват ва умуман муътақидсозӣ бо роҳу усулҳои мухталиф сурат мегирад. Яке аз ҷузъиёти муҳим дар ин ҳолат офаридани образҳост, ки дар робита ба маҳорати муаллиф воқеият дар пояи ин образ давр мезанад. Дуруст аст, ки «аз рӯйи вазифаю мақом портрет бахши ҷудонопазири образи бадеӣ ва дар айни замон як қисми таркибии системаи образҳои асари бадеӣ ба шумор меравад» [8, с. 11]. Ин образ бозгӯкунандаи воқеият гардида, вобаста ба уфуқҳои нигориш аҳамият пайдо мекунад. Табиист, ки намои равшани

ин образ ба аҷзои ҳунарӣ вобастагии бештар пайдо мекунад. Аз ҷониби дигар образ дар адабиёту публитсистика ба чандин

Муҳаққиқ А. Саъдуллоев дар такя ба назарияҳои илмии зиёд ба чунин хулоса меояд, ки «ҳар як навъи гуфторӣ – матбуотӣ, телевизионӣ, радиоӣ, жанрҳои таҳлилӣ, ахборӣ, таҳлилӣ, бадеӣ – публитсистӣ низоми дохилии воситаҳои баёнро дорад. Ба ин низом сужа, ҷузъиёти тасвирӣ, ибораю ифодаҳои образнок, умумиятдиҳӣ ва умуман анвои мухталифи ҷолибсозиро метавон шомил кард» [83, с. 33]. Афкор ҳамеша робитаи ногусастанӣ ба олами маънавият дорад, ки албатта, дар зери таъсири таҷрибаи ҳаётӣ қарор мегирад. Ин таҷрибаҳои ҳаётӣ муаллифонро водор менамоянд, ки бо назардошти таъиноти замон ва талаботи муассис муносибатро зина ба зина тағйир диҳанд. Ин ҷиҳатро муҳаққиқ бо назардошти тай кардани марҳилаҳои инкишофи ҷамъиятӣ дар фаъолияти эҷодии адибон хеле хуб баррасӣ кардааст.

Аз назари муҳаққиқ дар асарҳои публитсистони мо, ки дар пояи жанрҳои гуногун офарида шудаанд, муносибату арзишдиҳӣ ба роҳу усулҳои гуногун сурат гирифтааст. Масъалаҳои мубрамро дар осори А. Акобиров, Ҷ. Икромӣ, М. Миршакар, М. Турсунзода, А. Сайфуллоев ва дигарон баррасӣ намуда, ба чунин хулоса меояд, ки дар баёни адибони мо усули дедуктивии таҳлил бештар фарроху назаррас истифода шудааст. Дар публитсистикаи мо бештар ба шаҳомати факт такя карда, ба дастовардҳои Тоҷикистон чун ба як ҷузъи давлати бузург менигаранд. Дар ин замина муаллиф ба нигоштаи Парвиз Хонларӣ таҳти унвони «Аз шаҳри Ҳофиз то диёри Рӯдакӣ» нигариста, дар он фаъол будани таҳлили мантиқиро зикр кардааст: «Ин ҷо аз усули таҳлили индуктивӣ кор гирифта мешавад. Забон, таомул, анъана, тарзи муошират аз унсурҳои (ҷузъ) собитсозанд ва дар маҷмуъ ваҳдати дину оин, суннату анъанот ва таърихи халқҳои форсизабонро нишон медиҳанд» [27, с. 110]. Дар идомаи таҳлилҳо муҳаққиқ А. Саъдуллоев ҷузъиётеро аз Бухорову Самарқанд ёдовар мешавад, ки дар навиштаи П. Хонларӣ истифода шудааст. Мазмуну ҳадаф бо назардошти талаботи замон мегардад ва

ишораи он ки дар нигошта таҳлили мантиқӣ истифода шудааст, аз паҳлуҳои зиёди дигар ҳикоят менамояд. А. Саъдуллоев услуби баёни адибонро бо ҳам хеле хуб қиёс менамояд. Аз ҷумла, «Чароғҳои пули сангин»-и Б. Насриддиновро мисол меоварад, ки дар он муаллиф бо саҳнаофаринӣ воқеияти рӯзро баррасӣ кардааст. Дар саҳнаҳо тавсифи қудрати дасти инсон бозгӯ мегардад, ки бо руҷуъҳои хоси публистсистӣ ба дарёи Вахши саркаш муроҷиат карда мешавад. Дар асоси саҳнаҳо воқеият таҷассум меёбад ва дар ҳошияи онҳо ташреҳоти муаллиф низ ба кор меравад:

«Агар ду лавҳаи аввал бо иштироки мустақими амал ва сухани муаллиф шавқовар гардонда шуда бошад, пас дар лавҳаҳои баъдина мавзунсозӣ аз тариқи истифодаи факторҳои тарҷумаиҳолӣ ба амал баровarда мешавад» [27, с. 99]. Муҳаққиқ дараи тангу тор ва қадимиву пурхатар будани Пули Сангинро аз забони асар мисол оварда, бо қиёси таърихӣ рӯ овардани Б. Насриддиновро чунин нишон медиҳад: «...гарчи дар гузашта аз Норак ягона роҳи калон аз Кӯлоб ба Душанбею Бухорову Самарқанду Тошканд мегузашт, он ҳамоно як деҳаи назарногири «алавхона» буду бас» [27, с. 101]. Дар ин навишта низ ҳашамати факту далел муаллифро бештар пойбанд кардааст ва бартарият он дониста мешавад, ки ин фактҳо танҳо аз баёни хушку холӣ иборат нестанд. Андешаҳои А. Саъдуллоев дар мавриди проблемаҳои сабку услуб танҳо дар атрофи жанрҳои алоҳидаву мушаххас сурат намегиранд. Ба таври мисол дар баробари таҳлилу баррасии очерку фелетонҳои нависандаи шинохта Ф. Муҳаммадиев ҷаззобияту ҷолибият дар кулли асарҳои ӯ ба назар мерасанд: «Тамоми эҷодиёти Ф. Муҳаммадиев аз юмори нозук, нешханду шакарханд, кинояву истеҳзоҳои нишонрас бархурдор аст, ки услуб, лаҳни гуфтори вайро ҷазбу намакин кардааст» [27, с. 173].

Дар масъалаи мазмуну мундариҷаи публитсистикаи муосири тоҷик низ А. Саъдуллоев аз рӯйи инкишофи марҳилаҳои гуногуни рушду такомули он муносибат намудааст. Муҳаққиқ бо даврабандиҳо маълум кардааст, ки то кадом андоза фазову муҳит ба ғановати мазмуну

мундариҷа таъсир кардааст ва дар ин раванд фаъолмандии иҷтимоии адибон муҳим диниста мешавад. Аллакай собит гардидааст, ки дар асри охир таҳаввулоту пешрафти замон вазифаҳову уҳдадориҳоро дар самти тарғиботи идеологӣ ба таври рӯзмарра дигар карда истодааст. Ба маънои дигар давру замон муайнкунандаи мавзуву масъалаҳои публитсистика ба ҳисоб меравад. Ба ин масъала таваҷҷӯҳ намуда, А. Саъдуллоев муҳтавову мазмуни офаридаҳои публитсистии замони қабл аз Инқилоби Октябр ва баъди он то замони ҶБВ-ро чунин шарҳ медиҳад: «Агар дар солҳои баъди ғалабаи Револютсияи Октябр публисистони тоҷик бештар ба мавзуъҳои саводнокӣ ва маърифати аҳолӣ, пойдор гардондани индустрия ва инқилоби аграрӣ дахл карда бошанд, пас дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ бештар ба мавзуъҳои мудофиаи Ватан ва кори самарабахши ақибгоҳ муроҷиат кардаанд» [27, с. 9].

Дар ҳақиқат, ҷараёни маорифпарварии оғози асри бистро бидуни фаъолияти публитсистони зиёд тасаввур кардан ғайриимкон мебошад. Ин ҷараён аз фаъолияти Аҳмади Дониш, Мирзо Сироҷи Ҳаким, Абдурауфи Фитрат барин равшанфикрон оғоз шуда метавонад, ки ҳамагӣ ислоҳоти маънавии ҷомеаро талаб менамуданд. Бо гузашти вақт устод Айнӣ ба ин ҷараён ворид гардида, тавассути нашрияҳои зиёд саводнокии ҷомеаро васф ва ҷаҳолати ҷомеаро маҳкум менамуданд. Баъд аз Инқилоб ин раванд дар шакли дигар нерӯйи афзоянда пайдо менамояд. Дар ҳақиқат, як ҷиҳати хоси насри мустанад дар ин давраҳо то андозае аз ҳудудҳои ҷуғрофӣ, миллӣ ёдрас намудан ба ҳисоб мерафт. Бо иллати ҳанӯз ташкил наёфтани ҷумҳурӣ ва шакл нагирифтани идеяҳои миллӣ ҳама чиз дар муҳтавои он умумӣ сурат мегирифт. Ба ибораи дигар дарди миллатгароиҳо акнун оғоз мегашт ва нотавонбинон маҷудияти асолатҳоро инкор мекарданд: «Баъди ташкили ҷумҳурӣ масъалаҳои шаъну шарафи миллати тоҷик, инкишофи забони тоҷикӣ ва ҳифозати он аз омехтагиҳо ба ҷои аввал баромад, ба ибораи дигар,

адабиёт (аз ҷумла мустанад) миллӣ шуд ва ба талқини манфиатҳои миллати хеш пардохт» [27, с. 10].

Агар мавзуот ва мундариҷоти давраи солҳои сиюм ва ҶБВ-ро созандагиҳову саноатикунонӣ ва ватандӯстиву бадбинии душман ташкил диҳад, солҳои баъди ҷанг боз ҳам гардиши мавзуӣ ба вуҷуд меояд. Ин зина дар қиёс ба ду зинаи дигар мавзуоти худро нисбатан фаррохтар менамояд. Дар ин давраҳо аввалин падидаҳои ҷанги сард ба назар мерасанд ва дар ин асос тарғибу ташвиқи идеологияи состсиализм суръати баланд пайдо мекунад. Ин мавзуъҳо аз ду ҷанба иборат буд.

Якум тарбияи омма дар дохили давлати шуравӣ дар рӯҳияи интернатсионализм ва боз ҳам қавитар гардонидани дӯстии халқҳои шуравӣ ва сонияи маҳкум кардани империализм, ки бо шаклу шеваи нав ба муқобили сотсиализм мубориза оғоз карда буд. Дар ин самт вазифаи тарғиботии адибон баланд нишон додани мақоми давлати шуравӣ дар ҷаҳон ба шумор мерафт: «Солҳои 50-60 ва нимаи аввали солҳои ҳафтодум бошад, мавзуъи асосии публитсистикаи тоҷик ин инъикоси ба тадриҷ зиёда гаштани обрӯю нуфузи Иттифоқи Советӣ ва Тоҷикистон дар арсаи байналхалқӣ, муборизаи одамони советӣ баҳри сулҳу амонӣ, меҳнати халқ барои тавоноии Ватан ва васфи комёбиҳои муосирон будааст» [27, с. 9].

Ба ақидаи муҳаққиқ А. Саъдуллоев сарфи назар аз баъзе паҳлуҳо адибони ин давра садоқатмандона дар пайи иҷрои вазифаҳои худ қарор мегирифтанд. Инҷо маҳдудияти мавзуӣ ва ба ибораи дигар сензураи замон дар назар аст, ки ҳама равандҳои эҷодӣ аз рӯйи методи реализми сотсиалистӣ дар зери назорати қатъӣ қарор мегирифт. Ва ниҳоят, давраи таҳаввулоти асосии матолиби публитсистии адибон солҳои 60-80 фаро мерасад: «Солҳои 80-ум бошад, дар мавзуъ ва мундариҷаи насри мустанад тағйироти калоне ба мушоҳида расид. Бори бузургтарин муаммоҳои иҷтимоию сиёсӣ, ахлоқию фарҳангӣ ба души публитсистикаи нимаи аввали ин солҳо буд» [27, с. 9].

Ин давра аз нигоҳи мазмуну фарогирӣ давраи бедории шууру худшиносиҳо номида мешавад. Дар ин марҳила ҳокимияти шуравӣ аз бисёр лиҳоз пеш рафта буд ва проблемаҳои иҷтимоӣ дар қиёс бо чанд даҳсола қабл роҳи ҳалли худро пайдо карда буданд. Бо ин сабаб шавқу завқи эҷодӣ ва самимияту садоқати адибон низ боло рафта буд. Дар ин давра мавзуи публитсистика омӯзиши таърихи аҷдодӣ ва нисбатан боло рафтани худшиносиҳои миллӣ низ дониста мешавад: «Бедории шуур, мубориза барои худшиносии миллӣ, даъват ба омӯзиши таърихи бостон ва сабақ гирифтан аз масири таърих аз ҷиҳатҳои фарққунандаи публисистикаи солҳои 80-ум аст» [27, с. 123].

Як зумра адибони ба маънии том иҷтимоӣ ба майдон омада буданд, ки бо шарофати баъзе озодиҳо дар баланд гардонидани руҳияи миллӣ саҳм мегузоштанд. Ба ин мавзуъҳо чанд даҳсола қабл рӯ овардан имкон надошт ва ҳатто барои адибон хавфу хатар эҷод мекард. Албатта, ин ҷараён ба даврони соҳибистиқлолии кишвар қиёснашаванда бошад ҳам, аммо баъзан аз худ гузаштанҳои адибон қобили зикр аст. Намунаи возеҳи он асари «Гузашти айём»-и Ҷ. Одинаев буд. Ҳарчанд озодиҳои комил ҳанӯз вуҷуд надошта бошад ҳам, А. Саъдуллоев аз «рафтори бошуурона»-и адибон ишора мекунад, ки мантиқан эҳтиёткорона муносибат намудани онҳо дар мадди назар қарор дода мешавад. Новобаста аз ҳама ҷузъиёти манфӣ нақши адибони алоҳида дар рангорангии мундариҷоти асарҳо зикр карда мешавад, ки аз як ҷониби аксари онҳо хосияти мондагорӣ доштанд: «Дар ин ҷода, офаридаҳои адибони тоҷик С. Ғанӣ, А. Деҳотӣ, А. Лоҳутӣ, Ф. Муҳаммадиев, Б. Раҳимзода, П. Толис, М. Турсунзода, А. Шукуҳӣ мақоми хос доштанд: чун онҳо одамонро ба ҷои «зарууртарин амалиёт», ба «рафтори бошуурона «ба дарки воқеаву ҳодисаҳои муҳимтарини олами моддию маънавӣ даъват мекарданд» [27, с. 11].

Солҳои ҳафтодум давраи пурҷушу хуруши бунёдкориҳои азим ба ҳисоб мерафт. Роҳҳо бунёд мегардиданд, иншооти зиёди маишӣ рӯйи кор меомаданд, шаҳру ноҳияву посёлкаҳо сохта мешуданд, заминҳои зиёди

нокорам обӣ мешуданд. Яке аз падидаҳои бузург дар ҳаёти иҷтимоиву иқтисодии ин давра бунёди НБО-и Норак ба шумор мерафт. Дар ин давра дар осори ҳама публитсистону адибони замон ин сохтмон васфу тарғиб мегардид. Очерку лавҳаҳо, мақолаву гузоришҳо, повесту қиссаҳо ва достону манзумуаҳои ҷавовон маҳз дар ин давра дар бораи НБО-и Норак эҷод шудаанд. Сабқати эҷодӣ дар ин раванд суръати баланд дошт. Дар баробари садҳо матолиб дар қолаби назм навиштаҳои манзум низ дар руҳияи қавии иҷтимоӣ ба миён меомаданд. Ба таври мисол аз шоири иҷтимоӣ Ғ.Мирзо мисол оварда мешавад: «Мусаллам аст, ки дар бораи Норак роману повест, достону манзума, эссеҳои зиёде навишта шудаанд. Дар ин ҷода шоири шинохтаи тоҷик Ғ. Мирзо низ қалам рондааст, ки одатан аз манфиати мардум берун сухан намегӯяд» [27, с. 100].

Шоирон аз ҷумла Ғаффор Мирзо бо ҳарорату садоқат ба ин мавзуъ рӯ меоварданд. Рухдоди муҳиму мусбати иҷтимоӣ дар ҳама давру замон диққату таваҷҷуҳи муаллифони асарҳои бадеиву публитсистиро ҷалб менамояд. НБО-и Норак муддати қариб ду даҳсола мавзуи меҳварӣ дар адабиёту публитсистика ба шумор мерафт. Дар бораи он шеъру тарона ҳам бо оҳанги қавии иҷтимоӣ ба майдон меомаданд. Муаллифони бомаҳорат талош мекарданд, ки ба ин мавзуъ аз равзанаҳои торафт наву замонавӣ назар дошта бошанд. Пафосҳои бадеӣ барои ҷалб кардани диққати хонандагон мазмунҳоро боз ҳам васеътару ҷолибтар менамуд. Ҳатто дар пояи афсонаву ривоятҳо кушиши он карда мешуд, ки ин мавзуъ барои дарки хонанда торафт наздиктар бошад: «Муҳтавои ин мазмун дар нигориши публисистии «Бо моҳ шинӣ, моҳ шавӣ» хеле ба маврид инкишоф ёфтааст. Ғ. Мирзо, аз муҳтавои публисистии рӯйдод истифода карда «Номи ин дара (Пули Сангин – С.А.) аз қадим гӯлуи зиндон буд. Гӯлуи зиндон-образи мукаммал аз мустаҳкам» мегӯяд адиб ва аз паи ҷустуҷӯи шарҳу эзоҳ мешавад» [27, с. 101].

Дар ин давраҳову марҳилаҳо мавзуҳои кишоварзӣ, истеҳсолӣ, саноатӣ, чорводорӣ, мактабу маориф, маънавияту маърифати ҷомеа,

созандагиҳову бунёдкориҳо, ватандӯстиву худшиносиҳо ва амсоли ин мазмуну муҳтавои нигоштаҳои зиёдро ташкил доданд. Ҷараёни серпаҳлӯ гардидани мундариҷаву мавзуот ҳамбастагии зич бо пешрафти замона пайдо кардааст.

## 2.2. Проблемаҳои рушди публитсистикаи тоҷик

Агар гузаштаи дури онро қатъи назар намоем, инак публитсистикаи тоҷик тӯли зиёда аз сад сол тавонист, ки ҳамчун як соҳаи мустақили эҷод ба ҷомеа хидматрасон бошад. Ҳанӯз дар солҳои қабл аз инқилоб вазифаи таблиғи худшиносиву маърифатмандии ҷомеаро ба ӯҳда дошт. Дар солҳои бистум ва сиюми асри гузашта, таблиғи масъалаҳои ҳувияти миллӣ маҳз тавассути публитсистика ба миён гузошта мешуд. Дар солҳои ҶБВ руҳияи мардумро барои ғалаба ба фашизм баланд мегардонид, барқарорсозии баъдиҷангии солҳои шастумро таблиғ мекард ва дар бунёдкориҳову созандагиҳои бузурги солҳои 70-80 бо ҳар навъе ҳисса мегузошт. Дар замони соҳибистиқлолӣ ин публитсистика ба маънии том озодиро соҳиб гардида, дар ҳифзи манфиатҳои миллӣ беш аз дигар соҳаҳои эҷодӣ фаъол аст ва мубаллиғи асосии сулҳу ваҳдат ва пешрафту бунёдкориҳои азим ба шумор меравад. Ин равандҳо дар таҳқиқоти профессор А. Саъдуллоев пурра омӯхта шудаанд ва ба ҳар як ҷиҳату ҷузъиёти он баҳогузорӣ шудааст. Ба андешаи муҳаққиқ А. Саъдуллоев публитсистика созандаи таърих, инъикоскунандаи бурду бохти зиндагӣ ва сабақдиҳандаи ҳаётӣ мебошад: «Публитсистика дар раванди инкишофи худ таърихномаи замонро ба амал меорад, аз музаффарияту нокомиҳо нақл карда, сабақи таърихию иҷтимоию ҳаётӣ меомӯзад» [27, с. 19].

Аз таҳқиқоти профессор А. Саъдулоев бармеояд, ки дар ҳамаи давраҳо публитсистика аз баъзе муаммову монеаҳо низ берун набудааст. Нисбат ба заминаҳои нахустини ба миён омадани публитсистика дар фазову муҳити ба мо дахлдошта, назари муҳаққиқ баъзан хосияти умумӣ

дорад. Албатта, оғози шаклгирӣ маънии ҳанӯз самтҳои мушаххас пайдо накардани инкишофи онро дорад. Ба таври мисол муҳаққиқ ба оғози солҳои 80-уми қарни XIX назар андохта, аз нахустин рӯзномаи Афғонистон – «Шамс-ун-наҳор» ёдовар мешавад, ки «...солҳои 1873-1878, дар ҳаҷми 16 саҳифа моҳе ду маротиба таҳти роҳбарии Мирзо Абдулло хотири фарҳангиёнро шод мекардааст... Ин ҷо ба рӯзномаи форсии дигаре бояд мутаваҷҷеҳ шуд, ки «Ахтар» ном дошта, соли 1875 дар Кустантания ба нашр расида, муддати бист сол дар фаъолият будааст» [27, с. 19]. Аз ин нуқтаи назар маълум мешавад, ки дар аввалин нашрияҳои таъсисдодашудаи тоҷикзабон ҳанӯз проблемаҳои баррасишудаи иҷтимоӣ каманд, ё умуман нестанд. Аз ин ҷиҳат танҳо рисолати фарҳангии онҳо ҳамчун зуҳуроти маънавии ҷомеа зикр карда мешавад. Бо он ки аввалин нашрияи ба маънии томаш тоҷикӣ ба миён омад, боз ҳам муҳаққиқ аз таъкиди рисолати маънавию фарҳангии он дур нест: «Рӯзномаи «Бухорои Шариф» низ дар ташвиқу тарғиби зиндагӣ ва адабиёту фарҳанги аврупоиву русӣ ҷои махсус дорад» [27, с. 19]

Бо гузашти ҳамагӣ чанд даҳсола моҳияту рисолати публитсистикаи замонро муҳаққиқ дарк карда, бо оҳангу мазмуни ишорадор норизоӣ аз ноадолатиҳои таърихӣ менамояд. Махсусан, дар асоси мавзуи заминаҳои иҷтимоиву фарҳангӣ аз таблиғи то ҳадде нодуруст ва ҳамзамон, иҷборӣ дар масъалаи марҳилаи нави адабиёт ишора менамояд: «...дар Осиёи Миёна ба асари инқилоби рус (1917) сохтори сотсиалистӣ расмият пайдо кард ва соли 1924 Ҷумҳурии Мухтори Тоҷикистон таъсис гардид ва сарчашмаи нави ҳаётӣ мавқеъ пайдо намуд, адабиёти инқилобиро ба вуҷуд овард, ба истилоҳи дигар, гӯё марҳалаи дуюми адабиёти нави тоҷик эҳё гардид» [27, с. 23].

Муаллифи рисола аз мавқеи дуҷонибаи С. Айнӣ, Лоҳутӣ, В. Маҳмудӣ, А. Мунзим, А. Фитрат барин шахсиятҳои эҷодӣ ёдовар мешавад, ки шояд бо сабабҳои маълум ҳанӯз барои инқилоби нав ва баъзе масъалаҳои дигар омода набуданд. То кадом андоза садоқат

доштану надоштани онҳо равшану возеҳ шарҳ дода намешавад ва ин масъала ба қазовати қудрати идроки хонанда ҳавола мегардад: «...дар оғоз С. Айнӣ, Лоҳутӣ, В. Маҳмудӣ, А. Мунзим, А. Фитрат барин эҷодкороне, ки дар замони гузашта тарбияи адабиву фарҳангӣ гирифта ва пои худро аз анъанаҳои маданиву адабии пешина тамоман наканда буданд, бо иштироки фаъолона дар адабиёти инқилобӣ ва муборизаҳои замони нав ҳисса гузоштаанд» [27, с. 23].

Публитсистикаи муосири тоҷик, аз асарҳои устод С. Айнӣ оғоз меёбад. Дар ин бора таҳқиқоти А. Маниёзов вуҷуд дорад ва дуруст аст, ки дар асоси ҳама хулосаҳо яке аз соҳаҳои муҳиме, ки дар марҳалаи аввали эҷодиёти С. Айнӣ пас аз инқилоб мавқеи намоёне ишғол кардааст, публитсистика ба шумор меравад. Устод С. Айнӣ аз даричаи публитсистика ба адабиёт ворид гардида, асарҳои гаронарзишеро офарида тавонист. Дар баробари устод С. Айнӣ дигар адибону нависандагон ва публитсистони ҷавон низ ба эҷоди асарҳои публитсистӣ машғул шуда, анъанаҳои С. Айниро идома додаанд. Аз ҷумла А. Лоҳутӣ, А. Деҳотӣ, М. Турсунзода, С. Улуғзода ва дигарон аз насри мустанад эҷодро оғоз намуда, маълуму машҳур гардиданд, ки ба фаъолияти онҳо муҳаққиқ А. Саъдуллоев баҳои баланд додааст. Муҳаққиқони соҳаи публитсистика ба он андешаанд, ки падидаҳои манфии ҳаёт, гиламандӣ аз ҳаёту рӯзгор дар осори хаттӣ ва шифоҳии гузаштагони мо зиёд вомехӯранд. Ҳар як воқеаву ҳодисаҳои гуногуни таърихӣ, давлатдориҳои ҳокимони гуногун, вазъи ҳаёти ҷамъиятӣ, адолату разолат, нобаробариҳои қишрҳои ҷомеа, ҷаҳолату ноадолатиҳо ва дигар унсурҳои манфӣ дар осори адибону публитсистони мо ба таври гуногун инъикос гардидаанд, ки онҳоро дар маҷмуъ воқеиятнигорӣ номидан мумкин аст. Имрӯзҳо низ оҳанги иҷтимоӣ, ки онро ба публитсистика мансуб медонанд, дар осори публитсистон ба шаклу тарзи хос инъикос гардида, ҳадафеву маромеро пайгирӣ менамоянд. Фаъолияти ин адибони шинохтаро ба назар гирифта муҳаққиқ мухолифи онҳоест, ки равандҳои иҷтимоиву сиёсиро ба маънои томаш дарк карда наметавонанд. Дар ин

ҳолат ба масъалаҳои арзишдиҳӣ аз ҷониби муҳаққиқону пажӯҳишгарон дахл карда мешавад, ки баҳогузориҳои холисонаву реалӣ надоранд: «...баъзан рӯҳи замонро дар публисистикаи адибон (чопи матбуоти даврӣ) меҷӯем, баъзан нависандагонро коҳиш мекунем, ки аз мавзуи доғи рӯз рӯ тофта, авзои замонро аз тариқи образҳои бофтаи хаёл ба миён мегузоранд. Фикр мекунем, ин ду ақида ҳам чандон саҳеҳ нест» [27, с. 26].

Бо назардошти табиати фазову муҳити эҷодӣ ва ҳамзамон, идеологияи сиёсии замон муносибат кардани адибонро аз равзанаи ҳақиқат амали душвору мураккаб мешуморад. Муаллифи рисола чунин маъниро бештар шарҳ медиҳад, ки танқиду мазаммат дар пояи воқеият бояд беғаразона бошад. Идеали иҷтимоӣ аз назари муҳаққиқ дур қарор намегирад ва аз мавқеи шаҳрвандии муаллифон ёдовар мешавад, ки он дар ҳама ҳолатҳо ногузир аст. Албатта, аз забони қаҳрамон баён кардани ҳадаф, ки он нақли воқеияти талх аст, ба маҳорати муаллифон вобаста аст. Ремаркаву тавзеҳи муаллифӣ низ нақши сазовореро дар шаклгирии асар дорад: «Фалсафаи оптимизми таърихӣ аз ҳар санъаткор назари ҷиддии интиқодиро ба навоқиси мавҷуд талаб карда, ҳамзамон, баёни эҳсоси амиқи шаҳрвандиро низ истисно намекунад. Солҳои сол мо аз адибон талаб мекардем, ки идеали муаллифи худро («ман», «мо,» ремаркаи муаллиф) тавассути қаҳрамони мусбат иброз доранд» [27, с. 26].

Масъалае, ки солҳо боз домани баҳси васеъро дарбар мегирад, ин марзу сарҳад гузоштан миёни адабиёту публитсистика мебошад. Мункир наметавон буд, ки публисистикаро адабиёт ба вуҷуд овардааст ва бо гузашти вақт вазифаҳои публитсистика мушаххастар гардонида, онро ба соҳаи алоҳидаи эҷод табдил додааст. Бо он ки аз имкониятҳои ҳамдигар васеъ истифода мебаранд, онҳоро пурра аз ҳам ҷудо кардан имкон надорад. Бидуни унсурҳои муайяни бадеӣ публитсистика вуҷуд доштаву ҷалб карда наметавонад ва ҳамзамон, адабиёт низ тараннумгари оҳангҳои зиндагӣ дар шаклу қолаби хос мебошад. Ба ақидаи А.

Саъдуллоев нависандаву публитсист дар якҷоягӣ дар хизмати ҷомеа қарор доранд: «Ба ақидаи нависанда байни меҳнати нависанда ва публитсист фарқе нест, «дуи онҳо ба халқ ва ҷамъият якзайл» хизмат мекунанд» [27, с. 8]. Дар ҷои дигар «Хидмат ба халқ вазифаи муқаддаси адабиёт аст» [96, с. 87] гуфтани муҳаққиқ далели самти ягонаи ҳадафу маром доштани онҳо мебошад.

А. Саъдуллоев аз мавҷудияти очеркҳои таъсирбахшу мондагори асри гузашта қаноатманд асту онро тавсиф менамояд. Назар ба таҳлилу баррасиҳое, ки муаллиф дар асару мақолаҳои худ дорад, ин очеркҳо бо илҳоми саршору завқи баланд эҷод гардидаанд. Чунин комёбиро баъди анҷоми ҷанг ва як замоне таваққуф дар офаридаҳои солҳои 60-80 хеле амиқ дарёфта, ба онҳо баҳои реалӣ медиҳад. Дар ҳақиқат, нависандагони тоҷик, қаҳрамонони асарашонро дар майдонҳои басо шадиди ҷанг воқеъбинона тасвир намуда, ҷараёни воқеаҳоро дар ҳикояҳои мустанади худ дуруст муайян кардаанд. Ин аз он далолат медиҳад, ки тасвири образу типикунонии воқеаҳо ҷанбаи реалии ҳикояҳои онҳоро мустаҳкам менамояд. Муҳаққиқи асар ҷиҳатҳои гуногунро дар бозтоби саҳнаҳои дигари жанрҳои насри мустанад низ, берун аз асари «Хосияти адабиёт» мавриди таҳлил қарор додааст. Аммо дар ин ҷараён тавозуни ягона вуҷуд надорад ва проблемаҳое низ ҳастанд, ки он пеш аз ҳама набудани маҳорату таҷрибаи ҳаётии нигорандагони алоҳида аст. Ин гуна муаллифонро муҳаққиқ Саъдуллоев содалавҳ ва тангбин ҳам мегӯяд: «Аммо ҳамчунин бисёр очеркҳое дучор меоянд, ки натанҳо проблема надоранд, балки доираи баҳсашон хеле маҳдуд аст, қаҳрамононашон берун аз гектарҳои пахтазор ё боғоти худ касеро ва чизеро намебинанд, дар муҳокимарониҳояшон соддалавҳиҳо мушоҳида мегардад» [27, с. 119-120].

Андешаи А. Саъдуллоев дар мавриди шинохти асари публитсистӣ он аст, ки чунин асарҳо дар заминаи маҳорату ҷаҳонибиниҳои васеъ ва таҷрибаи судманди адибон ба майдон меоянд. Инкишофу рангорангии насри мустанадро адибони боистеъдод ба роҳ гузошта метавонанд.

Чунин арзишдиҳӣ ба он маънист, ки асари публитсистӣ низ бояд ҳамвазни моли адабиёт бошад ва бо моҳияти иҷтимоии худ таваҷҷуҳи оммаро ҷалб намояд. Таъсиргароии асар ба андешаҳои тозаи асар бештар марбут аст ва гилаву интиқоди муҳаққиқ ҳам баъзан сари он аст, ки мавзуъҳо такрор ва аз нигоҳи фарогирӣ ҳаммонанд мешаванд. Ба таври мисол ифодаҳои «субҳ надамида», «садои оби ҷӯякҳои пахта», «қаноатмандии коргарон», «тасмиму иқдоми нав», «ҳамаро ба ҳайрат овардан», «садои муҳаррик» ва монанди ин пештар аз ҳама харобии мавзуъҳоро нишон медиҳад. А. Саъдуллоев дар роҳи муваффақияту комёбиҳо бештар аз ҳама халлоқияти навиштаҳоро муқаддам мешуморад. Баъзе таҳлилҳоро нисбат ба монографияи адабиётшинос А. Маниёзов ёдрас мегардад, ки ба асарҳои публитсистии С. Айнӣ бахшида шудааст. Дар ин маврид ҷанбаҳои халқияти осори публитсистии устод Айниро ишора менамояд, ки бо ҷанбаҳои таърихияту дурустии фактҳо як гӯшаи таърихи миллатро ба вуҷуд овардааст: Таҳқиқоти А. Маниёзов новобаста ба ин ки як давраи маҳдудро матраҳ сохтааст, тавонистааст, ки бисёре аз ҷиҳатҳои халлоқияти публисистии устодро мавриди баҳсу таҳқиқ қарор диҳад» [27, с. 11-12].

Публитсистика ва ҷомеа дар иртиботи қавӣ қарор доранд. Агар осори журналистиро дар муқоиса бо осори публитсистӣ дида бароем маълум мегардад, ки ҳар ду бо факт сару кор доранд, вале дар маводи журналистӣ факти таҳлилшуда бояд ҷанбаи иттилоотӣ, фаврият ва тезу тундии нуқтаи назар дошта бошад. Аммо дар осори публитсистӣ факт амиқ таҳлил гашта воқеияти имрӯз ва ҳақиқати мавзуъ ҳаматарафа бозгӯ карда мешавад. Чунки публитсистро зарур аст, ки на танҳо матн, балки маъною мафҳуми ҳар як калимаро аз нигоҳи хос таҳлил намояд. Нававару серҳаракат бошад, инчунин методҳои махсуси омӯзишро донад, то ки дар таҳқиқи воқеаҳо ба хатой роҳ надиҳад ва мавзуи таҳқиқашро воқеию объективона ташхис намояд.

Муҳаққиқ А. Саъдуллоев бо назардошти таҷрибаи амалӣ доштан дар публитсистика ва эҷоди асарҳои алоҳида дар таҳқиқу ташхиси

публитсистика танҳо ба ақидаи олимону пажуҳишгарони рус такя накардааст. Ҳарчанд сарчашмаи аслии таҳқиқҳои публитсистӣ назарияи олимони рус ба шумор равад ҳам, аммо А. Саъдуллоев дар такя ба андешаҳои саромадони нақди муосири тоҷик аз қабили А. Маниёзов, Х. Мирзозода, С. Табаров, М. Шакурӣ ва дигарон андешаҳои илмиву хоси худро ҳосил кардааст. Як ҷиҳати муҳим дар таҳқиқи А. Саъдуллоев ин эътирофи андешаҳои дигар муҳаққиқон дар тавзеҳи муаммоҳову масъалаҳои соҳа мебошад, ки онҳоро дар ифодаи мақсад хеле хуб таҷзия карда метавонад. Дар ин замина бо таҳлилу баррасии мусоҳибаи М. Шукуров бо номи «Адабиёт ва фалсафаи ҳастӣ» («Садои шарқ». – 1986. – №3) масъалаҳои «ҳофизаи қаҳрамон роҷеъ ба таърих», «идеали ҷамъиятии қаҳрамон», «ақидаҳои мардуми меҳнатӣ», «таҷрибаи иҷтимоии аср», «хусусиятҳои муҳими ҳаёти халқ», «ҷузъиёти характерноки зисту маишат», «тасаввуроти мардуми покдили меҳнатӣ дар бораи зиндагӣ» аз аркону ҷузъиёти муҳим дар таҷаллии ҳақиқат дар асари публитсистӣ меҳисобад. Албатта, дар ин самт танҳо ба назар гирифтани матолиби рӯзномавӣ асли мақсад нест. Дар таҳқиқи асарҳои муҳташами бадеӣ низ ташхиси унсурҳои публитсистӣ аз ҷониби М. Шукуров ҷонибдорӣ карда мешавад: «Ба пиндори муаллиф воқеият дар асари адабиёт роҳу воситаҳои гуногуни тасвир дорад... Аз боби асарҳои ба воқеияти реалӣ бахшидашуда сухан ронда муаллифон дар мавриди романҳои «Нанг ва номус»-и М. Хоҷаев (1981), «Хатлон»-и Ҷ. Икромӣ (1984) ва «Сарбозони бесилоҳ»-и Ф. Ниёзӣ фикрҳои ҷолиб баён кардаанд» [27, с. 13].

Норасоӣ ва нуқсоне, ки дар сохтори асари публитсистӣ аз ҷониби А. Саъдуллоев таъкид мегардад, ин мавқеи фаъоли иҷтимоӣ надоштани муаллифон аст. Муаллиф бартарияту афзалияти соҳаро дар он мебинад, ки он нерӯйи махсуси иҷтимоӣ мебошад. Аз ҷониби бештари муҳаққиқон минбари иҷтимоӣ будани публитсистика пайваста зикр карда мешавад ва ин ба он маънист, ки соҳиби он минбар худи ҷомеа мебошад.

Баёни якранг, оҳанги такрор ва дар шакли маълумоти тарҷумаҳолӣ пешниҳод кардани очерку лавҳаҳо далели аз маҳорати нигориши публитсистӣ дур будани муаллифон ба шумор меравад. Зикр кардани корномаҳо ва дар атрофи он ба роҳ гузоштани тавсифу таҳсинҳо нокомӣ дар навиштани очерк ва дигар жанрҳои публитсистӣ аст. Истифодаи факту санад дар жанрҳои публитсистӣ-бадеӣ инкор намегардад. Танҳо усули пешниҳод ва дар мавод дуруст ҷо кардани он ҳунар аст.

Муҳимтар аз ҳама дар асари публитсистӣ вазифаи пешниҳоду таҳлили масъалаи барои муаллиф маълум ва барои хонанда нав муҳим аст. Имрӯзу гузашта барои публитсистон навиштани очеркҳои сафарӣ, ё сафарномаҳо шавқовару завқбахш аст. Аз равандҳои маорифпарварии охири асри 19 маълум аст, ки теъдоди чунин навиштаҳо зиёд буданд. Муҳаққиқ А. Саъдуллоев ба ин масъала низ рӯ оварда, аз нақши умдаи маорифпарваронаи кишварҳои форсизабон, махсусан, равшанфикрони Эрону Афғонистон, ба монанди Сайид Ҷамолиддини Афғонӣ, Мирзо Малкумхон, Маҳмуди Тарзӣ, Мирзо Иброҳимбек, Мирзо Сироҷи Ҳаким ва дигарон ёдовар мешавад, ки дар заминаи сафарҳои худ «...рӯзномае ё маҷаллаеро ба форсӣ таъсис додаанд ва аз ин тариқ ҳамватанони худро ба рӯзгори пешрафтаи кишварҳои дигар ошно месохтанд» [27, с. 18].

Як хосияти муҳими таҳқиқ он мебошад, ки агар дар он дар асоси ҳар як ҷузъи танқидшаванда саҳеҳияти он ҷузъ бозгӯӣ карда шаваду қатъи назар нагардад. А. Саъдуллоев дар баробари дигар методҳои илмӣ аз усули контентӣ ва муқоисавӣ истифода карда, боҷуръатона дарёфти роҳи комёбӣ, ё баръакси онро баён медорад. Ибораву мафҳуми «нусхаи бадеии ҳаёт» фарогири уфуқҳову маъниҳои зиёд аст, ки бештар оҳанги публитсистии асарро дарбар мегирад. Дар саҳнаҳои бадеӣ, ки дар партави онҳо ҳақиқати ҳаёт таҷассум меёбад, маҳорату ҳунари баланди адибони публитсисит мебошад. Муҳаққиқ дар асоси ҳамин гуна ташхисҳо нисбат ба осори М. Наҷмиддинов назари мусбат баён карда, онро намунаи пайравӣ низ меҳисобад: «Асарҳои М. Наҷмиддинов нусхаи бадеии ҳаётанд, кас онҳоро мутолиа карда, аз гирду атрофи худ

чунин одамонро меҷӯяд ва аксаран одамонеро мебинад, ки аввалин бор ба воситаи асарҳои мустанади ӯ шиносашон гаштааст. Шояд яке аз сабабҳои хонданбоб будани асарҳои М. Наҷмиддинов дар ҳамин бошад» [27, с. 106].

Агар дар осори М. Наҷмиддинов дар партави бадеияти ҷолиб матраҳ гардидани воқеияти зиндагиро дарёбад, пас дар осори адиби дигар Ғаффор Мирзо ин ҷиҳатро дар вобастагӣ ба унсури ошкоргӯи, сареият ва муъҷазбаёнӣ дарёфт кардааст. Ғаффор Мирзо дар таърихи адабиёти муосири мо ҳамчун адиби иҷтимоӣ мавқеи баланду ҷойгоҳи муносибро соҳиб аст, ки ба ин махсусияти осораш бузургтарин мунаққидон, аз ҷумла С. Табаров нисбат ба тараннуми оҳанги замона баҳои сазовор додааст. А. Саъдуллоев бошад, ба ин оҳангу навои иҷтимоии осори адиб аз рӯйи принсипи воқеятнигорӣ ва як навъ якравии хоси эҷодии ӯ ишора менамояд: «Дар публитсистикаи Ғаффор Мирзо хосияти асосии жанрҳои воқеънигорӣ-ошкоргӯии садои муаллиф, самимият ба далел, «якравӣ»-и самти гуфтор хуб мушоҳида мегардад» [27, с. 102].

Профессор А. Саъдуллоев дар баробари журналист ва публитсист будан мунаққиди шинохтаи адабиёти тоҷик низ мебошад. Ба қалами ӯ зиёда аз сад асари бадеӣ зери нақди адабӣ қарор гирифтааст, ки дар рӯзномаҳову маҷаллаҳои даврии ватанӣ, аз ҷумла «Тоҷикистони Советӣ» (Ҷумҳурият), «Маданияти Тоҷикистон» (Адабиёт ва санъат), «Комсомоли Тоҷикистон» (Ҷавонони Тоҷикистон), «Садои Шарқ», «Омӯзгор» ва ғайраҳо чоп гардидаанд. Дар ин масъала равиши таҳлили мунаққид А. Саъдуллоев ба равиши иҷтимоӣ рост меояд.

Дар ҳақиқат, тақризҳои ӯ ба асарҳои олимони машҳуру адибону журналистони номдори кишвар, мисоли Ҷонибеки Акобир, Раҷаб Амонов, Юсуфҷон Аҳмадзода, Абдумалик Баҳорӣ, Меҳмон Бахтӣ, Гулрухсор, Шоҳмузаффар Ёдгорӣ, Ҷамолиддин Каримзода, Қутбӣ Киром, Ӯрун Кӯҳзод, Раҷаб Мардон, Кароматулло Мирзоев, Фазлиддин Муҳаммадиев, Карим Мӯсо, Шералӣ Мӯсо, Мутеулло Наҷмиддинов,

Абдӯғаффори Партав, Абдулҳамид Самадов, Муҳаммадзамони Солеҳ, Саттор Турсун, Баҳром Фирӯз, Шодон Ҳаниф, Мӯҳтарам Ҳотаму дигарон хеле зиёд мебошанд ва дар муаррифии ҳар кадоми онҳо накши сазовор низ гузоштааст. Дар бораи сабку услуб, дараҷаи идроку ҷаҳонибинҳо, фарогирии мавзуоти муҳим, тараннуми оҳанги замона, фаъолмандии иҷтимоӣ, хосияти бадеиву фалсафӣ, тавозуни тахайюлу воқеияти асарҳои онҳо муҳаққиқ хеле дақиқбинона хулосабарорӣ менамояд.

Таҳқиқу пажуҳиш ва хулосаву натиҷагириҳои муҳаққиқ А. Саъдуллоеврo ба назар гирифта, чунин бардоште ба миён меояд, ки публитсистика ин ҳунар аст ва на ҳама кас дар ин майдон муваффақ гардида метавонад. Публитсистика иборат аз маҷмуи ҷузъиёте мебошад, ки таҷзияи он ҳама дар асоси тафаккури мантиқӣ, ҷаҳонбинии маънавӣ ва донишҳову маърифати баланд судманд гардида метавонад. Соҳаи мазкур он навъи эҷодиётест, ки дар он ҷанбаҳои тадқиқи бадеиву илмӣ ва фалсафию сиёсӣ ба ҳам иртиботи қавӣ доранд ва ба ҳам овардани онҳо масъулияти эҷодиву иҷтимоӣ аз ҷониби муаллифон низ ба шумор меравад. Мавқеи фаъоли муаллифӣ дар асари публитсистӣ бояд ифодкакунандаи манфиати иҷтимоӣ гардад. Дар замони муосир дар шароити мураккаби ҷаҳониишавӣ чунин мақеъ боз ҳам ногузир дониста мешавад: «Навии хулосаҳо, таҳқиқи амиқи воқеият, нуқтаи назари шахсии муаллиф ба зиндагӣ, маҳорати фикри субъективиро ба объективӣ гардондан, яъне «ман»-и қаҳрамонро ба «мо»-и ҷамъиятӣ табдил додан – ин аст он меъёрҳо, ки дар назди публитсистикаи муосир гузошта мешавад» [27, с. 121]. Як нуқта мавриди таъкиди хос мебошад, ки публитсистикаи солҳои ҳаштодуми асри гузашта бо мазмуни бой ва рангини худ торафт бо фарогирии мавзуоти мубрамтари рӯз ба тафаккури омма таъсирҳои навро мегузошт. Аз як ҷониб маълум аст, ки сиёсати бозсозии замони горбачевӣ аз дурнамои номаълум дарак медод. Баъдтар маълум гардид, ки ин ҷараён барои аз байн бурдани сиёсати давлатии ИҶШС мусоидат намудааст. Ин сиёсат раванди боло

гирифтани худшиносиҳои миллиро тезонид ва дар ин ҷабҳа публитсистика хеле фаъолона амал мекард. Бо шарофати ин сиёсат дар саҳифаҳои матбуоти тоҷик низ як раванди эҳёи хосаи маърифату ҷаҳонбиниҳои мутафовут ба назар мерасид. Дар саҳифаҳои матбуот ба нашр расидани матолибе, ки худшиносиҳои миллиро дар самти адабиёту фарҳанг дарбар мегирифт, хеле зиёд мегардид. Асоси сарчашмаи ин ҷараёнро муҳаққиқ А. Саъдуллоев аз матбуоти умумииттифоқӣ медид. Махсусан, мақолаи профессори донишгоҳи Маскав М. Всеволодова дар мавриди давлатӣ шудани ҳамаи забонҳои халқҳои хурду бузург, манофеи миллӣ, истиқлоли давлатӣ пайдо кардани забону фарҳангҳои миллатҳои зиёди шуравӣ, аз ҷумлаи мақолаҳое буд, ки дар он мавқею мақоми забони миллатҳои Иттиҳоди Шуравиро объективона мавриди ҳаллу фасл қарор мегирифт. Ин мақола дар баробари дигар мавзуҳои озодихоҳона аз ҷониби аҳли зиёву адаби тоҷик мавриди ҳамовозиҳо қарор гирифта, таҳрикҳои бузургеро дар олами афкор ба вуҷуд овард. Он зуд паҳн гардид ва аҳли эҷодро боҷуръат низ намуд: «...6 марти соли 1989 газетаи «Правда» мақолаи хеле ҷолиби доктори илми филология профессори Университети давлатии Москва М. Всеволодоваро бо номи «Забонҳои мо баробарҳуқуқанд» нашр кард. Онро «Тоҷикистони советӣ» 8 март ва «Комунист Таджикистана» 7 март пешкаши хонандагони ҷумҳурӣ гардондаанд» [27, с. 125].

Мафҳуми маданияти меҳнат дар ташаккули ҷомеа танҳо хоси замони шуравӣ намебошад. Меҳнати садоқатмандона барои пешрафту ташаккули диёр ва дар сангарҳо ҳамеша фаъол будан он талаботест, ки дар меҳвари идеологияҳои сиёсӣ қарор мегирад. Ба таври муайяну маълум публитсиситикаи замони шуравӣ ин рисолатро ба анҷом расонида тавонист. Таҳқиқу омӯзиши ҳамаҷонибаи ин раванди ҳаёт ва инъиксои он дар давраҳои алоҳида аз ҷониби адибони фаъоле чун Ю. Акобиров, Ф. Муҳаммадив, П. Толис, М. Хоҷаев, Ш. Ҳаниф ва дигарон хеле хуб суръат ҳам пайдо мекард. Дар ин ҳолат муҳаққиқ А. Саъдуллоев дар заминаи таҳлилҳои муқоисавӣ назари интиқодӣ дорад: «...ин анъана

имрӯз ҳам гӯё вуҷуд дорад, масалан, адибони мо чанде пеш дар нақби Анзоб, нерӯгоҳи обии Сангтӯда ва бунёди роҳ дар Давоз буданд. Бо ҳалҳала, созу суруд. Баъзеҳо очеркҳои сафарӣ ҳам навиштанд» [92, с. 23].

Дар ин маврид А. Саъдуллоев дар такя ба андешаҳои адиби публитсист Р. Ёрмуҳаммад, ки дар очерки «Роҳ ба сӯи нур» зикр намудааст, муносибати сарсарии муаллифони асарҳоро мегӯяд, ки баъзан саҳлангории онҳо ҳақиқати воқеиро зери парда қарор додааст. Маълум, ки публитсистикаи замони истиқлолият бештар ба шаҳомати факт дода шудааст ва моҳияту мантиқи он канор гузошта мешавад. А. Саъдуллоев ба баъзе омилҳои тасвиру инъикоси ноороміҳои солҳои навадум нигариста, андеша дорад, ки «нигориш сатҳӣ ба назар мерасад» [100, с. 7] ва дар мавриди бунёдкориҳову созандагиҳои замони соҳибистиқлолӣ мегӯяд, ки «кишваророї дар сухан сазовор муҷассаме дошта бошад» [100, с. 7]. Дар асоси ҳамин андешаҳои мутақобил баъзе тафовути адабиётро (махсусан нигоҳи шоирона) ёфтан мумкин аст, ки имкони дар худ ғунҷонидани шарҳи факту аснодро надорад. Аз андешаҳои муҳаққиқ бармеояд, ки ин раванд ба сабқатҳои бетаъсиру беманфиат ҳам табдил ёфтааст: «...чунин омӯзиш ба сафарҳои шоирони маъруфамон ба назди пахтакорон шабоҳат дорад. адибе ки шахсан масъаларо намеомӯзад, бо иштирокдорони набардгоҳ мустақиман сӯҳбат намеорояд, ҷойҳои тунуку нозуки кору кормандро худаш омӯхтаю таҳлил намекунад, асари таҳлилии проблемадор навиштанаш маҳол аст» [92, с. 23].

Дирӯз, имрӯз ва дурнамои рушди публитсистика, каломи воқеъгароёна ва насри мустанад пайваста дар мадди назари муҳаққиқ қарор гирифтааст. Бо иваз шудани сохти иҷтимоӣ, насри мустанад мавзуъ ва жанру намудҳои худро дигар намуд, мувофиқи тақозои давру замон ташвиқи вазифаҳо ва ҳадафу махсусиятҳои раванди иҷтимоӣ низ тағйир ёфт. Ба ин тариқ? инкишофи жанрҳои насри мустанад дар саҳифаҳои рӯзномаҳо зиёд ба назар мерасид. Ин собит менамояд, ки офарандагони насри мустанад адибон ва муҳаққиқони боистеъдод

буданд, ки дар рушду такомули насри мустанад таъсири бузург гузоштанд. Дар чунин муҳиту фазо ҷойи дигар устод А. Саъдуллоев насри мустанадро ҳодисаи дигари маданияти тафаккур меҳисобад. Яъне маданияти тафаккур гуфта донишҳои рӯзмарра, соҳавӣ ва маърифати умумии нависанда ва публитсистонро дар назар дорад.

То соли 2016, яъне то охири умр муҳаққиқ Асадулло Саъдуллоев чун як муҳаққиқу публитсисту мунаққид ба камол расидаву то ҳадди муайян самту уфуқҳои дурнамои соҳаро муайян кардааст. Бо зикри чанд махсусияте ки дар фавқ ишора шуд, метавон гуфт, ки имрӯз яке аз жанрҳои нақди адабӣ тақриз низ жанри маъмултарини муаррификунанда адиб ва эҷоди ӯ ба ҳисоб меравад. Дар шинохт ва ҷудо намудани сараро аз носара хизмат карда истодааст. Дар миёни жанри нақди адабӣ тақриз мавқеи калон дорад, ки дар пояи онҳо А. Саъдуллоев бисёр фикру андешаҳоро баён кардааст. Ин маънои онро надорад, ки таҳқиқи насри солҳои 60-80, ки аз ҷониби ӯ сурат гирифтааст, аҳамияту моҳияи худро гум карда бошанд. Танҳо онро зикр бояд кард, ки А. Саъдуллоев дар навиштани жанри тақриз мақоми хосро соҳиб буда, онро идомаи андешаҳои ӯ дар ҳошияи «Хосияти адабиёт» гуфтан мумкин аст.

Ҳамқадами замона будан ва ташхис карда тавонистани набзи ҷомеа вазифаву рисолати бузурги адибе ба шумор меравад, ки нисбат ба ҳар як тамоюли зиндагӣ бетафовут нест. Дар асоси муқоисаҳо раванди бунёдкориҳо дар ҷомеаи имрӯзаи мо дар қиёс бо замони шуравӣ суръати баланд дорад ва тасвир карда тавонистани талоши ҳақиқиву хулосабахши заҳматкашон аз адибони мо маҳорати комилро тақозо менамояд. Чунин ба назар мерасад, ки он ҷаззобияте, ки дар публитсистикаи солҳои 70-80 дар намо додани сохтмонҳои азим вуҷуд дошт, имрӯз каммазмунтар мушоҳида мешавад. Боз ҳам дар заминаҳои қиёсу таҳлилҳои васеъ он масъала мавриди танқид қарор дода мешавад, ки «...бо илҳоми хоса дида тавонистану тасвир кардани користонҳо хеле ночиз менамояд» [100].

Албатта, баъзе ҷузъиёт қатъи назар гардида наметавонанд ва адибону эҷодкорони мо ба таври мисол дар нишон додани бунёди НБО-и Роғун аз худ дарак дода истодаанд. Аммо ба ҳеҷ сурат на он рӯҳияе мебошад, ки замоне дар бунёди НБО-Норак ба назар мерасид. Ин тамоюл шояд ба он асос аст, ки имрӯз интихоб барои мутолиа зиёд гардидааст. Ба ин масъала А. Саъдуллоев дигар хел баҳо дода, ноқисиву харобии навиштаҳоро дар завқи коҳидаи адибон мебинад. Аз ҷониби дигар ба ақидаи А. Саъдуллоев «..нависандагони варзидаи мо ҳатто аҳён-аҳён чун публитсист, бо диди шаҳрвандӣ аз худ намо медиҳанд» [100].

Маънавиёт, идрок ва ҷаҳонибинии инсон дар баробари осебпазириҳо ногузир дар пайи тағйиротҳои куллӣ қарор гирифтааст. Тафаккури аҳли ҷомеа беш аз дигар давраҳо мавриди таҳоҷуму таҳдидҳои бешумор қарор дорад. Таззодҳои иҷтимоиву равонӣ тезутунд гардида, ҷаҳон дар пайи таназзулу таҳаввулоти номаълуме қарор гирифтааст. Бо назардошти ин масъала муҳаққиқ А. Саъдуллоев чунин андеша дорад: «Ҳамаи ин аз суханварон талаб мекунад, ки аз аъмоқи воқеаҳо хубтар огоҳӣ ёфта, далелу санадҳои иҷтимоию фарҳангиро амиқан ба таҳлил бигиранд. Аз ин рӯ, фаъолмандии иҷтимоӣ вазифаи корӣ маҳсуб гашта, чун тадқиқи ҳамаҷонибаи рагорангиҳои ҳаёт ва унсурҳои муайянкунандаи эҷодиёт қарор мегирад» [27, с. 24]. Бархурди манфиатҳои бузурги иделогӣ, муборизаи торафт шиддатёбандаи маданияту фарҳангҳо, мухолифати неруҳои гуногуни иҷтимоию маънавӣ ва дигар муаммову печидагиҳо қарор гирифтааст. Дар ин меҳвар инсон чун мавҷуди ҳасос ба ҳар яки ин руйдодҳо мувоҷеҳ мегардад ва як навъ ниёз низ барои раҳоӣ аз ин бунбаст дорад. Шакли мақбули дарки ин ҳаводису равандҳо дар ҷомеа бештар аз ҳама ба души публитсистика мебошад.

Ишораи муаллиф дар аксар ҳолатҳо ба баъзе нуқсону костагиҳоест, ки адибони мо баъзан нусхабардору суратгири воқеаҳову навгониҳои ҳаётанд. Ҷой надоштани завқ, бидуни самимияту садоқат муносибат

кардани адибон, намо додани сурати воқеа, шарҳу таҳлилҳои ноқис, фаъолмандии заифи иҷтимоӣ, тасвирҳои нокомили бадеӣ, ҷой надоштани саҳнаҳои воқеии рӯзгор, кам омӯхта шудани мавзуъ, маҳдудияти афкори мантиқӣ, ҷаҳонбиниҳои маҳдуд, маърифати ночиз, мутолиаи кам ва амсоли ин аз ҷузъиёти манфиест, ки дар публитсистикаи имрӯзаи мо мушоҳида мешавад. Равандҳои инкишофи иҷтимоӣ дар маҷмуъ дар ҷомеаи инсонӣ дар ҳама самтҳо таҳаввулу таҷдид ёфта, арзишу фаҳмишҳоро дигар намудааст.

### 2.3. А. Саъдуллоев ва таҳқиқи публитсистикаи М. Турсунзода

Таҳқиқу пужуҳиш дар баробари фаъолияти омӯзгориву журналистии А. Саъдуллоев доманаи хеле густурда дошта, ҷойи инкор ҳам нест, ки дар ин ҷода соҳибмақом будаву эътироф низ гардидааст. Яъне таҳқиқ дар фаъолияти ӯ дар мақоми аввал қарор дорад. Дар муқаддимаи ин фасл зикр бояд кард, ки профессор А. Саъдуллоев дар мавзуи «Публисистикаи Мирзо Турсунзода» кори номзадии худро анҷом дода, шогирдонашро низ бештар дар ҳамин самт роҳнамоӣ намуд. А. Саъдуллоев ин рисоларо таҳти роҳбарии Соҳиб Табаров нимаи дуюми солҳои ҳафтодум анҷом дода, бо андаке таъхир онро ҳимоя намудааст: «Соли 1981 Асадулло Саъдуллоев дар мавзуи «Публитсистикаи устод Турсунзода рисолаи номзадӣ дифоъ намуда, дар баробари фаъолияти роҳбарӣ дар матбуот, ҳамчунин нимбаст дар кафедраи адабиёти советии тоҷик дарс мегуфтанд» [44, с. 58]. Яъне қадамҳои аввалини худи устод А. Саъдуллоев дар риштаи таҳқиқ публитсистикаро фаро мегирифт. Ҳамин аст, ки оғозу остонаи мактаби тарбияи шогирдонро майдони публитсистика ташкил додааст ва шогирдони профессор А. Саъдуллоев дар мактаби таҳқиқии созмондодаи ӯ ба корҳои таҳқиқотӣ машғул шуда, ин анъанаро идома дода истодаанд. Заминаи ба ин мавзуъ рӯ овардани ӯ ҳамин аст, ки дар чандин мулоқотҳои мунаққидону адабиётшиносон дар хусуси он сухан мерафт, ки дар мавриди публитсистикаи адибони

ҷудогона тадқиқоти арзишманде анҷом дода нашудааст. Инро ба назар гирифта, профессор А. Саъдуллоев тасмим мегирад, ки дар таҳқиқи мавзуи публитсистикаи Б. Ғафуров, А. Дониш, М. Миршакар, Ф. Муҳаммадиев, М. Наҷмиддинов, А. Самад ба шогирдон роҳнамоӣ намояд.

Ба таҳқиқи публитсистикаи ин адиби номдор рӯ овардани А. Саъдуллоев ин як ҷуръату эътимоди комил доштан ба худ буд. Профессор И. Усмонов мегӯяд, ки «он кас перомуни шахсе, эҷодиёти касе рисолаи номзадӣ менавиштанд, ки номи ҷаҳонӣ дошт» [103, с. 29]. Дар ҳамоҳангӣ ба андешаи муҳаққиқ И. Усмонов, доктори илми фалсафа, профессор Н. Саид низ барои таҳқиқ ба чунин мавзуъ рӯ оварданро як навъ матонат медонист: «Ҳанӯз устод Мирзо Турсунзода дар қайди ҳаёт буданд, ки муҳаққиқ Асадулло Саъдуллоев таҳти роҳбарии узви вобастаи АУ ҶТ Соҳиб Шӯҳратиевич Табаров ба таҳқиқи публитсистикаи ин шахсияти номи ҷаҳонӣ дошта оғоз карданд. Он замон кам касон бовар доштанд, ки муҳаққиқ Асадулло Саъдуллоев дар ин самт комёб мешуда бошад» [75, с. 13-14]. И.Усмонов як андоза сабаби таҳқиқи ин мавзуъро дар он мебинад, ки «дар таҳрири иддае аз навиштаҳои публитсистиашон иштирок кардаанд» [103, с. 29]. Ин маънии онро дорад, ки А. Саъдуллоев бо ин адиби бузург дар фосила қарор надошт ва ин қаробат барои ӯ дар пажӯҳишҳо мусоидат ҳам кардааст.

Ҷои баҳс нест, ки М. Турсунзода шахсияти замон буд. Муҳаққиқ А. Раҳмонов хидматҳои бузурги М. Турсунзодаро дар доираи илми адабиётшиносӣ таҳқиқ намуда, чунин мегӯяд: «Устод М. Турсунзода аз ҷумлаи шоироне ба шумор мерафт, ки бо таъсири устодони бузурги сухан: Садриддин Айнӣ ва Абулқосим Лоҳутӣ ба мавзуъҳои муҳимтарин ҳаёти кишвар даст зада, рӯзгори мардум ва заҳмати софдилонаи онҳоро дар бунёди ҷомеаи нав васф менамуд»

Ба андешаи профессор Ш. Муллоев дар солҳои ҳафтодуми асри гузашта дар асоси аввалин мақолаҳову тақризҳо дар саҳифаҳои матбуот

А. Саъдуллоев «...ҳамчун мунаққид нисбат ба зуҳуроти адабиёти он солҳо» [15, с. 22] муаррифӣ мегардад, ки дар ин самт таҳқиқоти публитсистикаи М. Турсунзода дохил гардида метавонад. Дар ин масъала фикри муҳаққиқ М. Муродов низ созгор аст, ки «заминаҳои иҷтимоии пайванди адиб бо замон» [17, с. 105] муҷиби он гардида буд, ки эҷоди алоҳидаи баъзе адибони назмсаро руҳияи амиқи иҷтимоӣ пайдо намояд. Методи реализми сотсиалистӣ ҳама равандҳои инкишофи адабиётро маълуму мушаххас менамуд. Ин рисолат дар он буд, ки бояд адабиёти советии тоҷик ба ҳаёту зиндагии халқу миллатҳои давлати бузурги шуравӣ ва ҳатто берун аз он таваҷҷуҳ зоҳир намуда, бо назардошти мавқеи иҷтимоӣ манфиатҳои идеологиро пайгирӣ мекарданд. Ин вазифаро «...дар шаклу намудҳои гуногуни бадеӣ меҳнату мубориза, ақидаҳои иҷтимоию сиёсӣ, тарзи маишат ва расму оини онҳоро инъикос кардан» [15, с. 23] ба дӯши доираи бузурги адибони Иттиҳоди Шуравӣ мегузоштанд.

Тавре ба назар мерасанд, андешаҳо дар бобати арзиш ва таҳқиқи публитсистикаи М. Турсунзода аз ҷониби муҳаққиқони гуногун бо хосияти умумӣ кам нестанд. Чунин ақидаҳои умумиро донишмандони зиёди шинохтае, аз ҷумла профессорон М. Абдуллозода, Х. Асозода ва А. Нуралиев, Н. Салихов ва ғайраҳо таъкид сохтаанд.

Таърихи нисбатан фишурдаву возеҳи ҳимояи рисолаи номзадӣ ва баъзе бузургиҳои устод М. Турсунзодаро ҳамчун шахсият, С. Гулов муҳаққиқ ва яке аз шогирдони аввалини мактаби илмии А. Саъдуллоев дар заминаи суҳбатҳои хосаи ин муҳаққиқ чунин аст, ки онро айнан меорем: «Бузургии устод Турсунзода аз нақлҳои устодам дар назарам шаҳомати дигар пайдо кардааст... Устодам нақл карданд, ки соли 1976 чун рисолаи номзадиашон роҷеъ ба публисистикаи Устод Турсунзода анҷом ёфтаву барои баъзе маслиҳатҳо назди устод Турсунзода мераванд, ба суоли устод – чӣ мушкилӣ доред, писар?- посух медиҳанд, дар тарҷумаи кори илмӣ ба забони русӣ мушкил дорам. Устод Турсунзода мегӯянд, ки роҳи ҳалли ин мушкил дорам. Устод Турсунзода мегӯянд, ки

роҳи ҳалли ин мушкил ба Муҳаммадҷон (Муҳаммад Осимӣ – Президенти Академияи илмҳои ҷумҳурӣ – С.Г.) вобаста асту наздаш меравем. М. Осимӣ маслиҳат медиҳад, ки ба раиси комисияи Олии Атестатсионии СССР бояд занг зад. Баъди чанд дақиқаи сӯҳбат алоқаи байнишаҳрӣ онҳоро бо раиси КОА СССР пайванд месозад, муаллим Осимӣ баъди пурсупос ва арзи матлаб гӯширо ба устод Турсунзода медиҳад. Устод Турсунзода хоҳиш мекунанд, ки рисолаи ин шогирдро, ки ба фаъолияти публисистии ман ихтисос дорад, бо забони тоҷикӣ қабул кунед, раиси КОА даррав розӣ мешавад ва илова мекунад, ки бо имзои Президенти Академияи илмҳои ҷумҳурӣ як мактуб дар ин бора фиристед, кофист... Вале вақте рисола ба дифоъ пешниҳод мешавад, устод Турсунзода алакай дар қайди ҳаёт набуданд. Муаллифи рисола ба ҳузури Президенти Академияи илмҳо рафта аз мактуб ёдрас мешаванд. Муаллим Осимӣ мегӯянд, ки писарҷон, раиси КОА-и СССР ба эҳтироми устод Турсунзода ин талаботро дар нисбати рисолаи Шумо истисно карда буд, акнун устод Турсунзода нестанд, ман ҷуръати аз номи он кас сухан гуфтан надорам, беҳтараш тамоми маблағи барои тарҷума сарфшавандаро ман медиҳаму аз паси тарҷума кардани рисола шавед. Устод Саъдуллоев бо арзи эҳтиром аз гирифтани маблағи тарҷума даст мекашанд...».

Рисолаи номзадии А. Саъдуллоев таҳти унвони «Замони муосир ва проблемаҳои публитсистикаи советии тоҷик (публитсистикаи Мирзо Турсунзода)» аз чор боб – «Оғози фаъолияти публитсистии М. Турсунзода», «Мирзо Турсунзода – муборизи сулҳ ва дӯстии халқҳо», «Қимати ғоявию эстетикии публитсистикаи М. Турсунзода» ва «Публитсистикаи М. Турсунзода ва адибони советӣ» иборат аст.

Монографияи илмии А. Саъдуллоев таҳти унвони «Публитсистикаи Турсунзода» соли 1988 баъди ҳафт соли ҳимояи рисолаи номзадӣ дар ин мавзуъ ба табъ расидааст. Дар муқадимаи боби якум бо номи «Оғози фаъолияти публитсистии М. Турсунзода» дар бораи аҳамияти Инқилоби Октябр ва таъсири он дар пешрафти ҳаёти маънавию фарҳангии халқи

тоҷик сухан меравад. Муаллиф таъсири файзбахши Инқилобро зикр намуда, аввалин асарҳои адибони солҳои бистуму сиюмро оғози марҳилаи нави ҳаёти халқ мешуморад, ки онҳо нахуст дар китобҳои дарсӣ – «Соли нахустин» (1924), «Роҳбари бесаводон» (1926-1928), «Алифбои тоҷик» (1927), «Баҳри дониш» (1925), «Омӯзиш» (1928) ва ғайра чоп шуда буданд» [26, с. 10].

М. Турсунзода дар замоне ба фаъолияти журналистӣ пардохта буд, ки раванди муборизаҳо дар чандин самт суръат дошт. Муаллифи рисола қайд мекунад, ки «...дар ин роҳ ба онҳо С. Айнӣ роҳнамо буд» [26, с. 10] ва маълум, ки С. Айнӣ аз аввалинҳо шуда дар матбуоти даврагӣ бо мақолаҳои публитсистӣ иштирок мекард ва дар чандин самтҳои мавзуӣ ба насли ҷавон кумак мекард. Дар ин давраҳои барқарорсозиҳо «мухбирӣ кори шарафнок ва дар айни замон пурхавф ҳам буд» [26, с. 11].

Қатъи назар аз ҳама монеаҳо мухбирон дар иҷрои ин кори шарафнок тамоми фаъолияташонро бо самимияту садоқат ба он равона мекарданд, ки дар сохтмони ҳаёти нав фаъол бошанд. Ҳам дар рисолаи илмии А. Саъдуллоев ва ҳам дар бисёр маъхазу сарчашмаҳо зикр мешавад, ки бо сарварии устод С. Айнӣ дар матбуоти давригии солҳои бистуму сиюми тоҷик як зумра адибон аз қабили Б. Азизӣ, С. Ализода, А. Деҳотӣ, Т. Зеҳнӣ, М. Миршакар, А. Мунзим, П. Сулаймонӣ, М. Турсунзода, С. Улуғзода, А. Ҳамидӣ, Р. Ҷалил, Н. Шерзода ва бисёре аз дигарон бо мақолаву очерку ҳикоя ва шеърҳои худ оҳангҳои ватандӯстонаро тараннум мекарданд. Дар қатори ин адибони ҷавон М. Турсунзода дар ибтидои солҳои 30 натанҳо мухбири ҷавони ҷӯяндае буд, балки дар ташкили «мактаби большевикии мухбирони коргару деҳқон» бевосита иштирок намуда, дар саҳифаҳои газетаи «Комсомоли Тоҷикистон» доир ба кори мухбирон аввалин хабарҳоро нашр менамуд. Остонаи фаъолияти ин адиби шинохта муваффақона зикр мешавад ва ҳатто дар тарбияи дигар мухбирон ҳисса гузоштани ӯ таъкид мегардад. Аз рӯйи факту далелҳо маълум мешавад, ки М. Турсунзода «дар ҷамъомадҳои мухбирони коргару деҳқон фаъолияти ҳайатҳои

таҳририяҳои газетаҳои деворӣ ва ёрии мухбирони штатии газетаҳо ба онҳо дар солҳои 1930-1934, аз ҷумла дар газетаи «Комсомоли Тоҷикистон» 18 хабару мақолаи Турсунзода чоп шудааст» [26, с. 11].

Фаъолияти журналистии он солҳо ин фаъолияти сиёсӣ буд ва дар назди ҳар як журналист масъулиятҳои бузурге қарор мегирифт. Як нуқтаи муҳим ҳамин аст, ки дар баробари фаъолияти журналистӣ доштан М. Турсунзода мактаби тарбияи сиёсиеро соҳиб буд, ки дар доираи он ҷавонони сохти нав тарбият меёфтанд. А. Саъдуллоев бо назардошти ин махсусият дар такя ба андешаҳои худи М. Турсунзода мегӯяд: «Мухбир, ба фаҳмиши ӯ, шахсест, ки шиори нави партия – ҳамчун синф нест кардани муштзӯронро хуб мефаҳмад» [26, с. 11]. М. Турсунзода ба сохту ҷомеаи нав натанҳо боввариву эътимод дошт, балки садоқати ӯ дар заминаи таҷрибаҳои ҳаётӣ шакл гирифта, мехост, ки дар ин роҳ мубаллиғони ҷавон торафт бештар бошанд. Инҷо низ муаллифи рисола қайд мекунад: «Барои ҳамин ҳам дар ин бора Мирзо Турсунзода чунин навишта буд: «Дар пеши мо масъалаи тайёр кардани кадрҳои матбуот монанди як вазифаи зарбдор истодааст» [26, с. 12].

Дар доираи ҳамин 18 хабару мақолаҳое, ки М. Турсунзода навиштааст, маълум мегардад, ки оғози фаъолияти ӯро даъвату хитобаҳои ҷиддӣ фаро гирифтаанд. Аз мазмуни рисола бармеояд, ки М. Турсунзода дар зимни таҳлили воқеа ва ташхиси равандҳои иҷтимоӣ вазъияти умумии муборизаи идеологии партияро дар марҳилаи нави таърихӣ аз назар мегузаронад. Ин матолиб дар маҳфилҳо (кружок) хонда мешуданд ва ҳамзамон, дар саҳифаҳои газетаҳои деворӣ доимӣ ба табъ мерасиданд: «Вазифаҳои коркунони матбуот, – менависад ӯ, – ҳамаҷониба тайёр кардани мухбирон аст. Ин корро фақат дар натиҷаи ҷоннок кардани кори газетаҳои деворӣ ва кори кружокҳо ба роҳ мондан мумкин» [26, с. 12].

Аз таҳлилу баҳогузориҳо маълум мегардад, ки очерку мақолаҳои М. Турсунзода бештар дар мавзуъҳои сиёсии рӯз офарида шудаанд. Мавзуи ҳозиразамон, ба монанди мубориза бар муқобили бесаводӣ, аз миён

бурдани анъанаҳои куҳнаи зараровар, талош барои маърифати ҷомеа, тараққии хоҷагии қишлоқ нест, кардани унсурҳои бегона, ободонии шаҳру деҳот ва амсоли ин дар меҳвари мавзуии хабар, мақола ва лавҳаю очеркҳои ин солҳои пур аз муборизаҳо қарор мегирифтанд. Дар таҳқиқи бисёре аз пажӯҳишгарони таърихи матбуоти ватанӣ забони коставу баъзан хароби навиштаҳои ин давра танқид карда мешаванд. Ин ҷиҳат барои матолиби Турсунзодаи ҷавон ҳам баъзан истисно набуд. Сабаби ин омилро А. Саъдуллоев чунин муайян кардааст: «Забони содда, ҳатто баъзан аз ҳад хушки газетавӣ маҳз ба фаҳмиши халқи меҳнаткаши он солҳо, ки аксар бесавод будаанд, мутобиқ карда шудааст» [26, с. 12].

Табиист, ки муҳтавои хабарҳои он солҳо аз услуби ҳикоягӣ иборат буд ва факту рақамҳо дар домани нақл қарор мегирифтанд. Дар ин солҳои пур аз масъулияту созандагиҳо ва ҷараёни пуртаззод М. Турсунзода яке аз он адибони ҷавоне буд, ки аз аввалинҳо шуда ба ҳар як қарори қабулкардаи партия ҷонибдорияшро баён мекард ва дигаронро низ ба ин кор даъват менамуд: «дар хабарҳое, ки ӯ ҳангоми сафарҳо аз районҳои ҳамон рӯзаи Саройкамар, Лақайтоҷик ва ғайра навиштааст, аз муборизаи ячейкаҳо ва фаъолони комсомол баҳри иҷрои ин қарори КМ ВКП (б) нақл мекарданд» [26, с. 13].

Устод М. Турсунзода чун мунодии сулҳу дӯстии халқҳо эътироф гардида, маҳбубияти ӯ берун аз Тоҷикистону Иттиҳоди Шуравиро фаро мегирифт. Аз мазмуни аввалин мақолаҳояш бармеояд, ки ин сифат барои ӯ аз аввал бегона набудааст. Ба таври мисод мақолаи «Сухани мо дар ду ҷабҳа» [26, с. 13] бо эҳсоси баланди ватандӯстӣ навишта шуда, дар он мавқеи шаҳрвандии муаллиф равшан ифода ёфтааст. Ба андешаи А. Саъдуллоев мавзуи мустаҳкамкунии дӯстии халқҳо дар ҷомеаи навин ва нест кардани унсурҳои миллатгароёнае, ки ба ин ҷараён монеа мегардиданд, дар аксари мақолаҳояш «чун хатти сурх» [26, с. 13] – муҳокимарониҳову таҳлилҳои ӯ ба назар мерасиданд. А. Саъдуллоев дар асоси мазмуну муҳтавои мақолаҳои М. Турсунзода такя карда, ба ғояҳои марксистӣ – ленинӣ садоқатманд будани ӯро ишора мекунад ва аз

хитобаҳову ҳукмҳои ҷиддии муаллифи мубориз ишора менамояд: «онҳоеро, ки «ба осиёби миллатчиёни маҳалли об мерезанд» сахт маҳкум менамояд» [26, с. 14].

Дар рисола мақолаҳои дигари М. Турсунзода ба монанди «Дар микёси район» («Комсомоли Тоҷикистон», 1932, 10 апрел, таҳти рубрикаи «Аз роҳбари бригадаи махсуси мо дар Саройкамар») ва «Симои ҳангомадор ё Авра – Астари як нобакор» («Комсомоли Тоҷикистон», 1931, 24 апрел) ёдрас мегардад, ки дар идомаи ин мавзуъҳо фаъолмандии баланди иҷтимоии муаллифро нишон медиҳанд. Фаъолияти публитсистии М. Турсунзода аз ҷониби муҳаққиқ дар чандин ҷабҳаҳо ба назар гирифта мешавад ва муаллиф чун як мубориза фаъол душманони ниқобдорро низ мешиносад. Масалан, меҳнатдӯстиву ҷонкоҳии деҳқононро бо рӯҳияи мусбат нақл карда, ҳамзамон, онҳоеро зери тозиёнаи танқид мегирад, ки «кореро ба иҷро нарасонда ва ба марказ ҳамеша маълумот мефиристанд» [26, с. 15].

Маълум мегардад, ки мақолаҳои М. Турсунзода танҳо аз як самти мушаххаси идеологиву сиёсӣ иборат нест. Фарҳангу саводомӯзӣ, ҳаёти комсомолӣ, корҳои идоравӣ, ҳаёти кишоварзӣ, масъулияти роҳбарони хоҷагиҳо ва монанди он аз мавзуҳоест, ки ба ҷомеа наздик будани адиби ҷавонро нишон медиҳанд. Ҳамчун сарвари бригадаҳои эҷодӣ М. Турсунзода нисбат ба ҷараёни ҳаёти иҷтимоӣ бетафовут нест. Баррасии чунин масъалаҳои мубрамро дар мақолаҳои «Оё «Ҳалима» ба мо лозим аст?», «Мубориза барои мустаҳкам намудани саф ва сифати корҳои ташкилот» (аз ҳайати бригадаи рӯзномаи «Комсомоли Тоҷикистон». – 1932, 1 май), «Комсомоли Баумонобод ба муносибати иваз намудани билети комсомолӣ» («Комсомоли Тоҷикистон». – 1932, 23 май), «Дар Баумонобод чӣ аҳвол» («Комсомоли Тоҷикистон». – 1932, 2 июн), (бо ҳамроҳии Арслонбек), «Пахтаҳои колхозчиён тӯғрӣ баркашида шавад», «Павлов ба ҷавобгарӣ кашида шавад» («Комсомоли Тоҷикистон». – 1934, 29 октябр) дидан мумкин аст, ки дар асоси таҳлили контентии онҳо муҳаққиқ хулосабарориҳо намудааст. Дар таҳқиқи худ А. Саъдуллоев

ҳамеша ҷуръату ҷасорат зоҳир кардааст. Дар ҳақиқат, дар он солҳое, ки М. Турсунзода дар қайди ҳаёт буданд, ба чунин мавзуъ рӯ овардани муҳаққиқ ин як шуҷоат буд. Зеро Турсунзодаро дар қораи Осиёву Африқо ва Аврупо мешинохтанд. Маълум мегардад, ки А. Саъдуллоев дар оғози фаъолияти публитсистии М. Турсунзода баъе ноҳамвориҳоро мебинад: «Бо вуҷуди он, ки назариётчиёни публисистика мақолаҳои танқидиро ба қатори асарҳои публисистӣ дохил мекунанд, мақолаҳои номбурдаи М. Турсунзодаро асарҳои мукаммали публисистӣ номидан мумкин нест. Муаллиф дар чунин мақолаҳо асосан бо ибораҳои «ин кори ношоям аст», «ба ин камбудӣ хотима додан даркор» қаноат мекунанду халос» [26, с. 16].

Албатта, ин омил ба он вобаста буд, ки ҳанӯз усулуби хоси газетавӣ дар миёни аксари журналистон дар солҳои 30-40-уми асри гузашта пурра шакл нагирифта буд. Тавре зикр гардид, харобиву содагии забон ба он вачҳ буд, ки омма бесавод буд ва аксаран хатро ё намедонистанд, ё ба зӯр ҳиҷҷа карда мехонданд. Барои ин фурсату вақт лозим буд ва омода кардани кадрҳои миллӣ акнун оғоз мегардид. Дар ин раванд нақши асосиро илму маориф ба иҷро мерасонид ва дар баланд гардидани сатҳи маънавият мусоидат мекард. Ин масъалаҳоро М. Турсунзода дар мадди назар қарор медод ва ба андешаи А. Саъдуллоев ин шоири бузург дар баланд гардидани баъзе унсурҳои худшиносии миллӣ бетафовутӣ намудааст: «М. Турсунзода дар мақолаи «Санъаткорони Ленинобод» боз ба масъалаи тайёр кардани кадрҳои миллӣ барои санъати реалистии тоҷик муроҷиат кардааст» [26, с. 18].

М. Турсунзода чун роҳбари бригадаҳои эҷодӣ, чун як воқеанигори бевосита ва ташвиқотчии ғояҳои ҳизби ҳукмрони замон ба шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ бисёр сафарҳо мекард ва ба инкишофи зиндагии зуд тағйирёбанда аз наздик шинос гардида, муносибату мақеи худро маълум менамуд. Назар ба таҳлилҳои муҳаққиқ шоири ҷавон бо услуби публитсистӣ таваҷҷуҳро ба корҳои деҳқонӣ, ба ҷӯшу хурӯши меҳнати озод ҷалб намуда, аз бунёди ҷомеаи нав пурра қаноатманд мебошад.

Тарғибу ташвиқ дар ин давра то як андоза самтҳои инкишофи ҳаёти иҷтимоиву иқтисодиро маълуму мушаххас менамуд. Тавзеҳи нақшаву барномаҳои зиёди давлатӣ ва дар амал татбиқ намудани идеяҳои ҳизбро М. Турсунзода дар сатҳи баланди касбият тарғиб менамуд. Дар заминаи супоришҳову нишондодҳои ҳизбӣ М. Турсунзода, ҳушёрии синфиро баланд бардоштан ва плани панҷсолаи дуюмро пеш аз мӯҳлат ба ҷо оварданро вазифаи ҷонии ҳар як шаҳрванди кишвари худ медонист. Дар ин радиф М. Турсунзода аз шеъри хитобиву шиорӣ васеъ истифода кардааст. Дар баробари фаъолияти муваффақонаи шоир А. Саъдуллоев аз баъзе нуқсонҳои шеъри М. Турсунзода низ ишора кардааст. Ин андешаи интиқодӣ барои ҳамаи шоирони ҷавони ин даврон хос буд ва оҷилияти баёни андеша ба он сабаб мегардид: «Шеърҳои давраи аввали эҷодиёти М. Турсунзода дар бадеият, шеърият нисбатан суст бошанд ҳам, онҳо рӯҳи баланди публитсистӣ доранд:

Марш ба пеш, эй ҷавон, ки ҳиммату кор аст,
Ки чашми 5 солаи 2 дар раҳат чор аст.
Тоҷикистон ба Шарқ намуна шавад,
Писару духтари Коммуна шавад» [26, с. 20].

Шояд бо сабаби баъзе таҳдидҳову фишорҳои боқимондаи замони амирӣ М. Турсунзода дар газетаҳои солҳои сиюм бо имзои «Ғаюрӣ» матолибашро ба нашр мерасонид. Аз ҷумла, ҳафт мақолаи М. Турсунзода бо ҳамин имзо чоп шудааст, ки ҳамаи онҳо руҳияи амиқи таблиғотиву ташвиқотӣ доштаанд. Бояд эътироф кард, ки заминаи адабиёту публитсистикаи тоҷик аз нигоҳи ҳама паҳлуҳо дар солҳои сиюм хеле ҳам қавӣ буд. Дар асоси таҳқиқҳои қиёсӣ А. Саъдуллоев ба хулосае меояд, ки манзумаҳои кутоҳ, шеърҳои иҷтимоӣ, лавҳаю очерк ва ҳикояҳои маҷмуаи «Байроқи зафар» аз нигоҳи фарогириву интихоби мавзуъ, пешниҳоди фикру мулоҳизаҳо, усули пешниҳоду тарзи ҳалли масъалаҳо ва забону услуби баён ба як қатор асарҳои солҳои бистуму нимаи аввали солҳои сиюми адабиёти муосири тоҷик монандиву умумиятҳоро соҳибанд. Тарбияву нишондодҳои методи реализми

сотсиалистӣ барои адибони мо вазифаи муқаддам ба ҳисоб мерафт ва он қариб дар тамоми давраҳои эҷодӣ бидуни таъсир набуд. А. Саъдуллоев ҳам чунин андеша дорад, ки «...ҳаёти гузаштаи халқи тоҷик дар тасвири М. Турсунзода реалистӣ аст» [26, с. 21].

Як ҷиҳати умдаи дигар дар эҷодиёти М. Турсунзода он аст, ки давра ба давра вазифаҳои эҷодияш пурмасъултару ҷиддитар гардидаанд. Ин омил пеш аз ҳама ба камолоти ин адиб ҳамчун шахсияти иҷтимоӣ дахл дошта метавонад. Зеро ки минбари иҷтимоӣ барои ӯ хеле густурда буд. Ин фарқиятро А. Саъдуллоев чунин тавзеҳ додааст: «Дар маҷмуаи «Байроқи зафар», «Мавҷҳои зафар», «Гудоки ғолибият» ва «Зарбдорон» барин мақолаҳои публитсистӣ ҷо дода шудаанд. Ин мақолаҳо аз ҷиҳати сохт, тарзи баён ва забони худ аз баромадҳои публитсистии матбуотии М. Турсунзода фарқ мекунанд» [26, с. 24]. Як гардиши бузурги эҷодӣ дар фаъолияти М. Турсунзода он аст, ки баъд аз солҳи чилум ба мавзуоти хориҷӣ ба таври фаррох рӯ овардааст. Ҷаҳони империализм рақиби ашадии сохти сотсиалистӣ ба ҳисоб мерафт. Бо назардошти ҳамин ҷиҳатҳо дар мисоли яке аз мақолаҳои М. Турсунзода оварда мешавад, ки «муқоисаи меҳнати озод бо меҳнати тоқатфарсои ҷаҳони сармоя, зиндагии шоду хуррами мардуми мамлакати дар ҷаҳон аввалини сотсиалистӣ бо ҳаёти вазнини он тарафи дарё бемақсад оварда нашудааст» [26, с. 25].

Дар боби дуюм – «Мирзо Турсунзода – муборизи сулҳ ва дӯстии халқҳо» то андозае омехтагии мавзуъҳо ба назар расида, муаллифи рисола шарҳи ин масъаларо дар иртибот ба дигар мавзуъҳо ба роҳ гузоштааст. Бешубҳа, адибону публитсистони тоҷик бо асарҳои пешазҷангии худ хонандагонашонро ба омодагии ҳамешагӣ дар мубориза ба муқобили нотавонбинону ҳасудону душманони беруна даъват мекарданд ва худашон низ тайёр буданд, ки дар ҳар лаҳзаи зарурӣ бо эҷодиёт ва фаъолияти эҷодияшон ватанро муҳофизатгар бошанд. Онҳоро сиёсати замона ҳамингуна тарбия карда буд ва хидмату рисолати бузургро дар замони худ анҷом дода буданд. Инро ба назар

гирифта, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Ҷашни садсолагии шоир чунин қайд кардаанд: «Мутаассифона, сулҳу амнияти ҷаҳон, ки М. Турсунзода барои он талошҳои зиёд карда буд, ҳоло боз дар зери хатар аст» [72, с. 14]. А. Саъдуллоев дар мавриди муборизи сулҳ ва дӯстии халқҳо будани адиб чунин андеша дорад, ки ин марҳилаву вазифаи нав барои адиб дар замони ҶБВ оғоз мегардад. Натанҳо М. Турсунзода, балки ҳамаи адибони он солҳо пурра ба вазифаи таблиғу ташвиқи масъалаи ватандӯстӣ сафарбар гардида буданд. Дар ин давра нигоҳу муносибати адибон ба душманони беруна, махсусан, фашизм шиддат меёбад.

А. Саъдуллоев бо омӯзишу таҳқиқи саҳифаҳои матбуоти солҳои ҷанг онро зикр менамояд, ки М. Турсунзода дар пайравӣ ба устод Айнӣ ба фонди мудофиа аз ҳисоби худ маблағ гузаронидааст, ки чунин иқдоми адибон ҷомеаро ба таҳрики махсус водор менамуд: «2 августи соли 1941 рӯзномаи «Коммунист Таджикистана» таҳти шапкаи «Фонди мудофиаро ташкил медиҳем» саҳифае дарҷ карда буд, ки дар он мактуби хурдакаки М. Турсунзода «Ман ба фонди мудофиа 400 сӯм медиҳам» низ ҷой дода шудааст» [26, с. 33]. Дар солҳои ҷанг вазифаи М. Турсунзода танҳо таълифи асарҳои хурду калони манзум иборат набудааст ва дар доираи корҳои ташкиливу тарғибӣ дар сафарбар намудани ҷавонон ба фронт ба ташкили меҳнати қаҳрамонона дар ақибгоҳ саҳми муносиб мегузошт, ки давоми фаъолиятҳои ӯ аз солҳои сиюм (сардори бригадаҳои таблиғотӣ) ба шумор меравад. Мавзуи дӯстии халқҳои шуравӣ ва даъват ба иттиҳоду ягонагӣ барои мағлуб сохтани душман роҳи ӯро дар тавзеҳи сиёсатҳои васеи байналхалқӣ суфта мегардонид». Нависанда ба намояндагони халқҳои ӯзбеку тоҷик, туркману қирғиз ва дигарон мурочиаткунон аз қасдҳои «гитлерчиёни одамхӯр ва истилогарони фашистии немис» сухан меронад» [26, с. 34]. Дар ин давра ба андешаи А. Саъдуллоев моҳияти инсонпарварии публитсистикаи давраи ҷангии Турсунзода бо ҳисси ватанхоҳӣ робитаи қавӣ дошта, оҳанги даъвати ӯ барои бунёди ҷомеаи инсонпарвару сулҳхоҳ торафт баландтар мегардад.

Дар ҳама навиштаҳо «қувваи шикастнопазири дӯстӣ ва бародарӣ»-и халқҳои шуравиро васф намуда, бо саволу ҷавоби мантиқӣ он нерӯеро даъвату ҷустуҷӯ мекунад, ки барои мағлубияти фашизми гитлерӣ қудратманд бошад. Дӯстии халқҳои давлати паҳновари худро шикастнопазир дониста, дар ин роҳ самимияту садоқатро асоси дастовардҳои беназир медонад. Ин адиби сулҳхоҳ ва дар баробари ин маҳкумсозандаи амали ҷангхоҳон аз гуфтани ҳақиқати талхи замони ҷанг худро канор намегирад ва разолату ваҳшонияти фашизмро барои баланд гардидани эҳсоси душманбадбинӣ бепарда баён менамояд.

А. Саъдуллоев фаъолияти давра ба давраи М. Турсунзодаро таҳлил намуда, адибро публитсисти фаъоли замон медонад: «...аз хусуси техникаи одамкушӣ нақл карда, публитсист менависад: «албатта, халқҳои сулҳдӯсту тараққипарвари олам на аз хусуси чунин «техника» орзу мекунанд. Онҳо ба меҳнати судбахшу бунёдкорона машғул шудан, ободии хонадон, хушбахтии кӯдакони дӯструяшонро мехоҳанд» [26, с. 40]. Дар мақолаи боло М. Турсунзода бо овардани шиорҳо рӯҳияи якдилии меҳнаткашон Франсияро бо иштирокчиёни конгресс ифода карда, онро намунаи пайравӣ барои халқҳои мазлуми дигаре медонад, ки дар банду асорати империалистон қарор доранд. А. Саъдуллоев андеша дорад, ки агар дар мақолаи «Кори сулҳ ғолиб меояд» фикру андешаҳо, мулоҳизаҳои иштироккунандагони конгресс, авзои сиёсии ҷаҳон ва Франсия чун объекти асосии тасвир хидмат карда бошанд, пас дар мақолаи «Ба сӯи ғалабаҳои нави инсоният» [26, с. 43] публитсист бештар ба воқеаҳои ҷанг ва оқибати он такя кардааст. Таҳлилу баррасиҳо ва тавзеҳи оқибатҳои ҷанг, ки миллионҳо нафарро қурбон намудаву ҳазорон шаҳру деҳаро валангор кардааст, ишораву таъкиди ҷиддӣ барои ҷангхоҳони замон аст. Ба ақидаи А. Саъдуллоев «Асарҳои публитсистии роҷеъ ба ҳаёти мардумони Шарқи хориҷӣ навиштаи М. Турсунзода ҳам маҳз бо он ҷиҳати худ фарқ мекунанд, ки дар аксари онҳо симои одами замони сотсиализм бо тамоми боигариҳои маънавиаш тасвир шудааст» [26, с. 46].

Баёни публитсистии М. Турсунзода дар масъалаҳои байналмилалӣ якранг нест ва дар баробари унсурҳои таҳлилии замонӣ, муаллиф бо сайри таърихӣ рухдоду воқеаҳои солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ, фидокории аскарони шуравиро дар асирӣ ва қаҳрамонии Юлиус Фучик барин муборизонро мисол меорад, ки дар маҳбаси фашистӣ ҳалок мегардиданду аз мавқеи худ даст намекашиданд. М. Турсунзода дар таҳлилҳои А. Саъдуллоев мавқеи гумманизми баланд дорад. Ҳамчун, публитсисти фаъол ин адиби номдор моҳияти сулҳу амониро шарҳ дода, одамонро даъват мекунад, ки ба ҳама гуна ҷангу мухолифат ва фитнаи байни халқҳо хотима бахшанд. Бо баёни фалсафӣ даъват менамояд, ки тамоми нерӯ ва донишу заковати ҷомеаи башарӣ барои обод намудани дашту биёбонҳои ташналабу хушк сарф карда шавад. Чунин оҳанги даъватсоз нахуст дар мақолаи «Дар роҳи сулҳ» баррасӣ гардида, сипас бо таҳриру иловаҳо дар очерки публитсистии «Ба одамон сулҳ, ба биёбонҳо ҷанг» («Шарқи сурх». – 1950. – №10) мукаммал мегардад. Чунин муносибати адиб далели он аст, ки гузашти вақтро назорат менамояд ва дар ҳама равандҳои нав дар баёни андеша омода аст.

Дар рисола мазмуни ботинии навиштаҳои публитсистии адиб таҳқиқ гардида, гуфта мешавад, ки дар публитсистикаи солҳои 50-уми М. Турсунзода, образи вақт, замон ва инсони мубориз фаъол мебошад. Чунин унсурҳо мантиқан пайванди ҳамдигар дониста мешаванд. Аммо тавре ишора гардид, бо гузашти солҳо М. Турсунзода ҳамчун шахсияти шинохта камол ёфта, дар сангари муборизаҳои идеологӣ қарор мегирад. Ин ҷиҳатҳоро ба назар гирифта А. Саъдуллоев мегӯяд, ки «Солҳои шастум ва нимаи аввали солҳои ҳафтодум барои фаъолияти публитсистии М. Турсунзода давраи махсусе буд» [26, с. 54]. Таҳқиқҳо бозгӯи онанд, ки доираи мавзуъҳои публитсистикаи адиб дар ин давра доманаи васеъ пайдо карда, дар публитсистикаи ӯ ҳам аз нигоҳи сабку услуб ва арзишдиҳии бадеӣ, нигоҳи эстетикӣ ба ҳаёти аҳли башар, ба воқеаву ҳаводиси замон ва баъзе масъалаҳои дигар таҳаввулоти бузурге ба амал меояд. Акнун ҳамаи ин андешаҳо тариқи минбарҳои бузурги

байналхалқиву минтақавӣ аз забони М. Турсунзода ҷорӣ мегашт. А. Саъдуллоев дар асоси таҳлили васеи осори публистсистии М. Турсунзода чунин хулосаи возеҳ дорад, ки «Саропои публитсистикаи М. Турсунзодаро идеяи дӯстии халқҳо ва мубориза баҳри сулҳ фаро гирифтааст» [26, с. 55]. Дар ин доира мафҳумҳои «сулҳ», «дӯстӣ», «бародарӣ», «интернатсионализми пролетарӣ», «мубориза зидди асорат» ва амсоли ин дар назму насри адиб мавқеи меҳварӣ дошта, дар баёни мақсади яонаи ӯ, ки сулҳу саодати аҳли башар аст, созгор омадаанд. Дар хулосаҳои ниҳоӣ дар ин самт публитсистикаи М. Турсунзода, пеш аз ҳама, ин изҳори садоқати шоири муборизест, ки худро аз замон ва сиёсати давлати сотсиалистӣ дур гирифта наметавонад ва садоқатмандона дар пайи ҳифозати он қарор мегирад.

Дар боби саввуми рисола бо номи *«Қимати гоявию эстетикии публитсистикаи М. Турсунзода»* дар бораи завқи бадеӣ, ифодаҳои зебову таъсирбахш, маҳорати баланди фалсафии баён ва дигар ҷузъиёти ба он вобаста сухан рафта, М. Турсунзода дар ин самт адиби муваффақ баҳогузорӣ карда мешавад. Нисбат ба ин масъала А. Саъдуллоев баёни аҷибу маънидорро баён мекунад, ки истеъдоди фитрии ин адиби тавоноро нишон медиҳад: «М. Турсунзода фактро намеҷӯяд, қаҳрамонро намекобад, худи «фактҳо, далелҳо, одамон бо ӯ рӯ ба рӯ меоянд» [26, с. 68]. Андешаи боло қабл аз ҳама бозгӯи он аст, ки адиб қобилияти баланди мушоҳидаро соҳиб аст ва он чизеро дида метавонад, ки онро дигарон дида наметавонанд. Тарзу усули пешниҳоди ин мушоҳидаҳои воқеӣ аз ҷониби М. Турсунзода мутафовут мебошанд. А. Саъдуллоев ба масъалаи шинохти сабку услуби баёни адиби шинохтаи замон дода шуда, дар асоси назарияҳои гуногуни илми адабиётшиносӣ ба хулосае мерасад, ки адабиёт набояд аз паси зиндагӣ равад:». Ба ақидаи М. Турсунзода муаммоҳои ҳаёт ҳама вақт муаммоҳои адабиёт ҳам буданду ҳастанд, зеро «адабиёт- нидои ҳаёти воқеист ва он набояд аз паси ҳаёт равад» [26, с. 69].

Ба қавли муҳаққиқ А. Саъдуллоев дар назди ин шоири бузург хандаи тифлон ва хандаи офтоб дар як тавозуни дарку эҳсос қарор мегирад. Ҳамзамон, ин хандаи офтобро дар обилаи кафи дастони марди заҳматкаш, шарораҳои кафшерҳо ва ситораи тиллоии сари синаи қаҳрамонон мебинад. Бешубҳа, тасвиру ташбеҳоти адиб моҳияти амиқи мантиқӣ доранд ва хонандаро ба андеша намудан водор карда метавонанд: «Ман акси нурҳои онро (офтобро-А.С.), – менависад М. Турсунзода, – дар табассумҳои маъсумонаи кӯдакон, дар кафҳои тафсони деҳқонон, дар шарораҳои зангори кафшерҳои электрикӣ, дар рӯйи ситораҳои тиллоии қаҳрамонон мебинам» [26, с. 75].

Пургӯиву ҳаррофӣ, ба дарозо бурдани сухан ва баёни мураккабу печида хосияти навиштаҳои насрии ӯ нестанд. Дар саҳнаҳои ҷолиб матраҳ кардани воқеияти зиндагӣ боис мешаванд, ки хосияти таҳлиливу ташреҳӣ дар навиштаҳои ӯ мавқеи маҳдудтарро соҳиб гарданд. Аз таҳқиқи осораш чунин бардошт ба вуҷуд меояд, ки ӯ бо вақт сабқат карда метавонад. Мавҷуд будани идеал ва дар пояи маҳорату завқи бадеӣ ба роҳ андохтани он, маҳорати комили ин адиб баҳогузорӣ гардидааст. А. Саъдуллоев дар ин самт чунин шинохт дорад: «Дар гуфтори М. Турсунзода шарҳу эзоҳи барзиёде нест. Тамоми фикр «барои ҷамъияти муайян дар вақти муайян» оварда мешавад. Идеяи ӯ дар мисоли воқеаҳои ҳаётӣ исбот мегардад» [26, с. 76].

Бояд ба инобат гирифт, ки М. Турсунзода ҳамчун шоир шинохта шудааст. Назми бой ва рангини М. Турсунзода аз нигоҳи мазмуну мундариҷа дар замони худ ва имрӯз низ арзиши баландро соҳиб мебошад. Нигоҳи шоиронаи ӯ ба ҳақиқатҳои зиндагӣ хонандаро мутаассир мегардонад ва бо хулосаҳои амиқ дар қолаби назм хосияти панду ахлоқӣ мегиранд. Аксар ифодаҳои зебову пурмазмуни шоирона дар вуҷуди хонанда шафқату меҳрро бедор месозанд: «Публитсистикаи М. Турсунзода аз тасвири манзараҳои зебои табиат саршор аст. Манзара (пейзаж) дар публитсистикаи шоир асосан бо як мақсад оварда мешавад.

Он ба мақсади пешгузоштаи нависанда тобеъ гардонда шудааст» [26, с. 88].

Муҳаққиқ А. Саъдуллоев ҳамчун мунаққид бо нуқтаи назари интиқодӣ ба баъзе ҷузъиёти эҷодии М. Турсунзода ба солҳои аввали фаъолияти адиб нигариста қайд менамояд: «Дар мақолаҳои аввалини шоир забони хушки газетӣ мушоҳида мешавад, мафҳумҳои образнок, ибораҳои образнок дар ин давраи фаъолияти вай хеле каманд. Дар асарҳои дар солҳои сиюм навишташуда вазъият ба куллӣ тағйир меёбад. Диалогҳои вай мувофиқи фаҳмишу биниши қаҳрамонон сохта мешаванд» [26, с. 91]. Албатта, ин раванд оғози фаъолияти публитсистии адиб буд, ки зиндагии навро ҳамаҷониба меомӯхт. Тавре ҷое қайд гардид, адибон муваззаф ҳам буданд, ки забону услуби содаро барои ба фаҳми омма наздик пеш гиранд. Ҳамин буд, ки гуруҳ-гурҳ адибон дар ҳайати бригадаҳои эҷодӣ бинобар бесавод будани аҳолӣ рӯзномахонӣ намуда, ба ташвиқу тарғиби фаҳмову содаи идеяҳои нави ҳокимияти давр машғул буданд.

Дар боби ниҳоии рисола бо номи *«Публитсистикаи М. Турсунзода ва адибони советӣ»* аз шуҳрату нуфузи ин адиби бузург сухан меравад. Шуҳрату эътибори байналмилалии Мирзо Турсунзода аз робита бо адибони собиқ шуравӣ ва эътирофи онҳо сахт вобастагӣ дошт. Ин раванди эътирофу эҳтиром табиӣ низ буд. Як нуқта мавриди таъкиди махсус мебошад, ки мавқеи шинохти А. Саъдуллоев нисбати М. Турсунзода баъди зиёда аз 30 сол ҳам дар як нуқта қарор мегирад. Дар арафаи ҷашни садсолагии ин адиби шинохта А. Саъдуллоев дар китоби «Турсунзода дар ёдҳо» чунин қайд кардааст, ки он далели ихлосу эътимоди муҳаққиқ ба шумор меравад: «Бисёриҳо мегӯянд, ки номи ӯ ва Тоҷикистон якест. Турсунзодаро бо Тоҷикистон ва Тоҷикистонро бо Турсунзода мешиносанд. Инро онҳое ҳам тасдиқ мекунанд, ки то дами вопасин ба он кас тамаллуқ мезаданду дар васфаш мадҳияҳо менавиштанд, вале баъди сарашон аз эҷоду аъмоли он кас «шоири маддоҳ» дарёфтаанд» [77, с. 329].

Дар боби мазкур дар доираи робитаву сафарҳо мавқеи М. Турсунзода дар миқёси Иттиҳод ва берун аз он нишон дода мешавад. А. Саъдуллоев дар шинохту қиёсҳо хеле нозукбин аст ва дар баҳогузориҳо нигоҳи воқеъбинона дорад. Турсунзода ва нависандаи рус Н. Тихоновро дар як сатҳ қарор дода мегӯяд: «Н. Тихонов ва М. Турсунзода аз қабили он адибонанд, ки тапиши дили мардумони сайёраи моро инъикос менамоянд» [26, с. 94]. Ҷои инкор нест, ки М. Турсунзода ҳамчун мубаллиғи фаъоли сулҳу дӯстӣ дар миқёси ИҶШС ва берун аз он дӯстони зиёд пайдо карда буд.

Тавре маълум мегардад, дар ин бахши рисола дар мисоли баъзе эҷодиёти нависандагони Иттиҳоди Шуравӣ наздикӣ, ҳамоҳангӣ ва тафовути сабки эҷодии Н. Тихонов, А. Софронов, Ойбек ва чанде дигарон дар асоси муқоиса бо эҷодиёти Мирзо Турсунзода таҳқиқ гардида, дарачаву сатҳи ифодаи набзи замон дар осори онҳо баррасӣ гардидааст. Шарафу шуҳрати Тоҷикистон буд, ки М. Турсунзода дар радифи бузургтарин адибону публитсистони Иттиҳоди Шуравӣ қарор дошт ва бо шарофати ӯ Тоҷикистонро аз баландтарин минбарҳо мешинохтанд: «Беҳтарин сурудаҳои шоирони советӣ, ки имрӯз вирди забони миллионҳо гаштааст, пеш аз ҳама, бо он эътибор пайдо кардааст, ки дар он набзи айём, яъне рӯзгори пурҷӯшу хурӯш, мадду ҷазри зиндагӣ ва олами мутаҳаррику инкишофёбанда акс ёфтааст» [26, с. 94].

А. Саъдуллоев ба осори адибони дигари шуравӣ назар андохта ба хулоса меояд, ки шеъру ҳикояву қиссаҳои Н. Тихонов аз ҳаёти мардуми Ҳиндустон, Покистон, кишварҳои зиёди араб, Индонезия ва дигар давлатҳои Осиёву дар маҷмуъ Шарқ ва шеърҳои силсилаи «Қиссаи Ҳиндустон», «Ман аз Шарқи озод», достонҳои «Садои Осиё» «Духтари муқаддас», «Ҷони ширин», «Аз Ганг то Кремль»-и М. Турсунзода баъди чандин сафарҳо таълиф гардида, ҳаёти мардумони кишварҳои бедоршудаи Осиёву Африкаро хеле дақиқбинона баррасӣ кардаанд. Дар онҳо умумият он аст, ки оҳанги сулҳу ягонагиро дар пояи баланд аз як равзана тараннум кардаанд. «Соли 1949 М. Ойбек, А. Софронов, Н.

Тихонов ва М. Турсунзода бо таклифи Ассотциацияи нависандагони прогрессивӣ ба Покистон сафар намуданд. Мушоҳидаи ҳаёти покистониён боиси ба вуҷуд омадани як қатор асарҳои баландғояи шоирону нависандагони советӣ гардид» [26, с. 97].

Аз таҳқиқи профессор А. Саъдуллоев бармеояд, ки мавсуф таъиноти аслии публитсистикаро дар оҷилият, воқеият ва ҳақиқатнигорӣ мебинад. Дар ин маврид бояд аз он ёдрас гардид, ки озодиву ҳақиқати кул дар ҳеҷ давру замон вуҷуд надошт, надорад ва нахоҳад дошт. Муаллифони асарҳо ҳатман пойбанди чизе (сиёсати замон, мавқеи фардӣ, нишондоди муассис ва ғ. С.Н.) мешаванд, ки ин ҳақиқатро барҳам мезанад. Ин нуқтаи ҳассосро муҳаққиқ дарк менамояд ва бо вуҷуди қонуниятҳои дигар аз таҳриф ва бофтаҳо дур будани публитсистонро муҳим арзёбӣ менамояд: «Мафҳумҳои адабиёти мушоҳида, адабиёти таҳқиқ, адабиёти факту воқеанигорӣ аз замони пайдоиши сухани матбӯъ бо куллияи гунаҳои калом робитаи ногусастанӣ доранд. Дар қомуси калимаҳои хориҷӣ ин ибораҳо ҳамчун «ҳодиса, рӯйдод, воқеаи ҳақиқӣ, нобофта» тасриф шудаанд» [27, с. 5].

Дар заминаи муқоисаи асарҳои М. Турсунзода бо асарҳои адибони дигар ҳамин ҷузъиёт маълум мегардад, ки публитсистикаи М. Турсунзода чӣ аз ҷиҳати мавзую мундариҷа, чӣ аз ҷиҳати жанру услуб ба талаботи публитсистикаи пешқадаму фармоишии давру замон ҷавобгӯ буда, дар ин замина садоқату муҳаббати ватандориву сулҳпарварии адиб махсус мебошад. Пойбанд будани адиб ба «пропогандаи ленинӣ» амри яқин бошад ҳам, М. Турсунзода асарҳои публитсистие дар пояи назму наср офаридааст, ки дорои қимати баланди адабӣ мебошанд ва хосияти мондагорӣ доранд.

# БОБИ III

# МАКТАБИ ИЛМИИ А. САЪДУЛЛОЕВ

Муваффақияту комёбии ҳар як муҳаққиқ, пеш аз ҳама дар он зоҳир мешавад, ки чи гуна мактаби илмиро соҳиб мебошаду чӣ қадар шогирдонро дар роҳи илм тарбия намудааст. Дар ҳақиқат, ин мактаб дар соҳаи журналистикаву публитсистика васеъ мебошад. Танҳо як нуқта мавриди зикр аст, ки ҳам фаъолияти илмии А. Саъдуллоев ва ҳам мактаби илмии ӯ таҳқиқ нагардидаанд. Дар ин маврид, профессор М. Муродӣ дуруст таъкид менамояд, ки «...то имрӯз доир ба фаъолияти илмии ин муҳаққиқ омӯзишҳои ҷудогона дар шакли мақолаҳои илмиву оммавӣ рӯйи чоп омада бошанд ҳам, самтҳои мактаби илмии ӯ ошкор ва вижагиҳои он илман муайян нагардидаанд» [67, с. 25]. Дар ҳақиқат, хидматҳои муҳаққиқ А. Саъдуллоев дар роҳи илм ва пешрафти ҷомеа на фақат дар осори нашркардаашон, балки дар фаъолиятҳои дигари серсоҳаашон ва раҳнамоиҳо дар самти илм ба шогирдон низ ифода мешавад. Хидматҳои ин донишманд дар тарбия ва омода кардани кадрҳои илмӣ барои Тоҷикистон хеле бузург буда, шогирдони ӯ бахусус дар соҳаи публитсистикаву журналистика хеле зиёданд ва бори аслии пажӯҳишҳои илмӣ дар ин соҳа бар дӯши онҳо аст.

Бо вуҷуди он ки фаъолияти илмии ӯ хеле васеъ ва гуногунҷиҳат буд, барои тарбияи шогирдон, роҳнамоӣ кардани онҳо дар самти илму пажӯҳиш вақт ва нерӯи худро сарф мекард. Дар маврид профессор М. Муқимов андеша дорад, ки мактаби илмии А. Саъдуллоев аз ду самт иборат аст: «Устод Асадулло Саъдуллоев мактаби илмии худро доранд, ки 2 самти пажӯҳишро фаро мегирад: яке публитсистика ва дигаре журналистикаи хориҷӣ. Таҳти роҳбарии профессор Асадулло Саъдуллоев 15 нафар рисолаи номзадӣ дифоъ кардаанд, ки ин кори саҳл нест. Ҳоло аксари ин шогирдон худ устод шуда, даҳҳо нафарро ба

пажӯҳиши илмӣ раҳнамун кардаанд ва имрӯз мактаби мазкур тавсеа ёфта, самтҳои навро фаро гирифтааст» [65, с. 24].

Дар мавриди 15 нафар шогирдон ҳаминро гуфтан зарур аст, ки 2-3 нафар шогирдони устод баъди марги роҳбари илмияшон рисолаҳои худро дифоъ кардаанд. Қатъи назар аз ҳама фикру андешаҳо мактаби илмиии А. Саъдуллоевро ба ду бахш ҷудо кардан мумкин аст: Публитсистика ва журналистика. Ин ду самт маҳдуд нестанд ва ҳар яки онро дар навбати худ ба чандин шохаҳои дигар ҷудо кардан мумкин аст. Дар таҳқиқи худ мо ба таври маҷмуӣ дар ҳамин ду самт тавзеҳи мухтасари рисолаҳоеро, ки таҳти роҳнамоии профессор А. Саъдуллоев дифоъ гардидаанд, ба роҳ гузоштем.

### 3.1. Таҳқиқи публитсистика дар мактаби илмии А. Саъдуллоев

***1. Гулов Сангин Нурович. Бадеият дар очерки муосири тоҷик // Рисола барои дарёфти унвони илмии номзади илмҳои филологӣ. – Душанбе: ДМТ, 1997.***

Аз нахустин унвонҷӯёне, ки таҳти роҳнамоии профессор А. Саъдуллоев рисолаи илмӣ дифоъ намудааст, Сангин Гулов мебошад ва мавзуи нахустини ин мактаби илмии шаклгиранда очерку публитсистика буд. Дар ин рисола масъалаҳои махсусияту шинохти жанр, характери қаҳрамони очерк, композитсияву сужа, тасвири симои инсони муосир, пайванди ҷузъиёти бадеӣ, типпикунониҳои образу воқеа, маҳорати нигорандагӣ, сабку услубу забон, возеҳияти баён, умумияту тафовути очерк дар ҳама шаклҳои васоити ахбор ва дигар масъалаҳои марбут ба очерк мавриди баҳс қарор гирифтаанд. Дар таҳқиқоти дотсент С. Гулов бо назардошти фаҳмиши «таҳқиқу тасвири публитсистика воқеияти реалӣ» [6, с. 9] баъзе ҷиҳатҳои таъсирбахшӣ ва илмиву бадеии очерки муосир мавриди таҳлилу таҳқиқ қарор гирифтааст. Муаллифи рисола жанри очеркро аз рӯи навъҳо ва композитсия бо ҳам муқоиса намуда, чунин қайд менамояд: «Банду басти очерк, қабл аз ҳама ба омилҳое

вобаста аст, ки хоси жанрҳои бадеӣ – публитсистианд. Ин гунаи жанрҳо нисбати кулли жанрҳои дигар аз нигоҳи фарохи фарогирӣ ва озодии интихоби сабк бартариҳо доранд» [6, с. 53].

Дар рисолаи мазкур муҳаққиқ жанри очеркро аз нигоҳи муҳаққиқони рус М. Горкий, Е. Журбина, В. Канторович, Б. Кастелянс, М. Шеглов ва муҳаққиқони тоҷик А. Маниёзов, А. Саъдуллоев, И. Усмонов мавриди таҳлил қарор додааст. Муаллиф ҷонибдори ақидаи А. Маниёзов мебошад, ки очеркро аввалин шуда С. Айнӣ ба адабиётамон татбиқ намудааст. Бо мисолу далелҳо жанри очеркро дар муқоиса бо дигар жанрҳои публитсистикаи бадеӣ мушаххас намуда, роҳҳои инкишофи онро мавриди баҳс қарор додааст. Яке аз хусусиятҳои жанри очерк тасвир ва образофарии лаҳзаҳо ва саҳнаҳои ҳаёти воқеӣ гуфта мешавад. Очерк дар мавзуи муҳими рӯз навишта шуда, симои зоҳириву ботинии воқеиятро нишон дода, таъсире ба ҷомеа мегузорад. Андешаи қотеи муҳаққиқ он аст, ки «муаллифи очерк бидуни ҷузъиёти тасвири бадеӣ (истифодаи санъату воситаҳои тасвир, саҷъ, руҷуъҳо) асар навишта наметавонад» [6, с. 89]. Дар рисола дар асоси назарияҳои шинохти жанр муаллиф ба хулосае омадааст, ки: «...ҳадафи ҳар нигошта, жанр таъсиррасонӣ ба хонанда ва ё ба ҷомеа аст» [6, с. 117].

Ба андешаи муҳаққиқ С. Гулов бештари жанрҳои публитсистикаи бадеӣ ба воқеият сару кор гирифта, ҳақиқати реалии замонро тавассути образҳо ва лаҳзаҳои воқеӣ баён менамоянд. Дар идомаи таҳқиқи профессор А. Саъдуллоев дар шинохти жанри очерк муаллифи рисола низ андеша дорад, ин жанр дар радифи жанрҳои дигари насри мустанади тоҷик ба воқеиятгӯиву ошкорбаёнӣ ва симоофарию таҳлилҳои воқеӣ дар пояи мушоҳидаҳои амиқ мубрамият мавқеи баландро соҳиб мебошад. Андешаҳои муаллиф бо он асос меёбад, ки корбасти воситаҳои тасвири бадеӣ, тахайюли маҳдуд, тасвири манзара, муколамаҳову монологҳо, факту аснод ва ғайраҳо хусусияти фарқкунандаи очерк ва умуман жанрҳои публитсистӣ ба шумор мераванд. Маҳз бо ин ҷиҳатҳо, ки омезише бо адабиёти асил доранд, очеркро аз жанрҳои таҳлиливу

иттилоотӣ фарқ кунонидан мумкин аст. Дар солҳои навадуми асри гузашта таҳқиқу пажуҳиши очерк дар публитсистика аввалин қадамҳо дар шинохти ин жанр ба шумор мерафт. Муаллифи рисола мавзуи очерки солҳои 80-умро ба даҳсолаи қаблӣ муқоиса намуда, тафовут ва монандиҳои онро дар интихоби мавзуъ ва ҳалли проблемаҳои замон қариб, ки дар як сатҳ медонад. Аммо дар дигар маврид паҳлӯи муҳими мавзуъро баррасӣ намуда, чунин қайд мекунад: «дар очерки солҳои 30-70-ум бештар одамони фидоӣ якҷиҳата (андак камсавод, аммо сахт ватандӯст) фаъолият мекарданд ва арзишдиҳии воқеаю фактҳо комилан фарқ мекунад» [6, с. 98].

Муаллифи рисола махсусиятҳову паҳлуҳои гуногуни истифодаи жанри очеркро дар ҳамаи шаклҳои васоити ахбори омма – рӯзномаву маҷаллаҳо ва радиову телевизион дида баромадааст. Масъалаҳои бандубаст ва сюжетро дар офаридани симои қаҳрамон ва воқеа таҳқиқ намуда, шаклгирии муваффақонаи онро ба маҳорату завқи эҷодии очекрнависон марбут медонад.

Муҳаққиқ С. Гулов дар ҷараёни пажуҳиш аз матолиб рӯзномаву маҷаллаҳо «АС», «Комсомоли Тоҷикистон», «Нидои ранҷбар», «Омӯзгор», «Паёми Душанбе», «Садои мардум», «Садои шарқ», «Тоҷикистони советӣ», «Ҷумҳурият», «Фирӯза», «Фарҳанг», «Ҷавонони Тоҷикистон», радиову телевизион (бойгонии радио ва телевизиони Тоҷикистон) ва маҷмуаи очерку қиссаҳои публитсистӣ («Одамони замини баруманд» ва»Худафрӯзӣ») аз рӯйи давраи муайян ҳамчун сарчашма истифода карда, ба хулоса меояд, ки очерки муосири тоҷик бо ҷанбаҳову махсусиятҳои худ таҳаввуллот дидааст.

Дар анҷом додани чунин як рисолаи муҳим саҳми профессор А. Саъдуллоев назаррас аст ва ҳамчун мутахассиси соҳа аз паҳлуҳои таҳқиқнагардида хуб огаҳ буданд. Муҳаққиқ А. Саъдуллоев нақши адибон ва публитсистони тоҷикро дар таҳким ва рушди публитсистикаи тоҷик мусбат арзёбӣ намуда, барои пур гардонидани холигаҳи мавзуӣ дар ин самти пажуҳишҳо саҳми сазовор мегузошт ва мавзуъҳои ҷолиберо

барои таҳқиқи илмӣ намудан ба шогирдон пешниҳод менамуд. Таҳқиқи шогирди аввалини ин мактаби илмӣ – С. Гулов, ки ба масъалаи очерку публитсистика мебошад, заминаи нахустин дар таҳқиқи доманадори публитсистика гардидааст.

***2. Ҳайдаров Саъдулло Бахриевич. Публитсистикаи Бобоҷон Ғафуров // Рисола барои дарёфти унвони илмии номзади илмҳои филологӣ. – Душанбе: ДМТ, 1999.***

Таҳқиқи осори публитсистии Б. Ғафуров мавзуи мубрамест, ки дар мактаби илмии А. Саъдуллоев мавриди пажӯҳиш қарор дода шудааст. Фаъолияти сиёсиву идеологии академик Бобоҷон Ғафуров аз матбуоти музофотӣ оғоз гардида, баъдан ба қуллаҳои баланди публитсистӣ расидааст. Дар ин самт муҳаққиқ Саъдулло Ҳайдарӣ фаъолияти ҷамъиятиву сиёсии Б. Ғафуровро ҳамчун муҳаққиқ ва публитсист таҳқиқ намуда, ҳаёту фаъолияти эҷодии Б. Ғафуровро дар самти публитсистика нишон додааст. Бешубҳа Б. Ғафуров ба майдони васеи публитсистика дар доираи ҳаракату ҷараёни мухбирони коргару деҳқон ворид гардида, обу тоби сиёсӣ дидааст ва дар як муддати кутоҳ ба воситаи мақолаҳову нигоришҳои публитсистӣ дар бунёди ҷомеаи навин накш гузоштааст. Б. Ғафуров ҳамчун тарбиятдидаи мактаби «мухбирони коргару деҳқон» дар як муддати кутоҳ аз мавқеи устувори худ дар баррасии воқеияти рӯз дарак медиҳад.

Дар ҳамин самтҳо рисола аз се боб иборат буда, дар боби якум мавзуъ ва мундариҷаи публитсистикаи Б. Ғафуров ва дар боби дуюм таҳаввулоти мавзуӣ ва жанрӣ дар осори публитсистии Б. Ғафуров дар боби сеюм бошад, масъалаи маҳорат ва характерофаринӣ дар эҷодиёти Б. Ғафуров мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Аз матни ин таҳқиқ бармеояд, ки гуногунрании мавзуот дар фаъолияти журналистии Б. Ғафуров қабл аз ҳама дар заминаи мутолиаҳои васеи ӯ бармеояд. Заминаи фаъолияти ӯ аз мутолиаи рӯзномаҳои деворӣ ва баъзе ҳамкориҳо бо ин гуна варақаҳо ба вуҷуд омадааст. Дар ин самт ҳамкориҳои ӯ бо нашрияҳои Хуҷанду Самарқанд таъкид карда мешавад.

Чунин бармеояд, ки остонаи фаъолияти журналистии Б. Ғафуров аз ҳамкорӣ бо нашрияи ҷумҳуриявии «Овози тоҷик» шуруъ мешавад ва матолибе ба монанди «Унсурони бегона», «Ҷинояткорони Исфисорӣ», «Аз дафтари се нафар ҷинояткор», «Ширкат гул мекунад», «Корҳои кооператсия» ва амсоли ин қабл аз ҳама аз ҷуръату ҷасорати муаллиф дар як замони душвору пурхатар дарак медиҳанд.

Назар ба маълумотҳои ин таҳқиқ Б. Ғафуров фаъолияти расмиро аз нашрияи «Қизил Тожикистон» (ҳамчун замимаи нашрияи «Тоҷикистони сурх» дар соли 1928) оғоз бахшида, бо матолиби гуногуни худ дар сарнавишти миллати тоҷик, ки марҳилаҳои душворро паси сар мекард, нақши сазовор гузоштааст. Дар ин давра ба сифати мудири шуъба фаъолият карда бо назардошти талаботи замон бо забони ӯзбекӣ дар дигар рӯзномаҳо низ навиштаҳояшро ба табъ расонидааст. Муҳаққиқ С. Ҳайдаров дар ин маврид зикр мекунад, ки «...навиштаҳои Б. Ғафуров писанди акасарияти мардум гардад, аз ҷониби дигар, боиси оташи ғазаби ақалият нотавонбинон, мардумозору муштзӯрон мегардад» [118, с. 17].

Аз таҳқиқоти муҳаққиқ С. Ҳайдаров маълум мегардад, ки публитсист Б. Ғафуров ба мавзуъҳои ватан, Тоҷикистон, озодии занон, ба масъалаҳои замони Ҷанги Бузурги Ватанӣ бештар диққат дода, дар ҳалли ин мавзуъҳо саҳми худро гузоштааст. Муаллифи рисола ҳар як бобро бо мисолҳову иқтибосҳо шарҳу тавзеҳ дода, Б. Ғафуровро ҳамчун публитсист, муаррих, рӯзноманигор муаррифӣ намудааст.

С. Ҳайдаров публитсистикаи Бобоҷон Ғафуровро бо заминаҳои илмӣ инкишофёфта దониста, масъулиятҳои баланди иҷтимоии ӯро дар тобиши даъвату хитобӣ ёфтани навиштаҳояш рукни асосӣ мешуморад. Хулосаи С. Ҳайдаров он аст, ки публитсистикаи Б. Ғафуров хосияти илмиву сиёсӣ ва таҳлиливу тавзеҳӣ дошта дар асоси факту аснод, далелу ҳақиқатҳо ва шарҳу хулосаҳои асоснокшуда пешниҳоди омма гардидааст. Ҳамин тариқ, дар асоси андешаҳои муаллиф гуфтан мумкин аст, ки публитсистикаи Б. Ғафуров як қисми таркибии публитсистикаи

муосири тоҷик мебошад, ки дар таҳқиқи авзои иҷтимоӣ, ҳаётро чун ҷараёни мустаҳкам омӯхтааст.

***3. Шоев Маҳмудхон. Хусусиятҳои гоявию мавзуии очеркҳои Фазлиддин Муҳаммадиев // Рисола барои дарёфти унвони илмии номзади илмҳои филологӣ. – Душанбе: ДМТ, 2003.***

Яке аз адибони публитсисти фаъол дар адабиёти муосири мо Фазлиддин Муҳаммадиев ба шумор меравад, ки аз мактаби бузурги тарбияи матбуот гузаштааст ва дар баробари асарҳои муҳташами бадеӣ публитсистикаи рангинро ба мерос гузоштааст. Бештари маврид мавзуъҳои мавриди назар қарордодаи Ф. Муҳаммадиев дар жанри ёддошт, нигориш, эссе ва очерк навишта шудаанд, ки як бахши муайяни публисистикаи ӯро ташкил медиҳанд. Муҳаққиқ А. Саъдуллоев ба таври умумӣ нисбат ба осори публитсистии Ф. Муҳаммадиев нуқтаи назар баён кардааст. Бо тавсия ва роҳнамоии профессор А. Саъдуллоев махсусиятҳои ғоявию мавзуии очеркҳои ин адибро муҳаққиқ М. Шоев пажӯҳиш намудааст. Муҳаққиқ М. Шоев роҷеъ ба хусусиятҳои жанрию мавзуи очеркҳои Ф. Муҳаммадиев таҳқиқот анҷом дода, дар такя бо андешаҳои дигар муҳаққиқони соҳа дар адабиёти муосир ва публитсистика мавқеи намоён доштани очеркҳои Ф. Муҳаммадиевро чунин ёдрас менамояд: «Намунаи беҳтарини очеркро ба адабиёти муосири тоҷик Фазлиддин Муҳаммадиев дохил намудааст. Ӯ ба майдони адабиёт бо мавзую масъала ва услуби хоси эҷодии худ дохил шуда, ба роҳе, ки дигарон тай кардаанд, пеш рафт» [119, с. 10]. Муаллиф мавқеи очеркро дар насри мустанади тоҷик муайян намуда, инчунин се навъи очерк (проблемавӣ, портретӣ ва сафарӣ) – ро ба таври муфассал таҳлилу тавзеҳ намудааст.

Боби дуюми ин рисола ба ғоя ва мавзуи очеркҳои Ф. Муҳаммадиев рабт дошта, дар ин асно дар фаслҳои кор мавзуъҳои истеҳсолӣ, маишӣ, маорифу маърифат баррасӣ гардидааст. Муаллифи рисола андеша дорад, ки гуногунрангии мавзуъҳо қабл аз ҳама ба интихоби дурусти муаллиф робита дошта, ҳамқадами замон будани ӯро собит месозад.

Дуруст аст, ки фаъолиятмандии иҷтимоии адиб сабаб мешавад, ки муаллиф ба таҳқиқи васеи муаммову проблемаҳои ҷомеа мушарраф гардад. Тирагиҳои аъмол, норасоиҳои мавҷуда дар бораи маънавиёти ҷавонон, ҳарисиву баднафсии баъзе аз зиёиёни сияҳтинат, ғуруру ҳавобаландӣ, худситоиву иззатталабӣ ва амсоли ин адибро водор менамояд, ки ба таҳқиқи асосҳои иҷтимоию фарҳангии баъзе аз доираҳои одамон рӯ оварад. Муаллифи рисола М. Шоев очерку эссеҳои гуногуни Фазлиддин Муҳаммадиевро аз нигоҳи сохтор, факту рақамҳои мушаххас, банду баст ва ташхиси воқеии лаҳзаҳоро бо сабку услуби хос таҳлил намудаст. Бо ҳамаи ин ҷиҳатҳо мондагор будани осори ин адиби нуктасанҷ ва публитсисти воқеъбинро таъкид менамояд. Ба масъалаи офариниши образи публитсистӣ дар осори адиб таваҷҷуҳ намуда, хислату рафтори онҳоро яксон намедонад.

Дар ҳамоҳангӣ ба андешаҳои профессор А. Саъдуллоев дар ин рисола таъкид мегардад, ки шакли баёну руҷӯъҳои публитсистии Ф. Муҳаммадиев ба ҷараёни хати сужа тобеият пайдо намуда, дар кашфи характерҳо ва ифшои ҷаҳони ботинии шахс мусоидат намудаанд. Аз таҳқиқи муҳаққиқ М. Шоев маълум мегардад, ки публитсист Ф. Муҳаммадиев ба мавзуъҳои асосии замон, ки асоси воқеӣ доранд таваҷҷуҳ намуда, мубрамияти чунин мавзуъҳо осорашро дар як навъ қиёсҳо ҷойгоҳи махсус бахшидаанд.

Фикри ҷолиби муаллифи рисола он аст, ки «Ф. Муҳаммадиев бисёр масъалаҳоро қаблан дар осори публитсистӣ ба муҳокима гирифта, дар мавриди дурустию актуалӣ буданашон ин мавзуъҳоро ба осори бадеӣ интиқол медодааст» [119, с. 93]. Муҳаққиқ М. Шоев як қисмати публитсистикаи Ф. Муҳаммадиевро ба таври комил таҳқиқ намуда, мавқеи адиб ва осори ӯро дар бозгӯ ва ҳалли масоили иҷтимоӣ назаррас дониста, ба он баҳои баланд медиҳад. Осори гаронарзиши Ф.Муҳаммадиев дар таҳқиқ адабиётшиносон масъалаи нав нест. Вале боз ҳам дид ва дарки хоси профессор А. Саъдуллоев мебошад, ки осори публитсистии ин адибро ҳамчун масъалаи таҳқиқнодида маълум

намудааст. Аз ин ҷиҳат муҳаққиқ М. Шоев мавзуеро таҳқиқ намудааст, ки арзиши баланди илмӣ дорад.

***4. Қутбиддинов Абдулмуъмин Ҳошимович. Публитсистикаи Мирсаид Миршакар // Рисола барои дарёфти унвони илмии номзади илмҳои филологӣ. – Душанбе: ДМТ, 2004.***

Яке аз адибони шинохтаи асри гузашта Мирсаид Миршакар гониста мешавад, ки бештар дар доираи назм, махсусан, эҷоди шеърҳои бачагона шинохтаву эътироф гардида буд. Боиси зикр аст, ки муҳаққиқ А. Саъдуллоев ҳамчун публитсист ба публитсистика ва публитсистон таваҷҷуҳи зиёд дошт ва аз ин рӯ ба мавзуи публитсистикаи ин ё он адиб бештар диққат медод. Дар таҳқиқоти уфуқдори А. Саъдуллоев дар бораи асару мақолаҳои Мирсаид Миршакар низ сухан меравад, ки танҳо назари умумӣ мебошанд. Аз ин рӯ, ин мавзуъро таҳти роҳнамоии профессор А. Саъдуллоев дар асоси асарҳои алоҳидаву номгӯйи зиёди мақолаҳои адиб муҳаққиқ А. Қутбиддинов таҳқиқ намудааст. Муҳаққиқ дар доираи се боб масъалаҳои арзишҳои бадеии насри М. Миршакар, симои шахсиятҳои фарҳангӣ дар ёддошту хотираҳои нависанда ва баъзе унсурҳои сабку услуби нигоришҳои публитсистии ин адибро мавриди омӯзиш қарор додааст. Муаллифи рисола зикр менамояд, ки яке аз адибони шинохтаву маъруфи адабиёти муосири тоҷик М. Миршакар аз зумраи он эҷодкороне ба шумор меравад, ки тули 80 соли ҳаёти худ бо офаридани асарҳои гуногун дар майдони адабиёт мавқеи хоса пайдо намуда, намунаи беҳтарини публитсистикаро (асарҳои ёддоштӣ ва эссеҳо) ба мерос гузоштааст. Дар баробари аксар мақолаҳои адиб муаллифи рисола бештар дар атрофи асарҳои «Ёди ёри меҳрубон», «Айёми бачагии ман» ва «Дурдонаҳои Амрита» андешаронӣ намуда, онҳоро намунаи возеҳи асари публитсистӣ баҳогузорӣ мекунад.

Муаллиф чунин ақида дорад, ки гарчанде асари «Ёди ёри меҳрубон…» доираи муайяни ҳаёту зиндагии ҳамзамонон ва ҳодисаҳои гуногунро фарогир бошад ҳам, аммо воқеияти саҳнаҳо халқияти асар, далелу санадҳо, факту рақамҳо, рӯҳи замон ва ифодаҳои мақсаднок дар

он амиқ аст. Дар асари мазкур М. Миршакар бештар ба тадқиқи аҳволи худ банд мебошад ва ҳамзамон, бо фаъолияти якҷоя аз баъзе ҳамкасбону симоҳои фарҳангӣ ёдовар мегардад: «Агар мо аз насри адиб, махсусан, аз миёни садҳо мақолаю очеркҳои адиб дар бораи симоҳои шинохтаи фарҳангӣ, адабӣ маълумотеро пайдо намуданӣ шавем, беҳтар аст, ки дар ин роҳ мо ба асари ёддоштии «Ёди ёри меҳрубон ё хотираҳо дар васфи арбобони сухан – С. Айнӣ, А. Деҳотӣ, А. Лоҳутӣ, С. Маршак, Н. Тихонов, М. Турсунзода ва дигарон…» рӯ оварем... Дар ҳақиқат, вобаста ба унвони асар матолиби он пурра хотираву ёддошт ва саргузаштҳои шоирро дар бар мегирад» [9, с. 7].

Муаллифи рисола зикр менамояд, ки М. Миршакар дар баробари шоир будан, яке аз он публитсистони фаъоле буд, ки зиёда аз 200 мақолаву очеркҳои худро дар саҳифаҳои мабуоти ҷумҳурӣ ба нашр расонидаст. Аз ҷумла мақолаҳои адиб ба монанди «Муборизи диловари сулҳ» («Занони Тоҷикистон», соли 1951), «Китоб сарчашмаи дониш» (Пионерии Тоҷикистон, соли 1952), «Оид ба сулҳ» («Шарқи сурх», соли 1954), «Ҳамсояҳо» («Тоҷикистони советӣ», соли 1957), «Соле ки накуст аз баҳораш пайдост» («Тоҷикистони советӣ», соли 1959), «Ба мо болу пар бахшид» («Тоҷикистони советӣ», соли 1961), «Адабиёт ва санъат бояд ҳамнафасу ҳамқадами замон ва ҳаёт бошад» («Тоҷикистони советӣ», соли 1963), «Ҷорчии озодӣ ва дӯстии халқҳо» («Тоҷикистони советӣ», соли 1969), «Аз дилу ҷон ташаккур мегӯем» («Комсомоли Тоҷикистон», соли1968), «Даҳ рӯз дар мулки қазоқ» («Садои шарқ, соли 1970), «Кӯҳҳо ва одамон» («Тоҷикистони советӣ», соли 1972), «Дили бузурги Миралӣ» («Тоҷикистони саветӣ», соли 1984), «Зиндагии хуб аз кори хуб аст «Адабиёт ва санъат», соли1985) ва ғайра бо эҳсоси баланди ватандӯстӣ бо сабку услуби хос офарида шудаанд. Сулҳу дӯстӣ, бунёдкориву созандагӣ, илму маориф, фарҳангу санъат, пахтакориву кишоварзӣ, истеҳсолоту саноат, тарбияи насли наврас, ватандӯстии ҷавонон, адабиёту маданият, нақши шахсиятҳои намуна дар пешрафти ҳаёт ва

амсоли ин аз мавзуъҳое мебошанд, ки публитсистикаи ин адибро шакл бахшидаанд.

Муҳаққиқ А. Қутбидинов андеша дорад, ки дар чунин мақолаҳо «ватандустиву ватандорӣ, ҳифзи номӯс, муносибати инсон ба муҳити атроф, дӯстиву муҳаббат, рафоқату ҳамдигарфаҳмӣ, талош барои зистан ва саодату некномӣ андешаҳоест, ки муаллифро ором намегузорад» [9, с. 69].

Муҳаққиқ А. Қутбиддинов дар таҳқиқи публитсистикаи М. Миршакар бештар ба ҳалли масоили гуногуни байналхалқӣ дар очерку ҳикояҳои ӯ дахл намуда, ба хулосае меояд, ки М. Миршакар бо мавқеи фаъоли иҷтимоӣ беҳтарин намунаҳои публитсистиро офаридааст. Муҳаққиқ А. Қутбиддинов таъкид мекунад, ки М. Миршакар бо таъсири ҳамнишиниҳо бо М. Турсунзода ҷомеаи ҷаҳониро ба сулҳу дустиву шафқат даъват менамояд ва мегӯяд, ки сулҳ ҳеҷ гоҳе дар ҳама давру замонҳо мавзуи дуюмдараҷа буда наметавонад. Як ҷиҳати хос ҳам дар мақолаҳо ва ҳам дар асарҳои публиитсистии М. Миршакар он аст, ки дар он руҷуъҳои публитсистӣ бо маҳорати хос анҷом дода шудаанд. Ба андешаи муаллифи рисола «...ин усулро як навъи ба низом даровардани афкори гуногун низ номидан мумкин аст. Зеро композитсияи асар водор месозад, ки воқеаву ҳодисаҳои дар замону макони гуногун ба вуҷудомада, бо инчунин ҷудо намудани қисматҳову сарлавҳаҳои алоҳида як навъ қаробат пайдо намоянд» [9, с. 69].

Аз мазмуни рисола бармеояд, ки муаллиф саҳми адиб, шоир ва публитсист М. Миршакарро дар таҳаввули публитсистикаи тоҷик назаррас меҳисобад. Дар ҳақиқат, эҷоди адиб махсусиятҳои умдае дорад, ки ба интихоби мавзуъ, услуби хосу мутафовут тасвирҳо ва образнокии сухан, қолабҳои жанрӣ ва назари иҷтимоии амиқ таваҷҷӯҳи ҳар хонандаро ҷалб месозад.

Ба андешаи муҳаққиқ А. Қутбиддинов махсусияти муҳим дар публитсистикаи М. Миршакар мӯъҷаз ва дилчаспу фаҳмо нишон додани фикр аст ва ҳамин аст, ки ҳаррофиву нақлҳои зиёдатӣ ва муқаддимаҳои

дурру дароз дар навиштаҳои ӯ кам ба анзар мерасанд. Таҳқиқот нишон медиҳад, ки М. Миршакар дар доираву қолабҳо, таъсири вақт ва фазои хоси замон нигоштаҳояшро шакл бахшидааст. Боз ҳам ба андешаи муаллифи рисола ҳеҷ як адиби соҳибқалам аз оғоз то ба имрӯз наметавонад, ки аз оҳанги замона дуриро ихтиёр намояд ва насри публитсистии М. Миршакар ҳамчун осори арзишманд дар баробари назми бачагонаи ӯ мондагор хоҳад буд.

***5. Хосият Олимова. Ҳақиқати бадеӣ ва ҳақиқати воқеӣ дар «Наводирулвақоеъ»-и Аҳмади Дониш // Рисола барои дарёфти унвони илмии номзади илмҳои филологӣ. – Душанбе: ДМТ, 2007.***

Таҳқиқи публитсистика дар мактаби илмии А. Саъдуллоев танҳо аз як ҷабҳа иборат намебошад ва он фақат дар осори адибони муосир мавриди пажӯҳиш қарор нагирифтааст. Аз ҷумла, яке аз шогирдони мактаби таҳқиқи публитсистика Хосият Олимова дар мавзуи «Ҳақиқати бадеӣ ва ҳақиқати воқеӣ дар «Наводирулвақоеъ»-и А. Дониш рисолаи илмӣ навиштааст. Муаллифи рисола масъалаҳои поэтикаи фазо ва вақти бадеӣ, таҳлилу баҳогузорӣ ба ахлоқи ҷомеа, вақти бадеӣ дар асари бадеӣ-публитсистӣ, замони нависанда ва замони муосир, поэтикаи фазои бадеӣ, бархурди тамаддунҳо, қиёси таҳаввули Ғарб ва таназзули Шарқ, мавқеи зан дар ҷомеа, эҳтироми ҳақиқат ва баъзе аҷзои дигарро дар асоси «Наводирулвақоеъ» мавриди ҳаллу фасл қарор додааст. Назар ба қавли професссор А. Саъдуллоев таҳқиқи асари «Наводирулвақоеъ» «пеш аз ҳама ормонҳои миллии мутафаккирро ба инобат гирифтааст» [20, с. 4].

Муҳаққиқ Х. Олимова авзои ҷомеа, таносуби тахайюл ва ақидаҳои маорифпарваронаи А. Донишро дар «Наводирулвақоеъ» мавриди пажуҳиш қарор дода, чунин натиҷагирӣ менамояд, ки орзуву омоли образи асосӣ – Аҳмади Дониш бо оҳанги хосе ба умқи афкори хонанда ворид мегардад. Назар ба андешаҳои муаллифи рисола Аҳмади Дониш аз ҷумлаи он сафироне буд, ки ҳангоми сафар ба ҷаҳону ҷаҳонбинии дигар ошно гашта, дар натиҷаи таҳқиқоти саҳеҳ бар он бархӯрд

менамояд ва хулосаи онро дар «Наводирулвақоеъ» фароҳам меорад. Андешаҳои муҳаққиқ дурустанд, ки дар ҳамбастагӣ бо раванди адабӣ таҳлили поэтика, бояд воқеияти таърихиро шарҳ диҳад ва ҳамин аст, ки дар «Наводирулвақоеъ»-и А. Дониш воқеияти замон ва таъриху фарҳанги миллатҳои гуногун аз қабили русҳо, фаронсавиҳо ва Осиёиҳо шарҳу тавзеҳ ёфтааст.

Муҳаққиқ Х. Олимова дар боби алоҳида аз поэтикаи ҷамъбастҳои бадеӣ дар осори А. Дониш ёдовар шуда зикр мекунад, ки тахайюл дар «Наводирулвақоеъ»-и А. Дониш воқеӣ буда, нависанда рафтору кирдор, анъана, фарҳанг ва замони муосирини худро вобаста ба муҳити таърихӣ хеле назаррас ба риштаи тасвир кашидааст.

Аҳмади Дониш дар замони худ донишманди асил ба шумор мерафт. Улуми зиёдеро аз бар намуда, дар доираҳои илмии замона соҳиби нуфузу эътибори бузурге гардида буд. Илмҳои азбарнамудаи А. Дониш замонавӣ буданд. Дар доираи ин илмҳо асари «Наводирулвақоеъ» шакл гирифта, дар мазмуну муҳтавои он се масъала – сиёсат, иқтисодиёт ва ҳаёти иҷтимоӣ таҷзия ёфтаанд. Х. Олимова низ ба он назар аст, ки «Аҳмади Дониш на муфассир, балки чун мунаққид ва муҳаққиқ дар баҳри пурталотуми воқеӣ аз худ ишораи шинохтан мекунад ва хонандаро водор месозад, ки дар баробари диданҳо ба шинохти худ пардозад» [20, с. 80].

Муҳаққиқ аз таҳқиқи «Наводирулвақоеъ» ба хулосае меояд, ки «Наводирулвақоеъ»-и А. Дониш асарест, ки хонандаро ба худшиносӣ талқин намуда, масоили пур аз мушкилоти кишварҳои Шаркро таҳлил карда, роҳи наҷот аз ин мушкилотро ҷустуҷӯ намудааст. Дар рисолаи Х. Олимова таъкид карда мешавад, ки «Наводирулвақоеъ» бо хусусияти хоси тасвирофарӣ ва таъсирпазирӣ аҳамияти илмӣ ва адабӣ дошта, воқеияти ҳаёти инсониро ба сатр кашидааст. Аз мазмуни умумии рисола бармеояд, ки муҳаққиқ Хосият Олимова дар ин рисола тавонистааст, назари А. Донишро ба бозгӯи баъзе масъалаҳои соҳаҳои гуногуни ҳаёт, муҳити маънавии давр ва дигар масоилҳо мушаххас намояд.

***6. Раҳмонова Ҷамила Мирзоевна. Масъалагузорӣ дар публитсистикаи Мутеулло Наҷмиддинов // Рисола барои дарёфти унвони илмии номзади илмҳои филологӣ. – Душанбе: ДМТ, 2010*.**

Яке аз адибони фаъоле, ки дар маҷмуъ осори бадеиву публитсистияш ҷолибу хонданӣ мебошад, Мутеулло Наҷмиддинов ба ҳисоб меравад. Дар мактаби илмии А. Саъдуллоев, махсусан, дар самти публитсистика махсусияти муҳим он аст, ки дар осори аксар адибони публитсист, ки мавриди пажӯҳиш қарор дода мешаванд, ду ҷанбаи муҳим вуҷуд дорад: 1. Ин адибон ҳатман парвардаи майдони амалияи матбуот мебошанд. 2. Дар бораи эҷоди гуногунпаҳлӯи онҳо ҳатман нуқтаи назари муҳаққиқ А. Саъдуллоев вуҷуд дорад.

М. Наҷмиддинов дар майдони матбуот обутоб ёфта, бо навиштани очеркҳои аввалин заминаро барои эҷоди қиссаву повестҳои оянда ба вуҷуд овардааст. Аз ҷониби дигар муҳаққиқ А. Саъдуллоев дар доираи таҳқиқу пажӯҳишҳо дар рисолаи доктороияшон («Ташаккул ва инкишофи жанрҳои насри мустанади тоҷик (солҳои 1960-1980)») ва дигар мақолаҳову тақризҳо дар бораи ҷанбаҳои хоси публитсистии эҷодиёти М. Наҷмиддинов андешаҳои муайянро баён кардааст. Ба таври нисбатан фарох ин мавзуъро Ҷамила Раҳмонова таҳти роҳнамоии профессор А. Саъдуллоев мавриди таҳқиқ қарор додааст. Муҳаққиқ Ҷамила Раҳмонова дар мавзуи «Масъалагузорӣ дар публитсистикаи Мутеулло Наҷмиддинов» таҳқиқот ба анҷом расонида, моҳияту махсусиятҳои масъалагузориро дар публитсистикаи ин адиб муайян намудааст. Тавре аз мазмуни рисола бармеояд, таваҷҷуҳи муҳаққиқро бештар проблемагузории публитсистӣ ҷалб менамояд.

Муаллиф масъалаҳои таҷассуми воқеият дар повестҳои адиб, роҳу усулҳои масъалагузориҳо дар асари публитсистӣ, идеягузорӣ дар шаклгирии асар, инъикоси бадеии руҳдод, нақши таҳқиқи журналистӣ дар офаридани қиссаву очеркҳо, пешниҳоди роҳи ҳалли муаммо аз ҷониби публитсист ва дигар аҷзои бадеиву публитсистиро дар асоси асарҳову очерку қиссаҳои адиб дида баромадааст. Дар ин рисола

муҳаққиқ якчанд очерку ёддоштҳои публитсистии М. Наҷмиддиновро мавриди таҳлил қарор дода, чунин фикр дорад, ки натиҷагириву хулосабарориҳои адиб пеш аз ҳама бозгӯи мавқеи иҷтимоии адиб мебошанд. Муҳаққиқ Ҷ. Раҳмонова осори публитсистии М. Наҷмиддиновро омӯхта вобаста ба мақому манзалати ӯ мегӯяд: «Осори М. Наҷмиддинов басо рангин аст. Бесабаб нест, ки ӯ дар қатори се нафар публитсистони беҳтарини садаи бисти тоҷик номбар шудааст» [22, с. 3].

Дар эҷоди асарҳо М. Наҷмиддинов аз жанрҳои адабию публитсистӣ зиёд истифода мекард. Дар ин хусус муҳаққиқи осори М. Наҷмиддинов Ҷ. Раҳмонова қайд мекунад ки: «Дар осори ӯ тамоми жанрҳо, услубҳо, мактабҳои беҳтарини эҷодӣ ба мушоҳида мерасад» [22, с. 3]. Дар рисолаи мазкур муҳаққиқ бештар ба таҳлили очерку повестҳои «Якраҳа», «Дарё маҷрои нав меҷӯяд», «Ширмоҳ», «Бозгашт» ва ғайраҳо рӯ овардааст. Инчунин ҷиҳати масъалагузорӣ дар очеркҳои ӯро ба риштаи таҳқиқ кашида зикр мекунад: «Осори публитсистии Мутеулло Наҷмиддинов бе муаммо нест, дар он масъалаҳои муҳиму ҳаётан муҳим мавриди пажӯҳиш ва таҳқиқ қарор мегиранд» [22, с. 47].

Дар баробари унсурҳои зиёди воқеиятнигорӣ, ки хоси публитсистика мебошанд, муаллиф ҷанбаи фалсафии осори адибро қатъи назар намесозад. Ҷ. Раҳмонова масъалаҳои образ ва образнокии сухан, мушоҳидаҳои воқеъбинона, хулосаҳои амиқ, ҷуръатмандиву ошкоргӯӣ, эҳсосу хитобаҳои публитсистиро дар осори ин адиб аҷзои меҳварӣ меҳисобад. Зимни таҳқиқ муаллифи рисола ба хулосае меояд ки саҳми М. Наҷмиддинов дар рушду ривоҷи жанрҳои хурду ҳамосӣ, ба хусус очерку ёддошт, инчунин мазмуну мундариҷаи ғоявӣ, офаридани симоҳои машҳури фарҳангӣ махсус назаррас мебошад. Муҳаққиқи рисола дар доираи қолабу доираи махсуси таҳқиқ паҳлӯҳои осори публитсист М. Наҷмиддиновро таҳлилу баҳогузорӣ намуда, нишон додани маҳорати публитсистро дар баёни воқеаҳои замон ва таассуроти нависандаро ҳангоми баёни рӯйдодҳо вазифаи меҳварии муаллифони ин соҳа меҳисобад.

**7. *Кӯчарова Насиба Аламхоновна. Хусусиятҳои жанрӣ ва услубии публитсистикаи Абдулҳамид Самад // Рисола барои дарёфти унвони илмии номзади илмҳои филологӣ. – Душанбе: ДМТ, 2012.***

Муҳаққиқ Насиба Кӯчарова дар мавзуи «Хусусиятҳои жанрӣ ва услубии публитсистикаи А. Самад» таҳқиқот анҷом дода, гуфтан мумкин аст, ки андешаҳову баҳогузориҳои профессор А. Саъдуллоевро дар шинохти публитсистикаи А. Самад як навъ ҷамъбаст намудааст. Ин андеша ба он ваҷҳ аст, ки осори А. Самад дар қиёс бо дигар адибон бештар мавриди нақду баҳогузориҳои А. Саъдуллоев қарор гирифтааст. Дар ин бора профессор М. Муқимов хеле хуб таъкид кардаанд, ки «...устод кӯшиш мекарданд, ки ба китобҳои тозаэҷоди нависандагон тақриз нависанд. Аз ҷумла, А. Саъдуллоев дар шинохт ва муаррифии эҷоди нависандаи халқии Тоҷикистон Абдулҳамид Самадов хизмати шоён кардаанд. Устод қариб ба ҳамаи асарҳои эҷодкардаи нависанда тақризи холисона навистанд» [65, с. 23].

Н. Кучарова дар рисолаи худ мавзую услубу забон ва жанрҳои осори А. Самадро таҳқиқ намуда, барои шинохти ин адиби сермаҳсул, насри ҷудогона ва публитсистикаи ӯро мавриди омӯзишу таҳқиқ қарор додааст. Муҳаққиқ масъалаҳои ҳақиқати бадеиву ҳақиқати воқеӣ, махсусиятҳои мавзуиву жанрӣ ва шаклу услуби баёни публитсистикаи адибро мавриди пажӯҳиш қарор додааст. Муаллиф ба баъзе давраҳову марҳилаҳои инкишофи публитсистикаи тоҷик таваҷҷӯҳ намуда, таҳаввули публитсистикаи давраи шуравиро баҳои баланд медиҳад ва чунин меандешад, ки «вобаста ба талаботи сиёсиву иҷтимоии давр ҳам аз нигоҳи маънӣ ва ҳам аз нигоҳи лафз такмил ёфтааст» [10, с. 8]. Табиист, ки дар ин марҳилаи инкишоф эҷоди публитсистиии нависанда А. Самадро дар меҳвари пажӯҳиш қарор медиҳад. Муҳаққиқ дар қисматҳои назариявии рисола барои пайванди андешаҳо ва мисолҳояш аз муҳаққиқони соҳаи адабиёт, публитсистикаву журналистика С. Айнӣ, Н. Грибачёв, П. Гулмуродзода, М. Муродӣ, А. Сайфуллоев, А. Саъдуллоев,

В.В. Учёнова, Ш. Ҳусейнзода, М. Шакурӣ ва дигарон иқтибосҳо оварда фикрашро тақвият бахшидааст.

Дар мавриди инъикоси воқеият дар осори А. Самад, муҳаққиқ Н. Кӯчарова чунин андеша дорад, ки назари А. Самад ба воқеаҳои рӯзмарраи зиндагӣ дар ҳикояҳои солҳои охир боз ҳам амиқтар ва дақиқтар мегардад. Дар ҳикояҳои «Аробакаши идораи боло», «Базм», «Талош», «Танҳоӣ», «Моргазида», «Вот так» ва ғайра тавассути образҳои мусбату манфӣ масъалаҳои аввалиндараҷаи зиндагӣ бардошта шудааст. Ин ҷиҳат диди воқеъбинонаи адиб ба набзи ҳаёт номида мешавад, ки дар меҳвари ҳамаи онҳо адиб чун як ташхисгар қарор гирифтааст. Дар ин маврид Н. Кучарова андеша дорад, ки ҳамқадами рӯз будани адиб ба он вобаста аст, ки солҳои тӯлонӣ дар идораҳои васоити ахбори омма фаъолият кардааст. Махсусан, фаъолият дар рӯзномаву маҷаллаҳо боиси он гардидааст, ки адиб дар эҷоди жанрҳои хабар, репортаж, мусоҳиба, мақола, тақриз, мухбирнома, тафсир, лавҳа, луқма, памфлет, сафарнома ва эссе муваффақ низ бошад.

Дар ин бора андешаҳои муҳаққиқони дигар низ гуногун мебошад, ки дар рисола мавриди баҳсу муҳокимаҳо қарор дода шудаанд. Чунончӣ, профессор А. Саъдуллоев муҳтавои осори нависанда А. Самадро чунин арзёбӣ кардааст: «Дар нигоштаҳои А. Самад гоҳо воқеаҳое ба тасвир меоянд, ки дар назари аввал заминаи воқеӣ надоранд (Далер аз «Гули наврӯзӣ»), аммо азбаски маншаи баҳси мавзуъ аз фавҷ – фавҷи ҳаёт аст ва гузашта аз он, дар муҳити муосирон дучор меояд, он басо шевою пазиро муаррифӣ мегардад» [27, с. 199].

Ҷои баҳс нест, ки ба таври маҷмуӣ руҳияи эссеизм дар осори бадеии адиб (манзур қиссаву повестҳо С.Н.) камтаъсир намебошад. Ҳамин аст, ки дар рисолаи мазкур муҳаққиқ Н. Кӯчарова пурра осори адиб А. Самадро таҳлил намуда, мақоми жанри эссе, сафарнома ва ҳикояро дар эҷодиёти ӯ назаррас меҳисобад: «Эссе ва сафарномаҳои А. Самад бо сабку услуби хоси нигориш таълиф ёфта, хусусияти барҷастаи тарбиявӣ ва маърифатӣ доранд ва дар онҳо муаллиф ба образҳое такя мекунад, ки

маънихои баланди иҷтимоиро дар худ нигоҳ доштаанд» [10, с. 161]. Як муваффақияти А. Самад он дониста мешавад, ки дар насру публитсистикаи муосир аз беҳтарин сафарноманависон мебошад. «Кишвари лутфи ширинсуханон», «Шероз – каъбаи шеъру сухан», «Армони ҳазорсола», «Се рӯз дар Ҳиндустон», «Рангҳои мулки муғул», «Диёри сабзи армонҳо» аз ҷумлаи сафарномаҳоест, ки дар онҳо мавқеи фардии муаллиф фаъол буда, воқеияти замониву маконӣ доранд.

Аз таҳқиқи Н. Кучарова бармеояд, ки воқеан ҳам, публитсист А. Самад бо сабку усули хоси эҷодӣ саҳифаи наверо дар насри муосири тоҷик боз намудааст. Инро хонандаи закӣ баъд аз мутолиаи осори пурмӯҳтавои адиб А. Самад дарк карда, доираи бардошту ҷаҳонбиниҳои худро дигар низ карда метавонад. Як ҷиҳати хоси публитсистикаи А. Самад ва умуман эҷоди бадеии ӯ ҳамин аст, ки халқияту оммавияти баланд доранд. Муаллиф маҳорати комиле дар баёни ибораҳову ифодаҳое дорад, ки онҳо ба дили хонандаи умум наздик мебошанд. Ифодаҳое чун «даҳони пури ханда», «ба як по рост истодан», «пире як мушт пӯсту устухон», «на шикастаему на рехтаем», «гаранг», «арғушт», «сулама», «хамбидан», «ғута» аз ҷумлаи онҳост, ки дар забони лаҳҷаву шева бештар ҷорӣ мебошанд. Муҳаққиқи публитсистикаи А. Самад Н. Кӯчарова аз таҳқиқоти анҷомдодаи худ, хулоса карда менигорад, ки: «Умуман публитсистикаи А. Самад бо мазмуну муҳтаво, хусусиятҳои рӯзмарагӣ, таъсиррасонӣ ва сафарбаркунандагии худ дар миёни осори рӯзноманигорон ва адибон мавқеи назаррас дошта, саҳифаи тозае дар адабиёти мустанади муосири тоҷик ба шумор меравад» [10, с. 182].

## 3.2. Мактаби илмии А. Саъдуллоев дар таҳқиқи журналистика

**1. Муқимов Муҳамадӣ Аминович.**. ***а) Таърихи пайдоиш ва ташаккули радиои «Озодӣ» // Рисола барои дарёфти унвони илмии номзади илмҳои филологӣ. – Душанбе: ДМТ, 2003.***

Яке аз шогирдони фаъолу сермаҳсули мактаби илмии профессор А. Саъдуллоев, ки таълифоти зиёди илмиву таълимӣ дорад ва то имрӯз таҳти роҳнамоии он кас чандин унвонҷӯён рисолаҳои илмӣ дифоъ кардаанд, профессор Муҳаммадӣ Муқимов (Ҷовид Муқим) мебошад. М. Муқимов ҳарчанд, дар самти публитсистика баъзе мақолаву дастурҳо дошта бошад ҳам, вале ҷодаи аслии таҳқиқоти ӯро махсусиятҳои радиоҳои хориҷӣ ташкил медиҳанд. Профессор А. Саъдуллоев дар роҳнамоӣ ба шогирдон усули хоси муносибатро дошта, дар мутобиқату мувофиқат ба завқу салиқаи унвонҷӯён мавзуъҳои муҳимро барои пажуҳиш қарор медоданд. Ҳар як тафовуту муҳимиятро хуб дарк мекард ва ҳамин аст, ки ҳар кадом шогирдони ин мактаб дар баррасиву муҳокимаву ҳимояи ин мавзуъҳо муваффақ буданд.

Ба таври мисол дар бораи самти таҳқиқоти М. Муқимов профессори роҳнамо – А. Саъдуллоев чунин мегӯяд: «Ин ҷо як ҷузъро равшан бояд кард – устодони мо на танҳо ба сину сол балки ба интихоби мавзую самти таҳқиқ ҳам аз якдигар комилан фарқ мекунанд. Шояд аз ҳамин нигоҳ маводи таҳиянамудаи онҳо низ чи аз нигоҳи мавзуъ ва чи аз ҷиҳати таҳқиқу таҳлил ва ҳаллу фасл яксон нест. Масалан, Муҳаммадӣ Муқимов (Ҷовид Муқим) журналисти ҷустуҷӯгар ва муҳаққиқи варзида аст, вале тӯли чанд сол ба ин ҷониб ба омӯзиши исташанҳои радиоҳои хориҷӣ сару кор дорад» [60, с. 3]. Муҳаққиқ М. Муқимов соли 2003 дар мавзуи «Таърихи пайдоиш ва ташаккули радиои «Озодӣ» «рисолаи номзадӣ дифоъ намудааст. Муаллифи рисолаи мазкур дар бахшҳои таърихи ташкил ва таҳаввули радиои «Озодӣ», инъикоси ҳақиқати таърихӣ дар барномаҳо ва махсусиятҳои мундариҷавию жанрӣ дар барномаҳои ин радио тавонистааст, симои ин радиоро аз нигоҳи илми соҳа равшан созад. Дар вобастагӣ ва робита бо ин самтҳо муҳаққиқ масъалаҳои мақсаду ҳадафи тарғибот, масъалаҳои кадриву сохторӣ, воқеияту таҳриф, усулҳои ҷамъовари матолиб ва рангорангии жанрии бахши тоҷикии ин радиоро бо назарияи хоси илмӣ таҳлилу таҳқиқ намудааст.

Ба ин мавзуъ тавақҷуҳ намудани муҳаққиқ сабаби воқеӣ дошт, чунки ӯ муддате худ дар ин радио фаъолият намуда, аз таркибу сохтор ва дигар унсурҳои он воқиф буд. Журналисти касбии воқеӣ буданаш сабаб гардидааст, ки дар таҳқиқи журналистика бештар машғул бошад. «Ҷовид журналисти касбӣ аст. Ин касб барои ӯ ба осонӣ ба даст наомдааст. Ду донишгоҳро хатм карда, 15 сол собиқаи корӣ дар ВАО дорад» [85, с. 93]. Ин маънои онро дорад, ки ҳамчун корманди собиқ аз фаъолияти ин радио – дар масъалаҳои эҷодиву идеологӣ хуб огоҳ аст. Ҳарчанд аз муҳаққиқони хориҷӣ нафарони зиёд ин мавзуъро таҳқиқ намуда бошанд ҳам, вале муҳаққиқ М. Муқимов аввалин нафарест дар Тоҷикистон, ки онро дар доираи бобу фаслҳои зарурӣ мавриди ҳаллу фасл қарор додааст.

Муҳаққиқи рисола дар боби аввал таърихи пайдоиш ва рушди радиои «Озодь»-ро дар кишварҳои форсизабон мавриди баррасӣ қарор дода, қайд менамояд, ки ин ва дигар радиоҳо дар баробари иттиллоотро пахш кардан дар назди хадамотҳои кашшофӣ хизматҳои зиёд кардаанд. Ақидаи муҳими муаллифи рисола он аст, ки «...дар бист соли аввали фаъолияти бахши тоҷикии радиои «Озодӣ» мазмуну муҳтавои ҷолиб надошт ва матолиберо пахш мекард, ки барои аудиторияи Ғарб ҷолиб буд. Аз Тоҷикистон бевосита ба ин радио ахбор интиқол намеёфт» [13, с. 154]. Ҳадаф ва мақсади пахш шудани ин радиоро дар мамлакатҳои Осиёи Миёна, махсусан, форсизабонон дар он мебинад, ки он вазифаи хоси идеологиро ба анҷом мерасонид. Радиои «Озодӣ» аз оғози мавҷудияти худ аз шеваи оҳанги интиқодӣ сару кор мегирад ва бо ин восита дар муқобили баъзе идеологияҳои барои ғарб номақбул мубориза ҳои хосро ба роҳ мемонад. Дар ҳошияи ин андешаҳо қайд менамояд, ки «...табоддули ахбор дар расонаҳои ҷаҳон то андозае раванди муносибатҳои байналхалқиро мушаххас менамояд» [13, с. 153].

Муҳаққиқ дар таҳқиқтои илмии худ корбасти жанрҳои ахбории хабар, ҷараёнот, хроника, хулоса, баёния ва мусоҳибаи радиоӣ, репортаж, сӯҳбат, нигориш, лавҳа, очерк, ҳикоя, фелетон ва ғайраро зикр

менамояд. Аз қиёсу таҳлилҳои муаллиф маълум мегардад, ки мавқеи жанрҳои гуруҳи сеюм – публитсистӣ-бадеӣ коста мебошад. Ин ҷиҳатро муҳаққиқ И. Усмонов низ дар такя ба андешаҳои М. Муқимов таъкид менамояд, ки «жанрҳои бадеӣ-публитсистӣ дар ин радио қариб, ки мавҷуд нестанд» [29, с. 5]. Дар баробари ин ҳукми нисбатан қотеи муаллиф он аст, ки вақте 90 фисади маводро матолиби ахборӣ ташкил медиҳад, пас мафҳуми жанр дар ин радио вуҷуд надорад. Аз мазмуну муҳтавои рисола бармеояд, ки матолиби радиои мазкур дар замони қабл аз истиқлолият рӯҳияи зиддишуравиро дарбар мегирифт. Дар замони имрӯза бошад, нишондоди муаллиф он аст, ки бояд дар муқобили ҳадафҳои муғризонаи ин расонаҳо васоити ахбори мо мавқеи устувор дошта бошад. Ин мавқеи устувор бошад, дар замонави гардидани ВАО-и ватанӣ ва объективона инъикос кардани воқеияти замон дида мешавад.

**Муқимов Муҳамадӣ Аминович.** ***б) Инъикоси воқеияти Тоҷикистон дар воситаҳои электронии ахбори хориҷӣ (дар мисоли радиоҳои «Озодӣ» ва Би-Би-Си) // Рисола барои дарёфти унвони илмии доктори илмҳои филологӣ. – Душанбе: ДМТ, 2006.***

Баъди анҷом ва ҳимояи рисолаи номзадӣ М. Муқимов (Ҷовид Муқим) ин мавзуъро васеътар намуда, бо як навъ қиёсҳову таҳлилҳои амиқи илмӣ инъикоси воқеияти Тоҷикстонро дар мисоли ду радиои бонуфузи хориҷӣ – «Озодӣ» ва Би-Би-Си дида баромадааст. Роҳбари илмии муҳаққиқ М. Муқимов профессор А. Саъдуллоев дар ин бобат низ ишораву таъкид намудааст. «Ҷовид, ки худ солҳо дар ин радиоҳо кор ё ҳамкорӣ кардааст, ҷиҳатҳои мусбату манфии фаъолияти онҳоро хуб дарк мекунад. Доир ба кори журналистони Радиои Озодӣ се китоби ӯ табъ дидааст. Вай дар чанд сафари хориҷиаш доир ба кору пайкори яке аз собиқадорони радиои ҷаҳонӣ-Би-Би-Си маводи зиёде ҷамъ овардааст...» [60, с. 3].

Дар интихоб ва анҷоми таҳқиқи мавзуъ нақши роҳбари илмӣ профессор А. Саъдуллоев истисно нест. Аз паҳлуи дигар таъсис ёфтани кафедраи журналистикаи байналхалқӣ низ барои таҳқиқи ин масъала

сабаб гардидааст. Зеро имрӯз натанҳо дар донишгоҳи миллӣ, балки дар миқёси ҷумҳурӣ чунин рисолаҳои фаррохдоман оид ба ин мавзуъ сурат нагирифтаанд. Дар ин маврид худи муҳаққиқ низ ишора менамояд: «Соли 2004-ум кафедраи журналистикаи байналхалқӣ таъсис ёфт ва мудири кафедра устод А. Саъдуллоев маро дар қатори дигарон ба кафедраи мазкур ба ҳайси дотсент даъват карданд. Соли 2005-ум ба докторантура баромада, 26-уми декабри соли 2006 рисолаи доктoриамро пеш аз муҳлат дифоъ карда, ба кафедраи азизам баргаштам» [62, с. 68].

Муҳаққиқ махсусиятҳои мундариҷавию мавзуӣ, омӯзиши ҳадафи таъсиси ин радиоҳо, марҳилаҳои асосии инкишоф, муайян кардани муносибати ин радиоҳо ба воқеоти Тоҷикистон, баҳогузорӣ ба фаъолияти кормандони радиоҳои «Озодӣ» ва «BBC», муайян кардани фаъолияти имрӯзаи радиоҳои мавриди таҳқиқ дар фазои иттилоотии кишварҳои форсизабон ва дигар масъалаҳои ба мавзуъ дахлдорро мавриди пажӯҳиш қарор додааст. Дар асоси маводи 10 соли охири барномаҳои радиоҳои “Озодӣ” ва “BBC” муаллиф тавонистааст, ки дар ин масъала хулосаи маҷмуии худро ҳосил намояд. Аз рӯйи давраи хронологӣ матолиби таҳлилгардида солҳои 90-уми асри гузаштаро бештар фаро мегирад. Зеро дар ин давраҳо ба маротиб зиёд гардидани соатҳои пахши барномаҳои ин радиоҳо дар фазои иттилоотии кишвари мо мушоҳида мешавад.

Нуқтаи назари танқидии муаллиф дар рисола равшан аст ва боҷуръатона таъкид менамояд, ки радиои «Озодӣ» ва «Садои Амрико» фарзандони Ҷанги сард мебошанд. Маҳз Ҷанги сард заминаи муборизаҳову мухолифатҳои имрӯзаи раванди ҷаҳонишавӣ ба шумор меравад ва дар рисола ҳам таъкид мегардад, ки имрӯз 80 давлати ҷаҳон махсус барномаҳои бахши хориҷии худро доранд. Ба андешаи муаҳққиқи рисола радиои Би-Би-Си яке аз куҳантарин радиоҳо дониста мешавад, ки соли 1940 бахши форсии худро кушодааст ва инро яке аз омилҳои камтар доштани аудитория дар қиёс ба радиои «Озодӣ» гуфтан мумкин аст.

Қиёсу таҳлилҳои муаллиф заминаҳои илмиро муайян карда, маънии аз факту далелҳои фаровон истифода бурдани ӯро доранд.

Муаллиф бо назардошти «...осебпазир будани тафаккури инсон» [63, с. 5] дар ин мавврид аз масъалаи «нерӯйи созанда доштани иттилоот» [63, с. 5] низ таъкид менамояд. Муҳаққиқ дар такя ба андешаҳои муҳаққиқони ватанӣ аз ҷумла И. Усмонов (мақолаҳои «Василаи фиреб» ва «Дуруғ – ҳақиқат ва ҳақиқат - дуруғ») мақеи худро дар фаъолияти манфӣ доштани ин радиоҳо дар фазои иттилоотии Тоҷикистон қотеътар баён менамояд. Дар ин самт аз мақолаи Ғ. Абдулло ва дигар ёддошту хотираҳои коршиносону сиёсатмадорон низ истифода мекунад.

Аз рӯйи методҳои ҳаққонияти таърихӣ, назарияи инкишофи иҷтимоӣ, таҳлили қиёсӣ ва забониву услубӣ мавзуъ ҳамаҷониба мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Мавқеи сиёсии радиоҳои хориҷиву тарғиботи байналхалқии онҳо ва мавқеи геополитикии Тоҷикистон ду равзанаи асосии илмӣ мебошад, ки онро муаллиф дар рисолаи худ бештар истифода кардааст.

***2. Суҳроби Мирзоалӣ. Фаъолияти хабарнигорони хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли ИРНА ва РИА Новости) // Рисола барои дарёфти унвони илмии номзади илмҳои филологӣ. – Душанбе: ДМТ, 2007.***

Дар баробари таҳқиқи радиоҳои хориҷӣ, инчунин мавзуъҳо дар мавриди мавқеи расонаҳои хориҷӣ – оҷонсиҳои иттилоотӣ дар фазои иттилоотии кишвар ва берун аз он низ ба риштаи таҳқиқ кашида шудааст. Дар ин самт муҳаққиқ С. Мирзоалӣ дар мавзуи «Фаъолияти хабаргузориҳои хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли ИРНА, РИА «Новости»)» рисолаи номзадӣ ба анҷом расонида, дар бораи паҳлӯи нав – нақши иттилоот дар оҷонсиҳои иттилоотӣ назару андешаҳои навро пешниҳод кардааст. Дар ин диссертаттсия масъалаҳои ҷаҳони муосир ва сиёсати иттилоотӣ, мақоми РИА «Новости» дар фазои иттилоотии ҷаҳон ва махсусан, олами форсизабонон, воқеияти Тоҷикистон дар расонаҳои хабарӣ, сиёсат, иқтисодиёт ва фарҳанг дар

саҳифаҳои РИА «Новости» ва ИРНА, махсусияти жанри хабар ва дигар жанрҳо дар ин расонаҳои шинохта мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. С. Мирзоалӣ масъалаҳои дахлдорро мувофиқи талаботи рисолаҳои илмӣ дар доираи бобу фаслҳои муайян таҳқиқ намуда, менигорад, ки «муносибати воқеъбинона ҳақиқатнигорӣ ва баҳодиҳии объективонаро таҳким мебахшанд» [11, с. 69].

Ба андешаи муҳаққиқ бо назардошти равандҳои «ҷанги сард» дар ҳар кишвар марказҳои мухобиротӣ мавқеъ пайдо карданд, ҳамчунин сафари журналистони хориҷӣ ба кишварҳо зиёд гардид. Беҳтарин журналистон, рассомон, фоторепортёрҳо дар пунктҳои мухбиротӣ кору фаъолият менамуданд. Дар мавриди агентии иттилоотии РИА «Новости» муҳаққиқ чунин ибрози андеша дорад, ки РИА «Новости» паҳнкунандаи асосии ахбор доир ба масоили мубрами ҷамъиятию сиёсӣ, иқтисодӣ, илмӣ, молиявӣ ба шумор рафта, ин маводҳоро ба забонҳои русӣ, забонҳои асосии Аврупо, забони арабӣ, форсӣ, чинӣ, ҷопонӣ ва ғайра аз тариқи почтаи электронӣ, интернет ва дигар шакли чопӣ паҳн мекунад. Ҳарчанд ба баъзе паҳлуҳои фаъолият баҳои мусбат дода нашавад ҳам, муаллиф таъкид менамояд, ки дар сохтору фаъолияти РИА «Новости» фаврияту оҷилият, таҳлили мавод дар сатҳи хуб ба роҳ гузошта шудааст. Дар мавриди оҷонсии «IRNA», ки дар Вазорати умури хориҷии Эрон (соли 1934) ташкил шудааст, муҳаққиқ ба чунин хулоса расидааст, ки дар давоми фаъолияти зиёда аз ҳафтодсола ин оҷонсӣ дар муаррфии Тоҷикистон нақши сазовор дорад. Шояд омилҳои ҳамфарҳангиву ҳамзабонии Тоҷикистону Эрон аст, ки ин оҷонсӣ нисбат ба кишвари мо назари мусбии ҷиддӣ надорад: «Дафтари намояндагии «IRNA» дар Тоҷикистикон дар баробари дигар ниҳодҳои Эрон барои густариши равобити иқтисодӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ ва иҷтимоии Тоҷикистону Эрон ва дар муаррифии Тоҷикистон ба эрониёну ҷаҳониён, бо таҳияи ахбору гузоришҳояш ҳиссаи бузурге гузоштааст» [11, с. 177].

Дар рисола муҳаққиқ аз усули қиёс истифода карда, давраҳои гуногуни таърихиро дида мебарояд. Матолиби гуногунро ба риштаи

таҳлил гирифта, ботини ҳар як хабарро пажӯҳиш менамояд. Бо назардошти баъзе ҷузъиёт муҳаққиқ давраҳои гуногуни фаъолияти расонаҳоро, махсусан, дар замони соҳибистиқлолӣ ба назар гирифта, ба фаъолияти расонаҳои русӣ чандон баҳои мусбат намедиҳад: «...руйдодҳои Тоҷикистон дар бештари ВАО-и русӣ ба таври манфӣ инъикос мешванд ва як навъ маъракаи зидддитоҷикиро ба худ гирифта буданд» [11, с. 179].

Бо назардошти баъзе паҳлуҳо муҳаққиқ С. Мирзоалӣ дар рисолаи худ ба намояндагони агентии иттилоотӣ кишвар АМИТ «Ховар» мурочиат намуда, дар фаъолияти минбаъдаи худ аз таҷрибаи ИРНА ва дигар агентиҳо истифода карданро лозим мешуморад. Дар асоси ин таҳқиқ, ҳамзамон, якчанд пешниҳодҳо дар заминаи хуб гардидани кори агентии АМИТ «Ховар» баён гардидааст.

**3. *Яқубов Ҷамолиддин Нуриддинович. Журналистика ва экология: муаммо ва пешомадҳо (дар мисоли маводи ВАО-и Ҷумҳурии Тоҷикистон) // Рисола барои дарёфти унвони илмии номзади илмҳои филологӣ. – Душанбе: ДМТ, 2009.***

Яке аз самтҳои наву замонавии илмии соҳа журналистикаи экологӣ ба ҳисоб меравад, ки инак он дар Тоҷикистон инкишоф ёфта, ба самту шохаҳои нав тақсим гардида истодааст. Ин андеша ба он хотир аст, ки Тоҷикистон дар чанд даҳсолаи охир дар самти проблемаҳои экологӣ дар ҷаҳон фаъолтарин ташаббусҳову иқдомҳоро нишон додааст. Устод А. Саъдуллоев на танҳо адибу муҳаққиқи публитсистика, балки ҳамчун роҳнамо бо дарки руҳияи замон ба шогирдонаш мавзуҳои илмиро тавсия медоданд. Ёқубов Ҷамолиддин яке аз шогирдони устод А. Саъдуллоев аст, ки соли 2009 дар мавзуи «Журналистика ва экология: муаммо ва пешомадҳо (дар мисоли маводи ВАО-и Ҷумҳурии Тоҷикистон)» рисолаи номзадиашро ҳимоя намудааст ва он аввалин таҳқиқ дар соҳаи журналистикаи экологӣ дар Тоҷикистон мебошад.

Дар рисола масъалаҳои рушди маърифати экологӣ дар Тоҷикистон, баррасии мавзуҳои экологӣ дар ВАО-и кишвар, мафҳуми журналистикаи

сабз, тарзу услуҳои масъалагузориҳо, проблемаҳои асосии инъикосшавандаи экологӣ ва махсусиятҳои жанрии матолиби марбут ба мавзуъ мавриди ҳалу фасл қарор дода шудааст. Арзиши рисолаи илмии Ҷ. Ёқубов дар он зоҳир мешавад, ки муаллиф чӣ гуна баррасӣ шудани масъалаҳои экологии кишварро дар саҳифаҳои матбуот ва барномаҳои радиову телевизион дар замони истиқлолияти Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор дода, таҳқиқоташ барои тарғиби ҳифзи саломатии аҳолӣ ва солим нигоҳ доштани муҳити зист, баланд бардоштани маърифати экологии ҷомеа тавассути ВАО нигаронида шудааст. Профессор А. Саъдуллоев дар шинохти ин мавзуъ ва муҳаққиқи он чунин мегӯяд: «...Ҷамолиддин Ёқубов ба журналистикаи экологӣ рағбати бештар дорад ва орзуяш ин аст, ки саҳми коммуникатсияи муосирро дар пешгирии фалокатҳои калони ҷаҳонӣ мушаххас созад». Муаллифи рисола бо таъкиди мафҳуми «ахбори экологӣ» [120, с. 3] қайд менамояд, ки экология то асри 20 ҳамчун як ҷузъи илмҳои табиатшиносӣ шинохта мешуд, баъд аз ошкор шудани муаммоҳои экологӣ аз тарафи олимон экология аз доираи илмҳои табиатшиносӣ берун шуда, ба доираи илмҳои байнисарҳадӣ бо илмҳои ҷамъиятӣ ворид гардид. Бевосита муҳаққиқ низ истилоҳи экологияро аз назари муҳаққиқони рус ва хориҷӣ шарҳ дода, ташаккули экологияи одам ё экологияи иҷтимоиро ба ибтидои асри XX мансуб медонад. Азбаски дар маркази таваҷҷӯҳи журналистикаи экологӣ инсон қарор дорад, муҳаққиқ мавқеи инсонро дар фаҳмиши экологӣ назаррас ҳисобида, бемайлон нобудшавии захираҳои табиат, муаммои тағйирёбии иқлими сайёра, боридани боронҳои шӯр, биёбоншавии заминҳои корам ва дигар мушкилоти экологиро аз фаъолияти нодурусти инсон медонад.

Ба назари муҳаққиқ иттилооти экологӣ ҳама паҳлӯҳои зиндагии инсон ва муҳити атрофи ӯро фаро мегирад, ки дар ҳар лаҳза метавонад ба муҳити зисти солим ва саломатии ҳар шахс дахл кунад. Бояд гуфт, ки иттилооти экологӣ ба намудҳои иттилооти дастрасиашон кушода дохил шуда, тибқи қонунгузориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон кумитаву

вазоратҳои дахлдор, аз ҷумла, Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати мелиоратсия ва захираҳои об, Вазорати кишоварзӣ, вазорати энергетика ва саноат ва ғ. вазифадоранд, ки иттилооти ба ҷомеа зарурро пешниҳод намоянд.

Чун мавзуи рисола «Журналистика ва экология: муаммо ва пешомадҳо» унвон гирифтааст, табиист, ки муҳаққиқ баррасии ин мавзуъро дар саҳифаҳои расонаҳои гуногун дида баромадааст. Дар заминаи матолиби гуногун муаллиф чунин хулоса дорад, ки **«усулҳои инъкиоси ин мавзуъ дар расонаҳои давлативу хусусӣ аз ҳам фарқ доранд»** [120, с. 22]. Мавриди қайд аст, ки ВАО-и давлатӣ дар раванди масъалагузорӣ ва баррасии мушкилоти экологӣ мавқеи муайяну фаъолтар дорад. Махсусан, дар рӯзномаҳои «Ҷумҳурият», «Садои мардум», «Ҷавонони Тоҷикистон», ҳафтаномаи «Наврӯзи ватан» ва амсоли ин вобаста ба мавзуҳои ҳифзи табиат дар баробари гузоришу хабарҳо маводҳои таҳлилӣ ба чоп расидаанд, ки ба қалами журналистону мутахассисони соҳа мансуб аст. Муаллиф дар рисола мисолҳо ва масъалаҳои муҳими экологиро ҳам аз нигоҳи коршиносон ва ҳам олимони соҳаи экология таҳлил намуда, махсусан, саҳми журналистонро дар тарғибу ташвиқи мавзуъҳои экологӣ мусбат арзёбӣ мекунад.

Ба андешаи муаллифи рисола масъалаҳои ҳифзи табиат дар матбуоти аввали солҳои истиқлолияти Тоҷикистон дар қолаби жанрҳои репортаж, мақола, лавҳа ва очерк ва дар матбуот ва воситаҳои ахбори электронии солҳои баъди 2000-ум мавзуҳои экологӣ дар қолаби жанрҳои шарҳ, нигоришу мақола ва дар радио ва телевизион дар қолаби роликҳои иҷтимоӣ, филмҳо ба муштариён пешниҳод гардиданд.

***4. Орифова Муҳайё Зарифҷоновна. Махсусиятҳои ташаккули жанрҳо дар ширкатҳои минтақавии телевизионии Ҷумҳурии Тоҷикистон // Рисола барои дарёфти унвони илмии номзади илмҳои филологӣ. – Душанбе: ДМТ, 2010.***

Муҳайё Орифова дар рисолаи номзадии худ масъалаҳои таъсис ва омилҳои инкишофи радиову телевизионҳои минтақавӣ, махсусиятҳои барномаҳои телевизионҳои ғайридавлатӣ ва махсусиятҳои жанриву услубии барномаҳои телевизионӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифта, нақши чунин системаҳои телевизиониро дар фазои иттилоотӣ нишон дода шудааст. Ин таҳқиқ дар самти омӯзиши телевизионҳои минтақавӣ аввалин ба ҳисоб рафта, муаллифи рисола ба он назар аст, ки таҳаввулоти солҳои навадуми асри гузашта ба раванди шаклгириву таҳаввул дар маҷмуъ тамоми воситаҳои ахбор таъсири амиқ гузоштааст. Ба ақидаи муҳаққиқ «дар асри 20 телевизион зуҳуроти фарҳангиву маънавии мураккабу душвор аст» [21, с. 8], ки бо ин иқтидори худ дар миёни дигар навъҳои ВАО таҳаввулоти бузургро дар самти таъсир ба афкори ҷомеа ба вуҷуд овардааст. Ба таърихи ташаккулу таҳаввули телевизионҳои музофотӣ рӯ оварда таъкид менамояд, ки дар Тоҷикистон дар оғози солҳои навадум пайдоиши чунин телевизионҳо сурат мегирад. Пайдоиши аввалин телевизионҳои хусусии музофотӣ дар шароити рақобатҳои душвор зина ба зина ба шабакаҳои муҳими паҳн кардани ахбор табдил меёфтанд. Муҳаққиқ бо назардошти давраи хронологии таҳқиқ меандешад, ки феълан дар Тоҷикистон 16 шабакаи ғайридавлатӣ дар минтақаҳо фаъол мебошанд. Аз ҷумла, телевизионҳои «Мавҷи озод» (н. Восеъ, соли 1991), «Ҷаҳоноро» (н. Чкаловск, соли 1991), «Симо» (н. Панҷакент, соли 1992), «Ғулакандоз» (н. Ҷ. Расулов, соли 1993), «Анис» (ш. Конибодом, соли 1992), «Устурушан» (н. Истаравшан, соли 1994), «Регар» (н. Турсунзода, 1995), «СМ-1» (ш. Хуҷанд, соли 1998), «ТВ Исфара» (ш. Исфара, соли 1998), «ТВ Гули бодом» (ш. Конибодом, соли 1999), «ТВ Мастчоҳ» (н. Мастчоҳ, соли 2000), «Қурғонтеппа» (н. Қурғонтеппа, соли 2000), «Азия» (ш. Хуҷанд, соли 2000), «ТВ Парвиз» (н. Зафаробод, соли 2000), «Курушкада» (н. Истаравшан, соли 2006), «СМТ» (ш. Душанбе, соли 2006) зикр карда мешаванд, ки дар фазои хабарии муайян вазифаҳои худро иҷро кардаанд. Ҳамзамон, зикр мегардад, ки

дар минтақаҳои гуногуни ҷумҳурӣ 8 шабакаи телевизионӣ, 2 студияи кабелӣ ва 8 тиҷоратӣ ва 6 радиостансияҳои давлатӣ фаъол мебошанд.

Муаллиф ба масъалаи жанрҳо таваҷҷуҳ намуда, истифодаи онҳоро дар барномаҳои гуногун дида баромадааст. М. Орифова андеша дорад, ки «жанрҳои лавҳа, очерк, эссе ва фелетон аз адабиёт ба телевизион омадаанд» [21, с. 52]. Ҳарчанд баҳои муҳаққиқ умумӣ бошад ҳам, аммо ба хулосае меояд, ки чунин жанрҳои публитсистӣ бадеӣ дар қолабу шаклҳои навтар дар чунин телевизионҳо рушд кардаанд. Ҷустуҷӯ ва дарёфти қаҳрамони шоиста, таҳқиқи ботини фард, нақши умдаву созандаи қаҳрамон, заҳмату талоши пайвастаи инсони кор ва ниҳоят таҷассуми симои намуна дар барномаҳои телевизионии алоҳида мавриди таҳлилу ҳаллу фасл қарор дода мешаванд. Чунин ҷузъиёт дар қолаби қиёсҳо муаллифро муваффақ мегардонад, ки беҳтарин намунаи барномаҳоро мушаххас намояд ва ҳамзамон, баъзе ноқисиҳоро баён кунад. Муаллиф дар заминаи таҳлилҳои контентӣ тарзи масъалагузории муаллифони барномаҳоро («Пайванд», «Чароғи рӯз», «Таҷриба», «Истеъдод», «Хандоханд» ва ғ.) мушаххас намуда, чунин хулоса дорад, ки дар бозгӯ кардани ҳадаф баъзан маҳорати касбии муаллифон комил нест. Бо назардошти муайян кардани фаъолмандӣ ва масъулияти иҷтимоии журналист муаллиф аз усули тадқиқоти сотсиологӣ истифода карда, мақому нақши телевизионҳоро муайян кардааст. Муаллиф дар фаслҳои алоҳида проблемаҳои назарияи журналистикаро баррасӣ менамояд ва дар такя ба андешаҳои муҳаққиқони дохиливу хориҷӣ мубрамияту аҳмияти ҷузъиёти алоҳидаи телевизиониро хуб ҳаллу фасл кардааст.

***5. Ҳамидов Илҳомҷон Иномович. Мавқеи матбуоти иттиҳодиявӣ дар журналистикаи муосири тоҷик // Рисола барои дарёфти унвони илмии номзади илмҳои филологӣ. – Душанбе: ДМТ, 2010.***

Яке аз мавзуъҳои нав ва мубрами таҳқиқ барои журналистикаи имрӯза матбуоти иттиҳодиявӣ ба шумор меравад, ки аз ҷониби муҳаққиқ И. Ҳамидиён дар шакли рисолаи номзадӣ анҷом дода шудааст. Муаллиф

дар рисола масъалаҳои қонунияти пайдоиш ва таҳаввули матбуоти корпоративӣ, матбуоти корпоративӣ ҳамчун як навъи журналистика, таърихи пайдоиш, таҳаввулоти ин навъи матбуот, нақши иқтисоди бозорӣ дар рушди матбуоти иттиҳодиявӣ, таъйиноти PR ва реклама дар матбуоти иттиҳодиявии Тоҷикистон, махсусияти матни журналистӣ дар саҳифаҳои мутбуоти иттиҳодиявӣ, ороишу дизайн ва махсусиятҳои жанрии матолиби ин навъи матбуотро мавриди пажуҳиш қарор додааст. Дар ҳақиқат, имрӯз дар системаи ҷаҳонии васоити ахбор ВАО-и иттиҳодиявӣ як навъи паҳншуда ба шумор рафта, аз нигоҳи аудитория низ серистеъмол ба шумор меравад. Инро муҳаққиқ дар давраи соли 2009 дар Аврупо ба назар гирифта қайд менамояд, ки тиражи маҷмуии он зиёда аз 456 миллионро дарбар мегирад. Дар шарҳи назариявии мавзуъ муҳаққиқ дар такя ба назарияи муҳаққиқони русияву хориҷӣ таъкид менамояд, ки мавҷудияти нашароти иттиҳодиявӣ талаботи рӯз мебошад ва ҳар як ширкату корхона дар аввалин имконият барои эҳтирому нуфузи худ чунин нашрияро таъсис медиҳанд. Таъкид карда мешавад, ки имрӯз дар Тоҷикистон 150 рӯзномаву маҷаллаҳои корпоративӣ фаъол мебошанд. Ҳамчунин воситаҳои дигари тарғиботи иттиҳодиявии корхонаҳо – радиову телевизионҳо низ қатъи назар карда намешаванд.

Муҳаққиқ ба таърихи матбуоти замони шуравӣ рӯ оварда, аз нашрияҳои корхонаҳову соҳаҳои алоҳида ба монанди «Саводи меҳнат», «Роҳнамои мухбирон», «Комсомоли Тоҷикистон», «Деҳқони кмабағал», «Пионери Тоҷикистон», «Барои маорифи коммунистӣ», «Колхозчӣ», «Роҳи колхозчӣ», “Барои нақлиёти сотсиалистӣ», «Ҳуқуқшиноси шуравӣ», «Барои адабиёти сотсиалистӣ», «Мубориза барои пахта», «Револютсияи маданӣ», «Калтак», «Бигиз» ёдовар мешавад, ки муассисони онҳо дар самти муайян мазмуну муҳтавои нашрияҳои худро шакл мебахшиданд. Ҳамзамон, нашрияҳои имрӯзаи фаъоли иттиҳодиявӣ – «Ориёно», «Ҷаҳони паём», «Нақлиёт», «Дарду дармон», «Баҳори Аҷам», «Алюминийи Тоҷикистон», «Паёми дандонпизишкӣ», «Куҳкан», «Ганҷи ороста», «Ганҷ», «Тиб ва табобат», «Саҳар», «Ватанпарвар»,

«Пайрави Сино», «Фаровон», «Ба қуллаҳои дониш», «Омӯзгори ҷавон», «Инсон ва қонун», «Фарҳанг», «Сохтмончӣ», «Табиат ва ҳаёт» ва амсоли ин зикр карда мешаванд, ки баъзеи онҳо дар фазои иттилоотии кишвар низ мавқеъ доранд.

Дарвоқеъ ВАО-и иттиҳодиявӣ дар фазои иттилоотии кишвар мавқеъ ва ҷойгоҳи муайянро соҳиб буда, умумумияту тафовутҳои мушаххаси худро соҳиб мебошад. Вазифаи меҳварии матбуоти иттиҳодиявӣ «ташаккули фарҳанги иттиҳодиявӣ» дониста мешавад. Муколамаи оммавии роҳбарияту тобеон, иттилоотонии ҳайати кормандони ширкату корхона, табодули таҷриба, имконияти пешниҳоди идеяҳо барои пешрафти иттиҳодия, андармонсозии равониву тафреҳӣ ва дигар ҷузъиёти ба он алоқамандро муҳаққиқ шинохти аслии чунин шакли ВАО мешуморад, ки дар ҳақиқат, илман асоснок мебошанд.

Дар баробари ин чунин навъи матбуот муайнкунандаи «меъёрҳои фаъолият ва ташаккулдиҳандаи фарҳанги ягона» [117, с. 4] дар фазои мушаххас ҳам гуфта мешавад. И. Ҳамидов дар такя ба андешаи аксар муҳаққиқони дохиливу хориҷӣ чунин натиҷагирӣ дорад, ки ВАО-и корпоративӣ тиҷоратӣ нестанд. Ин воситае дониста мешавад, ки дар бораи ҳадафҳову нақшаҳо, вазифаву ӯҳдадориҳо, хабари маводи истеҳсолшуда, иҷрои нақшаҳо, хизматрасониҳои ширкату корхонаҳо доираи аудиторияи муайянро огоҳ менамояд. Матбуоти корпоративӣ манфиатҳои корхонаву ширкатҳоро ҳимоя карда, маърифатро соҳаи муайянро боло мебардорад. Андешаҳои «озодии нисбатан камтар» ва «механизми ҳамакора» нисбат ба ВАО-и иттиҳодиявӣ мухолифати андеша гардида бошад ҳам, рисолати матбуоти иттиҳодиявиро баён карда метавонад. Муаллиф дар баъзе мавридҳо матбуоти иттиҳодиявӣ ва соҳавиро як медонад, ки қатъи назар аз ҷузъиёти алоҳида онҳо бо ҳам монандӣ доранд. Муаллиф бо назардошти таҳлилу қиёсҳо ба чунин хулоса меояд, ки «матбуоти иттиҳодиявӣ матбуоти факт аст, на андеша» [117, с. 8] ва дар ин самт хабар, ҳисобот, мухбирнома, мақола, табсира ва

чанде дигар аз серистеъмолтарин жанрҳо дар саҳифаҳои матбуоти корпоративӣดониста мешавад.

Муаллиф дар асоси усулҳои зиёди таҳқиқ – системавию таркибӣ, қиёсиву таърихӣ, типологиву назариявӣ ва таснифотӣ, дар маҷмуъ бо фарогирии масъалагузориҳои мушаххас аз қабили муайян намудани мавқеи матбуоти корпоративӣ дар низоми васоити ахбори омма, дақиқ намудани нақши матбуоти иттиҳодиявӣ дар шаклгирии муколамаҳову муносибатҳо, таъсиргузории матбуоти иттиҳодиявӣ ба раванди фаъолияти ширкату корхонаҳо, тавассути матбуоти иттиҳодиявӣ баланд гардонидани имидҷи корхонаву ширкатҳо, таҳлили махсусиятҳои функсионалӣ, корбасти жанрҳо ва усулҳои публитсистӣ дар саҳифаҳои чунин расонаҳо, муайян намудани дурнамои инкишофи матбуоти корпоративӣ ва амсоли ин чунин хулоса дорад, ки бо назардошти манфиатҳои васеи иҷтимоӣ ояндаи дурахшони чунин шакли ВАО дар Тоҷикистон ногузир мебошад.

***6. Абдулҳай Ором. Инъикоси робитаҳои фарҳангии Тоҷикистону Афғонистон дар матбуот (1991-2011) // Рисола барои дарёфти унвони илмии номзади илмҳои филологӣ. – Душанбе: ДМТ, 2012.***

Абдулҳай Ором аз ҷумлаи муҳаққиқони хориҷие мебошад, ки дар Тоҷикистон таҳти роҳнамоии профессор А. Саъдуллоев рисолаи номзадӣ дифоъ кардааст. А. Ором ҳамчун устоди яке аз донишгоҳҳои Афғонистон масъалаҳои муносиботи фарҳангии ду кишварро дар мисоли матбуот ба риштаи таҳқиқ кашидааст. Дар рисола масъалаҳои омӯзиши давраҳои асосии равобити муташаккили фарҳангӣ, таҳқиқи заминаҳои нақши таърихии матбуоти умумифорсӣ дар инкишофи журналистикаи Осиёи Марказӣ ва Афғонистон, таҳлили қиёсии мактабҳои журналистӣ, муайян кардани нақши матбуот дар иъикоси проблемаҳои фарҳангӣ ва ҳалли мушкилоти он, нақши шахсиятҳои илму фарҳанг дар инкишофи равобити илмиву фарҳангӣ, умумияту тафовути проблемаҳои инъикосшаванда дар саҳифаҳои матбуот ва таҳлили муқоисавии равобити фарҳангии асри 20 ва оғози асри нав мавриди

ҳаллу фасл қарор дода шудаанд. А. Ором пажуҳишҳои муҳаққиқон А. Азимов, Х. Асозода, П. Гулмуродзода, М. Ғоибов, Д. Давронов, С. Мирзоев, М. Муродӣ, А. Набавӣ, В. Набиева, А. Саъдуллоев, З. Танин, И. Усмонов, Р. Фарҳодӣ, А. Ҳабибӣ, М. Ҳалимӣ, Н. Ҳиравӣ, М. Шакурӣ ва дигаронро зикр намуда, онҳоро дар самтҳои таъриху матбуоту адабиёт марбут медонад, ки нисбатан ҷузъӣ мебошанд. Аз ин миён баъзе асару мақолаҳои профессор И. Усмоновро ба таҳқиқи худ наздиктар мешуморад. А. Ором «...ду омили муҳим – мероси таърихиву адабӣ ва забон»-ро [115, с. 15] таҳрикбахши асосии муносбатҳои фарҳангии Афғонистону Тоҷикистон медонад. Дар ин маврид аз аввалин нашрияҳои Афғонистон – «Шамс-ун-наҳор» ва «Сироҷ-ул-ахбор» ёдовар мешавад, ки дар саҳифаҳои онҳо матолиби гуногуни маорифпарварони ҳавзаи форсизабонон ба табъ расидааст.

Дар боби аввал ҷанбаи таърихии кор бештар ба назар мерасад, муаллифи рисола ишора ба он менамояд, ки қабл аз «Сироҷ-ул-ахбор» низ нашрияҳои алоҳидае («Ахбори олам», «Ахбори оми Лоҳур», «Ахбори кӯҳи нур», «Тилисми ҳайрат», «Лавҳи маҳфуз») вуҷуд доштанд, ки равобити фарҳангии доираҳои Хуросону Мовароуннаҳрро шакл бахшидаанд. Ба муносибатҳои Тоҷикистону Афғонистон дар замони шуравӣ назар андохта, А. Ором таъкид менамояд, ки заминаи он аз соли 1921 оғоз мешавад, ки миёни давлати шуравӣ ва Афғонистон шартномаи дӯстӣ имзо гардидааст.

Инъикоси ин муносибатҳо дар замони соҳибистиқлолии Тоҷикистон ҷараёни бузургу тоза пайдо менамояд. То замони истиқлолият раванди чунин равобитро Маскав ба роҳ мегузошт. Акнун гуфта мешавад, ки «баъди истиқлолият ба даст овардани Тоҷикистон муносибатҳои ду кишвар боз ҳам бештар ва қавитар гардидаанд» [115, с. 22].

Падидаи муҳим дар ин давра боз ҳам наздик гардонидани муносибатҳои ҳамҷавории халқҳои тоҷикзабону даризабон ба ҳисоб меравад. Иқдомҳои Роҳбари давлати Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар масъалаи бунёди роҳҳо ва дигар созандагиҳо, ки манфиати ду кишвар

мебошанд, дар матбуоти Тоҷикистону Афғонистон инъикоси васеъ пайдо мекунанд.

Ҳамин тавр муҳаққиқ А. Ором дар заминаи таҳлилҳо масъалаҳои ҳаракатҳои инқилобӣ дар оғози асри 20 ва таъсири он дар пайдоиши матбуот дар Осиёи Миёнаву Афғонистон, таъсири матбуот ба фаъолияти маорифпарварони афғону тоҷик, мусоидати матбуот ба раванди равобити фарҳангии Афғонистону Тоҷикистон, истиқлолияти Тоҷикистон ва таъсири он ба равандҳои нави ташаккули равобити фарҳангии ду кишвар, махсусиятҳои равобити фарҳангии имрӯза, нақши умумиятҳои забониву фарҳангӣ дар баргузории чорабиниҳои муҳим ва мусоидати фазои мусбати фарҳангӣ дар фаъол гардидани матбуот мавриди ҳаллу фасл қарор дода, инъикоси чунин муносибатро дар саҳифаҳои матбуоти ду кишвар тавсеаи муносибатҳои ҳамаҷониба дигар мешуморад.

Ба ҷуз муҳаққиқони номбурда, як зумра унвонҷӯю аспирантоне буданд, ки зери роҳбарии А. Саъдуллоев таҳқиқи илмӣ мебурданд. Аммо умр вафо накарду А. Саъдуллоев аз олам гузашт ва баъзе шогирдон зери роҳбарии дигар устодон таҳқиқро идома доданд. Ду нафар шогирдони марҳум Зафар Эшматов ва Моҳира Сафарзода, ки дар вақти қайди ҳаёт будани профессор Саъдуллоев рисолаи номзадиашон аз муҳокимаҳо гузашта буданд, дар идомаи кор профессор А. Азимовро роҳнамо интихоб карданд. Роҳнамоӣ ва тавсияҳои илмии профессор А. Саъдуллоев сарфи назар нашуда, дар кори илмии З. Эшматов («Таърих ва ташаккули телевизиони Тоҷикистон») ва М. Сафарова («Телевизион ва таъсири он ба афкори омма (дар мисоли телевизиони Тоҷикистон)») номи ӯ низ ба сифати роҳбари кори илмӣ сабт гардидааст.

### 3.3. Таснифоти мухтасари осор

Профессор А. Саъдуллоев дар маҷмуъ муаллифи беш аз 50 асарҳои публитсистиву илмиву таълимӣ аст. Мавриди зикр аст, ки дар аксар дастуру воситаҳои таълимӣ махсусиятҳои илмӣ низ ба назар мерасанд,

ки гувоҳи тавъам будани фаъолияти илмиву таълимии муҳаққиқ аст. Тафсири мухтасари муҳимтарини онҳо аз рӯйи тақсимбандии шартӣ чунин мебошад:

**АСАРҲОИ ИЛМӢ:**

***1. Публитсистикаи Турсунзода. – Душанбе, 1988. – 112 с.*** Китоби мазкур монографияи илмии муаллиф аст, ки ҷанбаҳои публитсистии осори М. Турсунзодаро дар доираи фаслҳои муайян шарҳ медиҳад. Дар ин асар дар бораи проблемаҳои умумии публитсистикаи шуравии тоҷик, махсусиятҳои публитсистикаи М. Турсунзода, баррасӣ ва инъикоси мавзуи сулҳу дӯстии халқҳо, масъалаҳои сабку услуб ва робитаҳои адабӣ дар доираи публитсистикаи адиб сухан меравад.

2. ***Жанрҳои таҳлилии матбуот (ҳаммуаллиф П. Гулмуродзода). – Душанбе, 1994. – 58 с.*** Яке аз намунаи дастурҳои таълимӣ мебошад, ки дар он аввалин маротиба жанрҳои таҳлилӣ шарҳ дода шудааст. Руҳияи илмии он низ назаррас мебошад. Дар шарҳи кутоҳи ин китоб гуфта мешавад, ки он рисолае берун аз уфуқҳои дастури таълимист. Ин асар дар доираи нисбатан мукаммал жанрҳои таҳлилиро, ҳамчун гурӯҳи дуюми жанрҳои матбуот тавзеҳ медиҳад. Дар он дар бораи жанрҳои мақола, мухбирнома, муросила, хулосаи матбуот, нигориш ва тақриз сухан меравад.

3. ***Ҳамосаи инсони кор (ҳаммуаллиф П. Гулмуродзода). – Душанбе, 1995. – 64 с.*** Ин дастури таълимӣ бо ҳаммуаллифӣ навишта шуда, аз нахустин асарҳои мукаммалу мушаххаси муаллиф дар бораи очерк ба ҳисоб меравад. Аз хусусиятҳои илмӣ низ иборат аст. Дар он дар бораи мавҷудияти ин жанр дар давоми ду садсолаи охир дар публитсистика сухан рафта, очерк жанри симосоз гуфта мешавад. Дар китоб истилоҳи очерк аз чандин паҳлуҳо шарҳ дода мешавад. Масъалаҳои дигар низ аз қабили таърихи ташаккулу таҳаввул, унсурҳои воқеияту ҳақиқат дар очерк, шаклбахшии образи намуна, ҳамҷаворbooии очерк бо дигар жанрҳо, анвои жанри очерк ва лабораторияи очеркнавис шарҳ дода мешаванд.

4. ***Хосияти адабиёт. Пайванди каломи бадеъ бо иҷтимоъ. – Душанбе: Адиб, 2000. – 264 с.*** Мукаммалтарин ва васеътарин асари муаллиф дар бобати шинохти публитсистикаи муосир ба шумор меравад. Он монографияи илмӣ буда, масъалаҳои насри публитсистии муосири тоҷикро дар солҳои 1960-1980 мавриди ҳаллу фасл қарор додааст. Дар ин асар дар бораи заминаҳои иҷтимоии публитсистика, пайванди адиб бо замон, мавқеи иҷтимоии адиб, образи публитсистӣ, масхусияти насри мустанад, унсурҳои жанрӣ ва бадеияту воқеият дар асари публитсистӣ сухан меравад.

5. ***Рангҳои зиндагӣ. – Душанбе, 2007. – 344 с.*** Асари илмӣ мебошад, ки бо фароҳам гардидани бахшҳо дар чандин самт мақолаҳои муаллифро дарбар гирифтаанд. Дар «Рангҳои зиндагӣ» доир ба паҳлуҳои гуногуни эҷоди адибони тоҷик Ш. Ёдгорӣ, Р. Мардон, К. Мирзо, Т. Муҳаммадризо, М. Наҷмиддинов, А. Самад, М. Солеҳов ва чанде масъалаҳои дигар сухан меравад. Мақолаҳои муаллиф дар самти публитсистикаву нақди адабӣ дар асоси назарияҳои илмӣ шакл пайдо кардаанд.

6. ***Наҷвои наҷотофарин. – Душанбе, 2008. – 112 с.*** Асари илмӣ мебошад, ки маҷмуи мақолаҳои мукаммали муаллифро дар чандин самт фаро мегирад. Дар ин асар таҳқиқоти қариб як даҳсолаи муаллиф фароҳам омадааст. Дар ин асар дар бораи масъалаҳои озодиву мавқеи сухани созанда, истеъдоди эҷодкорӣ, рисолати журналистика, тақдири имрӯзу ояндаи матбуот, касбияту маҳорати журналистӣ, садоқату самимияти журналист, вазифаҳои насри мустанад, воқеияту бадеияти асар ва амсоли ин сухан меравад. Асар дар баробари хосияти илмӣ, рӯҳияи оммавии баёни андешаро низ соҳиб аст.

7. ***Горизонты публицистики. – Душанбе, 2009. – 312 с.*** Дар ин асар мақолаҳову навиштаҳои муаллиф бо баъзе ихтисораҳову иловаҳо мураттаб гардидаанд. Ҳамчунин дар он шакли нисбатан мухтасари рисолаи номзадии муаллиф – «Публитсистикаи М. Турсунзода» пеш оварда шудааст. Дар китоб мақолаҳои мукаммали илмии чанд соли

охири муаллиф ҷамъ оварда шуда, дар бораи ҳамқадами замон будани публитсистика, тарбияву такомули истеъдодҳои эҷодӣ, жанрҳои симосози соҳа, анъанаҳои инкишофи матбуоти замони истиқлолият, мавқеи муаллиф дар асари публитсистӣ ва унсурҳои офариниши очерк мавриди ҳаллу фасл қарор дода шудаанд.

8. ***Эссе. Размышления о некоторых аспектах жанра и его эволюции. – Душанбе, 2010. – 116 с.*** Ба сифати монографияи илмӣ аз асарҳои мушаххаси муаллиф дар бораи жанри эссе мебошад. Талоши муаллиф дар ин китоб ба он равона гардидааст, ки эссе ҳамчун жанри алоҳидаву мустақили публитсистика муаррифӣ гардад. Раванди ташаккулу таҳаввули жанри мазкур дар публитсистика бозгӯ гардида, хосияти жанр аз паҳлуҳои гуногун шарҳ дода мешавад. Ба андешаи муҳаққиқ эссеро публитсистону адибоне менависанд, ки барои хонанда шиносанд, чеҳра мебошанд, сухани онҳо вазн дорад. Эссе жанри психологие дониста мешавад, ки дар он чандин ҷузъиёт ба ҳама омада, нерӯйи таъсирбахшоии онро меафзояд. Эссеизм дар публитсистикаи матбуотӣ зуҳуроти раванди умумии коммуникатсионӣ гуфта мешавад. Дар ин китоб ба баъзе баҳсҳо дар бораи мавҷудияти жанри эссе хотима бахшида мешавад.

9. ***Очерк: генезис, развитие и современное состояние (бо ҳаммуаллифии А. Аминов). – 2012. – 216 с.*** Асари мазкур хосияти илмӣ дошта, аз беҳтарин асарҳо дар бораи шинохти жанри очерк ба шумор меравад. Дар китоб масъалаҳои бадеияту воқеият, композитсия ва поэтикаи очерк, мавқеи муаллиф дар очерк, публитсистика дар саҳифаҳои матбуот, махсусиятҳои очеркҳои Ф.Муҳаммадиев, таъиноту вазифаҳои жанри очерк, шинохти образи публитсистӣ ва дигар ҷузъиёти муҳими ба мавзуъ алоқаманд мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода шудааст.

10. ***Агар сухан коргар шавад... – Душанбе, 1992. – 272 с.*** Ин асар махсусияти илмӣ дошта, маҷмуи мақолаҳои муҳаққикро дарбар гирфтааст. Дар мақолаҳои он дар бораи ёдномаҳои публитсистӣ ва дигар

махсусиятҳо дар осори Ф. Муҳаммадиев, унсурҳои воқеъгароёнаи иҷтимоӣ дар эҷодиёти А. Лоҳутӣ, инъикоси воқеияти замон дар осори М. Турсунзода сухан рафта, онҳо аз давомдиҳандагони фаъоли мактаби нигориши С. Айнӣ гуфта мешаванд. Дар ин асар дар бораи осори адибиони дигар – Ҷонибек Акобиров, Ғаффор Мирзо, Урун Кӯҳзод, Кароматулло Мирзоев, Мирсаид Миршакар ва дигарон низ андешаҳо баён гардидаанд. Хусусияти жанри тақризи публитсистӣ дар ин навиштаҳо бештар ба назар мерасад.

11. ***Муаммои назарияи публитсистика (ҳаммуаллиф Н. Солеҳов). – Душанбе, 2015. – 184 с.*** Асари мазкур ба сифати маводи дарсӣ пешниҳод гардидааст. Он дар бораи махсусиятҳои публитсистика ва баъзе омилҳои коммуникативӣ ба хонанда маълумот медиҳад. Китоби мазкур яке аз аввалин дастурҳо дар мавриди бозёфтҳои соҳаи журналистика ба ҳисоб меравад. Ин китоб бо ҳаммуаллифӣ таълиф гардида, дар он масъалаҳои шинохти публитсистика, ҳаққоният ва факт, методҳои публитсистӣ, таъйиноти жанрҳои публитсистӣ, вазифаи жанрҳои ахборӣ, анъанаву инкишофи жанр, офариниши образҳо, комммуникатсия дар замони муосир, коммуникатсияи оммавӣ ва амсоли инро фаро гирифтааст.

## АСАРҲОИ ПУБЛИТСИСТИВУ БАДЕӢ:

**1.** ***Дарё равон аст (Очеркҳо). – Душанбе, 1985. – 144 с.*** «Дарё равон аст» аз нигоҳи таҷзияи воқеияту бадеият ба қиссаву очеркҳои публитсистӣ наздик аст. Дар он хусусияти тавсифӣ баланд аст ва қаҳрамононаш роҳбарони хоҷагиҳои номдор мебошанд. Дар ин китоб муаллиф дар баёни андеша озодтар буда, дар асоси нақлҳои тасвирӣ образи ду фарди намуна - Раҷаб ва Каримро хотирмон тасвир кардааст. Асар аз 21 очерку лавҳаҳои хурду бузург иборат гардида, бо нишон додани равандҳои таърихӣ набзи замонро баррасӣ кардааст. Дар асар офариниши инсони кору пайкор дар меҳвари ҳадаф қарор мегирад ва дар мисоли садоқату самимияту меҳнатдӯстии онҳо бунёдкориҳову

созандагиҳо нишон дода мешаванд. Дар маҷмуъ дар ин асар симои Карим Исмоилов ҳамчун раиси номдори хоҷагӣ бештар васф гардидааст.

**2.** ***Бозсозӣ – оинаи худсозӣ (ҳаммуаллиф Э. Шоев). – Душанбе, 1991. – 64 с.*** Китоби мазкур хосияти пурраи публитсистӣ дошта, дар асоси саҳнаҳои воқеии замон образи фарди меҳнатдӯст ва майдони заҳматро нишон медиҳад. Очеркҳои адиб дар ин асар чун руҷӯъҳои алоҳида бо ҳамдигар тавъам гардида, як очерки мукаммалро ба вуҷуд овардаанд ва дар алоқамандии сохториву мавзуӣ барои пайдоиши як очерки фаррохдоман мусоидат кардаанд. Қаҳрамони ин асар вакили халқии ИҶШС Ҳасан Маннонов мебошад, ки роҳбарии як корхонаи бузургро ба ӯҳда дорад. Муҳиту фазои иттиҳодияро муаллифон ташхис намудаву таҳқиқи ботини қаҳрамонро то ҳадде анҷом додаанд. Бо назардошти фазову муҳити фарогир иделогияи замон тавсиф карда мешавад. Руҷуъҳо, ё лавҳаҳои «Раванди таърих», «Як рӯзу ҳамеша», «Музеи зинда», «Ёде аз ёдҳо», «Шаммае аз манша», «Беустухон» ва амсоли ин бештар талоши мадҳу санои қаҳрамонро дарбар мегиранд. Пафос дар навштаҳо баланд аст ва асар хусусияти фармоишӣ дорад.

**3.** ***Бомдоди шубоб. – Душанбе, 1994. – 140 с.*** Ин асар хусусияти публитсистиву бадеӣ дошта, бештар ҳолномаи муйяни муаллифро дарбар гирифтааст. Аз рӯйи қолаби жанрӣ китоби мазкур фарогирандаи эссеҳои хурду бузург мебошанд. Зеро бештар хотираҳоеро дарбар гирифтааст, ки дар доираи он симоҳои аҳли эҷод баррасӣ гардидаанд. Дар ин китоб дар доираи ду фасл ҳудуди 70 навиштаҳои хурду бузург фароҳам гардидаанд. Китоб ҳолномаи муаллиф аст, ки аз айёми наврасӣ то донишҷӯии ӯро дарбар гирифтааст. Назар ба қавли муаллиф он дар асоси 13 дафтари хотироти даврони донишҷӯйӣ мураттаб гардидааст. Сабку услуб дар ин асар дар қиёс бо дигар намунаҳо ҷолибу ҳунармандона мебошад.

**4.** ***Дил ба ёдгор. – Душанбе, 1999. – 54 с.*** Асари «Дил ба ёдгор» вобаста ба самти ифодаи ҳадаф очерки муҳташамро мемонад, ки аз руҷуъҳо ва лавҳаҳои алоҳидаи дигар ибора гардидааст. Ҳадафи он

офариниши образи намуна дар мисоли М.Набиева мебошад. Асари мазкур аз даҳ сиссилалавҳаи ба ҳам алоқаманд иборат гардида, дар натиҷаи банду баст дар руҳияи публитсистӣ бадеӣ образи шахси намунаро шакл бахшидааст. Руҷуъҳо ва лавҳаҳои «Чанде ба ҷои сарсухан», «Ворис», «Як пиёла чой», «Номаи охирин», «Шабе дар Артек», «Дар оғуши модар», «Сабақ», «Мубоҳиса», «Бахт дар бедорист», «Роҳи наҷот ҳаст» бо ҳам таҷзияи маъноиву мантиқӣ доранд. Хусусияти бадеиву фалсафӣ дар асар фаъол мебошад. Оҳанги иҷтимоии замона низ дар қисматҳои алоҳида аз забони қаҳрамон ва муаллиф замзама мегардад.

**5.** ***Афғонистон: инқилоби ғайриинтизор. – Душанбе, 2012. – 240 с***. Асари публитсистии адиб аст, ки маҷмуи хотираву ёддоштҳои адибро ҳангоми дар Афғонистон фаъолият намудан дарбар гирифтааст. Худи муаллиф ин китобро ҷамъи лавҳаву ёддошт ва эссеву репортажҳои бадеӣ меномад. Ҳар як навиштаи он дар асоси мушоҳидаҳову саргузаштҳои воқеӣ шакл гирифтааст. Ин асар дар маҷмуъ 103 лавҳаву ҳикояву эссеҳоро фаро гирифта, муҳити илмиву таълимии Афғонистонро бо таъсири Иттиҳоду Шуравӣ нишон медиҳад. Дар лавҳаву эссеҳои ин китоб симоҳои фаъоле ба монанди Козим, Робиа, Сиёев, Худойқул, Азизамоҳ, Башир, Равшан, Истад, Ҳабибулло, Сафарбег, Абдунабӣ, Раҳим, Аҳмадҷон ва дигарон бештар тавсиф ва гоҳе танқид карда мешаванд. Ин китоб таҷассуми сиёсати замона дар як давраи муайян мебошад ва нигоҳи воқеъбинона дар он зиёд аст.

## ДАСТУРУ КИТОБҲОИ ТАЪЛИМӢ:

**1.** ***Нависандагони советӣ дар мубориза барои сулҳи прогрессии сотсиалистӣ. – Душанбе, 1977. – 25 с.*** Ин асари аз нигоҳи ҳаҷм хурд яке аз аввалин навиштаҳои маҷмуии муаллиф дарбаргирандаи ҳадафҳои тарғибиву ташвиқӣ мебошад. Дар ин дастур дар бораи вазифаҳову ӯҳдадориҳои адибони замони шуравӣ сухан рафта, як навъ хосияти идеологӣ дорад. Асар заминаи умумии илмӣ-оммавиро соҳиб аст.

**2.** ***Теурии таҳқиқ дар журнализм (ҳамроҳи А.Х. Маданӣ). – Кобул: Нашри Пухантун, 1364. – 128 с.*** Ин китоб бо ҳаммуалифӣ навишта шуда, хусусияти илмиву таълимӣ дорад. Асари мазкур солҳои фаъолият дар донишгоҳи Кобул таълиф гардидааст. Паҳлуҳои гуногуни вазифаҳои журналистика дар замони муосирро мавриди баррасӣ қарор медиҳад.

**3.** ***Ҳамосаи воқеии кору пайкори қаҳрамон (ҳамроҳи К. Оҳангар). – Кобул: Матбаи давлатӣ, 1365. – 102 с.*** Ин асар унсурҳои чеҳрасозиро дар қолаби жанри очерку лавҳа фаро гирифтааст ва тафсири муайянро дар офариниши образи публитсистӣ дарбар мегирад.

**4.** ***Филми мустанад. – Кобул: нашрияи Пухантун, 1366. – 96 с.*** Ин китоб хосияти публитсистиро дар жанрҳои телевизионӣ ифода намуда, ҷанбаҳои воқеиятро дар филми мустанад шарҳ медиҳад. Бо назардошти таҷрибаву фаъолияти муаллиф дар телевизион ва таҳқиқот дар самти публистсистика шакл пайдо кардааст.

**5.** ***Журнализми радио (дар се китоб, ҳамроҳи А.Х. Маданӣ). – Кобул: Нашрияи Пуҳантун, 1366, 1368, 1370.*** Яке аз аввалин асарҳои муаллиф бо ҳамкории дигар устодони донишгоҳи Кобул дар бораи радио мебошад. Ба сифати дастури таълимӣ пазируфта шудааст.

**6.** ***Хандаи созанда (ҳамроҳи К. Оҳангар). – Кобул: Матбааи давлатӣ, 1367. – 127 с.*** Ин асар низ бо ҳаммуаллифӣ дар заминаи фаъолият дар Афғонистон навишта шуда, ҳамчун дастури таълимӣ пешниҳод гардидааст. Раванду ҷараёнҳои публитсистӣ мавриди ҳаллу фасл қарор гирифта, масъалаҳои ҳаҷви публитсистӣ дар адабиёти даризабонон пажӯҳишу тавзеҳ ёфтаанд. Монандиву тафовути давраҳову марҳилаҳои асосӣ ва нақши онҳо дар равандҳои иҷтимоӣ бозгӯ мегарданд.

**7.** ***Журналистикаи советии тоҷик (ҳамроҳи А. Нуралиев, И. Усмонов, У. Гулмуродзода). – Душанбе, 1989. – 172 с.*** Аз аввалин китобҳои дарсии журналистика дар Тоҷикистон мебошад. Ин асар баъзе масъалаҳои таърихии журналистика, мазмуну моҳияти публитсистика ва хусусиятҳои жанриро дарбар мегирад. Зоҳиран қисмати жанрҳои публитсистиву бадеии онро А. Саъдуллоев омода намудааст.

**8.** ***Озодии сухан ва матбуот (ҳамроҳи П. Гулмуродзода). – Душанбе, 1995. –16 с.*** Баъзе паҳлуҳои фаъолияти матбуоти оғози даврони соҳибистиқлолиро дарбар гирифтааст. Бурду бохти матбуотро бозгӯ намуда, омилҳои пешрафти онро нишон додааст.

**9.** ***Жанрҳои журналистикаи радио (ҳаммуаллиф С. Гулов). – Душанбе, 1997. – 48 с.*** Як навъ давоми китобҳои дар Афғонистон навишташударо дар бораи радио ташкил дода, жанрҳои радиоии муосирро шарҳ медиҳад. Ин мавзуъ аввалин қадамҳо дар роҳи тавзеҳи жанрҳои ВЭА ба шумор меравад.

**10.** ***Саҳифабандӣ ва чопи газета. – Душанбе, 1999. – 140 с.*** Моҳиятан ин китоб таълимӣ мебошад ва дар бораи корҳои техникии рӯзнома маълумот медиҳад. Он дар заминаи таҷрибаву фаъолияти муаллиф дар матбуот ҳамчун котиби масъули нашрия навишта шудааст. Дар ин асар дар бораи хосияти ороишии газета, ҳуруфи матну сарлавҳа, маводи тасвирӣ, ҷузъиёти ороишӣ, ҷузъиёти фосилавӣ, банду басти саҳифа, сохтори мавзуии шумора, марҳила ва усулҳои кор, маводи матн ва амсоли ин сухан меравад, ки бештар хоси кори газета дар замони шуравӣ мебошад.

**11.** ***Асосҳои фаъолияти эҷодии журналист (маводи дарсӣ бо ҳаммуаллифии Д. Давронов, М. Муродов). – Душанбе, 2004. – 128 с.*** Асари мазкур моҳияти таълимӣ дошта, бо ҳаммуаллифӣ таҳия гардидааст ва ба сифати маводи дарсӣ барои донишҷӯёни факултаҳои журналистӣ ва кормандони воситаҳои ахбори умум пешниҳод гардидааст. Ҳамчун китоби дарсӣ бо хосияти маҷмуӣ ва роҳнамоӣ заминаи таълифи дигар китобҳои дарсии ҳамгун дар солҳои минбаъда ба шумор меравад. Дар он дар бораи масъалаҳои назариявии журналистика сухан рафта, эҷоди журналистӣ ва ӯҳдадориҳои касбӣ (объекту субъект, ташкили фаъолият, зинаҳои инкишофи касб, эҷод ҳамчун зуҳуроти иҷтимоӣ, самтҳои асосии фаъолият, фаъолияти фардиву маҷмуӣ ва ғ.) ҳамчун самти алоҳида шарҳ дода шудааст.

12. ***Дастури методии таълифи корҳои дипломӣ барои донишҷӯёни факултаи журналистика ва тарҷумонӣ (ҳаммуаллиф С. Гулов). – Душанбе, 2004. – 10 с.*** Ҳамчун дастури таълимӣ тартибу низоми навиштан ва таҳияи корҳои илмии донишҷӯёнро меомӯзонад. Масъалаҳои усули таҳқиқро барои донишҷӯён баррасӣ менамояд. Навъҳои корҳои дипломӣ (таҳқиқӣ, назарӣ, таърихӣ, эҷодӣ, библиографӣ, тарҷума) ва дигар самтҳои вобаста ба онро фаро гирифтааст.

13. ***Таҳқиқи журналистӣ: аз назария ба амалия (тарҷума). – Душанбе, САҲА, 2004. – 176 с.*** Хусусияти таълимӣ дошта, дар бораи таҳқиқоти журналистӣ ҳамчун жанр ва самти омӯзиши ҳамаҷонибаву амиқи муаммоҳо маълумот медиҳад. Китоб масъалаи баҳсноки таҳқиқотро дар журналистикаи муосир мавриди муҳокимаву тавзеҳ қарор додааст. Дар асар пешниҳоди матлаб бештар дар асоси амалияи соҳа сурат мегирад.

14. ***Таҳқиқоти журналистӣ: Усул ва техникаи муосир (тарҷума). – Душанбе, САҲА, 2004. – 226 с.*** Ҳамчун асари тарҷумашуда хусусияти таълимӣ дошта, дар бораи таҳқиқоти журналистӣ ҳамчун жанр ва самти омӯзиши ҳамаҷонибаву амиқи муаммоҳо маълумот медиҳад. Китоб масъалаи баҳсноки таҳқиқотро дар журналистикаи муосир мавриди муҳокимаву тавзеҳ қарор додааст. Рукнҳо ва унсурҳои журналистикаи пешрафтаи ғарбиро шарҳ медиҳад.

15. ***Пинҳонӣ аз халқ (тарҷума). – Душанбе: САҲА, 2004. – 28 с.*** Масъалаҳои мубрами журналисткаи муосирро дар самти фарогирии ҳақиқат ва озодии баён фаро мегирад. Дастури таълимӣ мебошад.

16. ***Жанрҳои журналистикаи радио. Қисми 2 (ҳаммуаллиф С. Гулов). – Душанбе, 2005. – 72 с.*** Ҳамчун дастури таълимӣ маълумоти мукаммалтарро дар бораи жанрҳои радиоӣ фаро гирифтааст. Бо назардошти рақобати шаклҳои гуногуни ВАО дар он дар бораи жанрҳои нави соҳаи радио маълумот дода мешавад.

**17.** ***Асосҳои журналистикаи телевизион (ҳаммуаллиф М. Шоев). – Душанбе, 2005. – 96 с.*** Дар самти журналистикаи телевизионӣ аз намунаҳои беҳтарини дастури таълимӣ ба шумор меравад. Дар доираи қисматҳои муайян хосияту таъиноти журналистикаи телевизиониро тавзеҳ медиҳад. Ҳамчун бахши аввал ба сифати маводи дарсӣ барои донишҷӯёни ихтисосҳои журналистӣ ва кормандони васоити электронии ахбор мураттаб гардидааст. Дар ин дастури таълимӣ дар бораи масъалаҳои мақоми телевизион дар ҷомеа, сохтори барномаҳои телевизионӣ, таҳлилу таҳқиқ дар телевизион, публитсистикаи телевизионӣ, коммуникатсия ва замони муосир, унсурҳо ва ҷузъиёти маводи телевизионӣ, мавқеи реклама ва амсоли ин мавзуъҳои ба ҳам алоқаманд мураттаб гардидаанд.

**18.** ***Методическая указания для дипломных и курсовых работ (методологическая работа). – Душанбе, 2006. – 12 с.*** Дар асоси тарҷума ҳамчун дастури таълимӣ тартибу низоми навиштан ва таҳияи корҳои илмии донишҷӯёнро меомӯзонад. Масъалаҳои усули таҳқиқро барои донишҷӯён баррасӣ кардааст.

**19.** ***Саҳифабандӣ ва чопи газета. – Душанбе, 2007. – 128 с.*** Моҳиятан ин китоб таълимӣ мебошад ва дар бораи корҳои техникии рӯзнома маълумот медиҳад. Шакли аввали он соли 1999 ба табъ расида, дар ин навбат такмил ёфтааст. Он дар заминаи таҷрибаву фаъолияти муаллиф дар матбуот ҳамчун котиби масъули нашрия навишта шудааст.

**20.** ***Техника и технология средство массовой информации (соавтор Н.Салихов). – Душанбе, 2009. – 244 с.*** Бо ҳаммуаллифӣ навишта шудааст, китоби таълимӣ мебошад ва дар бораи корҳои техникии ВАО ба таври васеътар маълумот медиҳад. Асар бо назардошти таҳаввулоти техникиву инкишофи соҳа баъзе унсурҳои наву ҳамқадами замонро дарбар мегирад. Ба ин монанд чандин асарҳои таълимиву илмии муаллиф то ин замон нашр гардидаанд.

**21.** ***Асосҳои журналистика телевизион (ҳаммуаллиф М. Шоев). – Душанбе, 2010. – 110 с.*** Дастури таълимӣ мебошад, ки дар асоси нашри

қаблӣ бо баъзе ихтисораҳову иловаҳо нашр гардидааст. Дар шарҳи ҳадафи ин дастур навишта шудааст, ки ҳамчун бахши дуввум бо тағйироту иловаҳо ба сифати маводи дарсӣ барои донишҷӯёни ихтисосҳои журналистӣ ва кормандони ВАО пешниҳод мегардад. Дар китоб дар бораи вазифаҳои иҷтимоии журналисти телевизион, таҳияи сенария ва маҳорати касбии журналисти ин соҳа сухан меравад. Дар он дар бораи ҳисобот, мусоҳиба, репортаж, шарҳия, нигориш, сӯҳбат, мусоҳиба, ток-шоу, пресс-конференсия, ҳамчун қолаби жанрҳои телевизионӣ маълумот дода мешавад.

**22.** ***Жанрҳои журналистикаи радио (ҳаммуаллиф С. Гулов). – Душанбе, 2011. – 84 с.*** Дастури таълимӣ мебошад, ки дар асоси нашри қаблӣ бо баъзе ихтисораҳову иловаҳо нашр гардидаанд.

**23.** ***Ташкили хадамоти иттилоотӣ дар ВАО (ҳаммуаллиф С. Гулов). – Душанбе, 2012. – 26с.*** Дар ҳаҷми маҳдуд яке аз аввалин маводҳо дар самти марказҳои хадамоти матбуотӣ ба ҳисоб меравад. Ин асар ба сифати роҳнамо баъдтар боиси таълифи дигар асарҳои таълимӣ дар мавриди марказҳои матбуотӣ гардидааст.

**24.** ***Таҳқиқи журналистӣ (бо ҳаммуаллифии С. Гулов). – Душанбе, 2012. – 28 с.*** Дастури таълимӣ мебошад, ки дар бораи таҳқиқи журналистӣ ба сифати жанри таҳлилӣ маълумот медиҳад.

**25.** ***Маҳорати журналистӣ (машғулияти амалӣ дар студияи таълимии телевизион. Ҳаммуаллиф А. Азимов). – Душанбе, 2013. – 18 с.*** Дарси маҳорат дар журналистика муҳим аст ва дар ин бора А.Саъдулоев чандин дастуру барномаҳои таълимӣ таҳия намудааст. Дар ин дастур тартибу усули кор дар студияи телевизионӣ омӯзонида мешавад.

**26.** ***Русско-таджикский словарь терминов журналистики. – Душанбе, 2013. – 150 с.*** Ин асар дар асоси мавҷудияти истилоҳоти соҳа таҳия гардидааст. Яке аз намунаҳои беҳтарин дар мавриди шарҳи истилоҳоти соҳа ба шумор меравад, ки ба доираи васеи хонандагон нигаронида шудаанд.

## НАМУНАИ БАЪЗЕ АЗ БАРНОМАҲОИ ТАЪЛИМӢ:

1. Программаҳои таълимӣ доир ба назария ва амалияи журналистикаи радио (ҳамроҳи А. Азимов, С. Гулов). – Душанбе, 2000. – 20 с.

2. Программаи таълимии техника ва технологияи васоити ахбори омма (ҳамроҳи С. Гулов, С. Ҳайдаров, М. Шоев). – Душанбе, 2010. – 24 с.

3. Программаҳои таълимӣ доир ба назария ва амалияи журналистикаи телевизион (ҳамроҳи А. Азимов, С. Ҳайдаров, М. Шоев). – Душанбе, 2000. – 32 с.

4. Барномаҳои таълимӣ доир ба назария ва амалияи журналистикаи телевизион (ҳаммуаллиф А. Азимов, С. Гулов, М. Шоев). – Душанбе, 2000. – 32 с.

5. Барномаи таълимӣ доир ба назария ва амалияи журналистикаи радио (ҳаммуаллиф А. Азимов, С. Гулов). – Душанбе, 2000. – 20 с.

6. Барномаи таълимии техника ва технологияи васоити ахбори омма (ҳаммуаллиф С. Гулов, С. Ҳайдаров, М. Шоев). – Душанбе, 2000. – 24 с.

7. Паблик Рилейшенз (PR) (барномаи таълимӣ). – Душанбе, 2004. – 6 с.

8. Асосҳои журналистика (барномаи таълимӣ. Ҳаммуаллиф С. Ҳайдаров, М. Шоев). – Душанбе, 2004. – 6 с.

9. Асосҳои фаъолияти эҷодӣ журналист (ҳаммуаллиф С. Гулов, Д. Давронов). – Душанбе, 2004. –7 с.

10. Асосҳои журналистикаи радио. Барномаи таълимӣ (ҳаммуаллиф С. Гулов, А. Азимов). – Душанбе, 2004. – 7 с.

11. Назария публитсистика ва адабиёт. Барномаи таълимӣ. – Душанбе, 2004. – 5 с.

12. Реклама. Барномаи таълимӣ. – Душанбе, 2004. – 6 с.

13. Таҳқиқи журналистӣ. Барномаи таълимӣ. – Душанбе, 2005. – 10 с.

14. Назарияи журналистикаи хориҷӣ. Барномаи таълимӣ. – Душанбе, 2005. – 6 с.

15. Барномаи «Маҳорати журналистӣ» (ҳаммуаллиф А. Азимов). – Душанбе, 2010. – 14 с.

## ҲАМКОРИҲО БО ВАО

Тавре дар ҷараёни таҳқиқ маълум гардид, А. Саъдуллоев дар журналистикаи амалӣ низ собиқаваү таҷрибаи зиёд дошта, солҳои муайян дар телевизиону матбуот кор кардааст. Дар давоми фаъолияти худ даҳҳо барномаҳои телевизиониро мураттаб намудааст ва муаллифи беш аз 1000 очерку мақолаву фелетонҳо мебошад. Аз миёни 280 мақолаи илмии муаллиф баъеяшон дар маҷаллаҳои илмиву оммавӣ ба нашр расидаанд. Чунин матолиб дар нашрияҳои «Ба қуллаҳои дониш», «Комсомлец Таджикистана», «Комсомоли Тоҷикистон», «Садои шарқ», «Памир», «Газетаи муаллимон», «Мактаби советӣ», «Маданияти Тоҷикистон», «Агитатори Тоҷикистон», «Маориф ва маданият», «Тоҷикистони советӣ», «Адабиёт ва санъат», «Селская жизн», «Коммунист Таджикистана» «Паёми Душанбе», «Ҷавонони Тоҷикистон», «Ҷумҳурият», «Нидои ранҷбар», «Садои мардум», «Омӯзгор», «Ватанпарвар», «Посух», «Гули мурод», «Илм ва ҳаёт», ««Гавҳаршинос, «Фарҳанг», «Чархи гардун», «Маърифат» ва монанди ин ба табъ расидаанд. Ҳачунин даҳҳо мақолаву ёддошту хотироти муаллиф дар маҷмуаҳои зиёд чоп шудаанд, ки хосияти амиқи публитсистӣ доранд.

# ХУЛОСА

Асадулло Саъдуллоев аз худ осори арзишманде боқӣ гузоштааст. Нахустин равзанаву ошёне, ки адибро дар таҳқиқи воқеияти зиндагӣ аз ҳама нигоҳ наздик гардонидааст, ин зиндагии душвори давраи тифливу наврасии А. Саъдуллоев мебошад. Дарди ятимӣ ва азиятҳои давраи ҷанг вазнинтарин имтиҳони ҳаёти ӯ ба шумор меравaнд. Ҳама монеаҳоро бо душвориҳо паси сар намуда, аввалин қадамҳои эҷодиро ҳанӯз аз овони наврасӣ гузоштааст. Доштани дафтари хотирот бо тавсияи падарандар гувоҳи дар замиру ботини ӯ ҷой доштани меҳри сухан мебошад. Таҳсили бомуваффақият дар мактаби миёна, наздик будан ба адабиёту эҷод, таъсири муаллим Шоҳ Ҷобир ва таҳсил дар донишгоҳ роҳи ӯро дар таҳқиқу эҷод хеле барвақт муайян кардааст.

Фаъолияти эҷодӣ ва ҳамкорӣ бо матбуот аз овони донишҷӯӣ оғоз гардида, нашрияҳои «Ба қуллаҳои дониш», «Комсомолец Таджикистана», «Комсомоли Тоҷикистон» аввалин рӯзномаҳое буданд, ки тавассути онҳо нахустматлабҳои адиб ба табъ расидаанд. Чанд соли аввали фаъолият дар телевизион маънои дар ҳама шаклҳои воситаи ахбор маҳорат доштани ӯро дорад. Маводи илмиву оммавии А. Саъдуллоев қариб дар 40 номгӯйи рӯзномаву маҷаллаҳо ба табъ расидаанд, аммо нашрияҳои «Маориф ва маданият» ва «Тоҷикистони советӣ» мактаби асосиву бузурги камол ёфтани ӯ дар соҳаи публитсистика мебошад.

Кишоварзиву пахтакорӣ, боғдориву деҳқонӣ, чорводориву комплекси хоҷагии қишлоқ, адабиёту фарҳанг, нақши занону бонувон дар пешрафти ҷомеа, илму таҳқиқ, таълиму маориф, мактабу боғча, ғолибият дар мусобиқаҳои сотсиалистӣ, расму фарҳангу таомул, қаҳрамониву ватандӯстӣ, васфи сиёсати замон, васфи диловарони майдони меҳнат, театру санъат ва ғайраҳо масъалаву мавзуоти матбуотии муаллиф мебошанд, ки баъзан дар онҳо ҷузъиёти илмӣ низ ба назар мерасанд.

А. Саъдуллоев бо тавсияи дӯстону ҳамкасбон солҳои ҳафтодуми асри гузашта бо донишгоҳ ҳамкориҳоро ба роҳ гузоштааст, ки як сабаби асосии ба таҳқиқ рӯ овардани ӯ низ ба ҳисоб меравад. Университети давлатии Тоҷикистон ба номи В.И. Ленин он муассисаи таълимиест, ки 50 соли умри худро он ҷо гузаронидааст. Фаъолият дар Донишгоҳи Кобули Афғонистон нигоҳи ин муҳаққиқу публитсистро ба зиндагӣ боз ҳам васеътар гардонидааст. Фаъолияти омӯзгорӣ дар ДСРТ ӯро боз ҳам ба ҷаҳони таҳқиқу таълими замонавӣ наздик сохтааст. Дар се донишгоҳи бонуфуз назарияи публитсистика, маҳорати навиштан, услубу сабк, қолабҳои жанрӣ ва забони баён, техникаву технологияи ВАО ва даҳҳои самтҳои дигарро ба ҷавонон омӯзонида тавонистааст.

Публитсистика иборат аз аҷзои муайян аст, ки дар ҳаллу фасл ва таҳқиқи онҳо нақши А. Саъдуллоев хеле бузург аст. Бо назардошти таҳаввулоти ҷомеа вазифаҳои публитсистика дар робита ба системаи таблиғи идеологӣ хеле густурдаву ҳам мушаххас гардидааст. Бо назардошти ин фаҳмиш А. Саъдуллоев давра ба давра шинохти ин соҳаи мустақилгардидаро дар доираи проблемаҳои қолабҳои жанрӣ, сабку услуб, мундариҷаву мавзуъ ва забону шакли баён таҳқиқ намудааст.

Шинохту таҳқиқи ҳар як давраҳои асосии инкишоф ба муҳаққиқ имкон додааст, ки дар заминаи қиёсу ташхисҳои илмӣ махсусиятҳои назарраси равандҳоро маълум намояд. Аз ҷумла, муҳаққиқ қатъи назар аз баъзе омилҳо публитсистикаи солҳои сиюмро омӯхта андеша дорад, ки баланд бардоштани маърифати ҷомеа, танқиди анъанаву хурофоти динии зараровар, муфтхӯрии амирону ҳокимони аморат, сохтмони ҷомеаи нав ва индустриякунонӣ мубрамтарин мавзуъ дар муддати зиёда аз ду даҳсола ба ҳисоб меравад. Гарчанде фармоишӣ будани баъзе мавзуъҳо маълум бошад ҳам, ба андешаи А. Саъдуллоев, ҳар яке аз онҳо дар такомули касбӣ нақш мегузошт ва дар заминаи таҷрибаҳои ҳаёти ҷаҳонбиниҳои маънавии адибонро ғанӣ мегардонид. Эҷод ва мавзуъҳои солҳои сиюмро А. Саъдуллоев инкор намекунад ва ҳатто онро ташаббусу поягузорӣ ҳам медонад, ки инкишофу такомули адабиёти

мустанади муосир баъди солҳои панҷоҳум ба фаъолияти рӯзноманигориву публитсистии адибони тоҷик вобаста аст, ки оғози чунин анъанагузории эҷодӣ солҳои бистуму сиюми асри гузашта ҳисобида мешавад. С. Айнӣ асосгузори ин раванд ва А. Деҳотӣ, Ҷ. Икромӣ, А. Лоҳутӣ, М. Турсунзода, С. Улуғзода ва бисёре аз дигар адибон идомадиҳандагони анъанаи воқеиятнигорӣ ҳисобида мешаванд. Ҳамин тариқ, ба андешаи муҳаққиқ, равандҳои иҷтимоӣ публитсистикаро дар солҳои шастуму ҳаштодум инкишоф дода, дар такомули шахсияти эҷодкорони зиёд мусоидат кардаанд.

Дар мавриди масъалаҳои рушду такомули публитсистика дар оғози солҳои навадум А. Саъдуллоев муносибати худро бо диди нав ба роҳ гузоштааст. Дар ин марҳила ӯ аллакай ба сифати публитсист ва муҳаққиққи публитсистика эътироф гардида, дар ду ҷабҳа фаъол буданаш муҷиби шаклгирии назарияи публитсистикашиносӣ гардидааст. Ҳарчанд баҳогузориҳои муҳаққиқ ба публитсистикаи замони соҳибистиқлолӣ пурра набошад ҳам, ҷузъиёти алоҳидаро идомабахши анъанаҳои гузашта донистааст.

А. Саъдуллоев тавонистааст, ки симои М. Турсунзодаро аз равзанаи дигар муаррифӣ намояд. Аз таҳқиқи А. Саъдуллоев бармеояд, ки фаъолияти ҷамъиятиву сиёсии ин адиби тавоно бидуни публитсистика маъно ҳам надошт. Бо назардошти бисёр паҳлуҳо натиҷагирӣ мегардад, ки М. Турсунзода бо дарки табъу завқи омма сухан гуфта метавонад ва саҳнаҳои зиндагиро аз диди онҳо ба тасвир мегирад. Дар осори публитсистии ин адиб аз эҳсосоти фардии инсон ба зиндагӣ, ба равандҳои ҳаёт, ба муҳиту меҳнат ва муҳаббат сар карда то фикру ақидаҳои аз доираи биниши инсони оддӣ берун бо ороиши баланди бадеиву фалсафӣ инъикос ёфта, хосияти андешапарварӣ пайдо менамоянд. Хулосаи А. Саъдуллоев аст, ки мактаби ҳамаҷонибаи ҳаёт нигоҳи адибро ба гузашти вақт амиқ гардонида, мавқеи иҷтимоии ӯро баланд гардонидааст. Шаҳомати факт ҳеҷ гоҳ адибро мафтун намесозанд ва ташхиси моҳияти он дар заминаи нигоҳи эҷодкорона ин

шаҳоматро бештар нишон додаанд. Ба андешаи муҳаққиқ А. Саъдуллоев, маҳорат мушоҳидаву эҷод аст, ки дарунмояи факт ин адиби бузургро бештар муваффақ гардонидааст. Андешаи возеҳи А. Саъдуллоев аст, ки очерку лавҳа ва ҳикояҳои солҳои сиюми нависанда, воқеаву ҳодисаҳои тасвиркардаи ӯ ба фактҳои хурд не, балки ба воқеаҳои муҳимми ҳаёт, ба афкори одамони гуногун такя мекунанд. Дар остонаи фаъолият чунин қобилияту дарку идрок доштан бори дигар адиби иҷтимоӣ будани М. Турсунзодаро собит менамояд.

Асадулло Саъдуллоев соли 1978 дар мавзуи «Публитсистикаи Мирзо Турсунзода» рисолаи номзадӣ ва соли 1996 дар мавзуи «Ташаккули насри мустанади тоҷик» рисолаи докторӣ ҳимоя кардааст. Ҳар он таҳқиқе, ки А. Саъдуллоев анҷом додааст, дар ҳошияи он ҳатман дастуру китобҳои таълимӣ таҳия гардидаанд. Чунончи, асарҳои «Горизонты публицистики», «Жанрҳои таҳлилии матбуот», «Жанрҳои журналистикаи радио», «Асосҳои журналистикаи телевизион» (2 қисм), «Асосҳои фаъолияти эҷодии журналист», «Саҳифабандӣ ва чопи газета», «Муаммоҳои назарияи публитсистика», «Техника и технология СМИ», «Эссе», «Очерк: генезис, развитие и современное состояние» ва ғайра аз он воситаҳову дастурҳои таълимие мебошанд, ки дар доираи таҳқиқҳои муаллиф рӯидаанд.

Мавсуф ҳеҷ гоҳ нусхабардор набуд ва ҳама таълифоташ дар заминаи донишҳову ҷустуҷӯву мутолиаҳои пайваста шакл мегирифтанд ва ба қавле «ҷомаи миллӣ» пӯшидаанд. Дар баробари асарҳои сирф таълимиву дарсӣ ҳама таҳқиқҳои муаллиф хосияти оммавию омӯзандагӣ доранд. Асадулло Саъдуллоев роҷеъ ба рӯзгор ва осори адибони машҳур Садриддин Айнӣ, Аркадий Гайдар, Расул Ғамзатов, Ғафур Ғулом, Мирзо Иброҳимов, Муъмин Қаноат, Абулқосим Лоҳутӣ, Константин Симонов, Николай Тихонов ва дигарон таҳқиқот анҷом додаву шахсият ва моҳияти осорашонро барои хонандаи тоҷик аз саҳифаҳои рӯзномаву маҷаллаҳо бозгӯӣ кардааст.

Дар таҳқиқи публитсистикаву журналистика профессор А. Саъдуллоев соҳибмактаб аст ва таҳти роҳнамоии ӯ 15 нафар рисолаҳои илмӣ дифоъ кардаанд. Аз таҳқиқи шогирдони ин мактаби илмӣ чунин хулоса бармеояд, ки аллакай аз мактаби таҳқиқ шохаҳои нав ба вуҷуд омада, даҳҳо нафар дар ин замина рисолаҳои илмӣ дифоъ кардаанд. Дар доираи ин мактаб (таҳқиқи публитсистикаву журналистика) масъалаҳои жанрӣ, хосияти сабкиву услубӣ, масъалаҳои таърихӣ, офариниши симову тасвиргароиҳо, образ ва образофаринӣ, самтҳои мундариҷавию мавзуӣ, тавозуни бадеияту воқеият ва чандин паҳлуҳои дигари марбут ба журналистикаву публитсистика мавриди ҳаллу фасл қарор гирифтаанд.

Фаъолияти гуногунпаҳлуи илмиву таълимиву публитсистии А. Саъдуллоевро намунаи асарҳои чопшудааш собит менамоянд. Шумораи умумии чунин осори А. Саъдуллоев беш аз 60 ададро ташкил медиҳад.

Дар умум, аз таҳқиқи мавзуъ ба чунин **хулосаҳо** расидан мумкин аст:

1. Матбуот мактаби асосии тарбияи А. Саъдуллоев дар ҳамаи самтҳои эҷод мебошад ва то охири умр ба он содиқ мондааст [1-М; 5-М].

2. Бо амалия пайванд доштан як хусусияти умдаи таҳқиқоти илмии А. Саъдуллоев аст ва мавсуф дар чандин расонаҳо фаъолияту ҳамкорӣ намудааст [1-М; 7-М].

3. Аввалин асари илмии А. Саъдуллоев дар нашрияи «Маориф ва маданият» солҳои шастуми асри гузашта ба нашр расидааст, ки тақризи публитсистӣ ба ҳисоб меравад [3-М].

4. Дар ҳар нашри осори дубора нашргардидаи муҳаққиқ иловаю ихтисор ва таҳриру такмил ба назар мерасад [1-М; 6-М].

5. Як хосияти эҷоди илмиву таълимии А. Саъдуллоев он аст, ки он барои дигар пажуҳишҳову асарҳои таълимӣ роҳ кушодааст [5-М].

6. А. Саъдуллоев ҳамчун мунаққид бо навиштани тақризҳои зиёд дар муаррифӣ кардани симои адибони гуногун хидмат намудааст [2-М; 4-М].

7. Таълифи зиёда аз 280 мақолаи илмӣ гувоҳи олими сермаҳсули соҳа будани ӯ мебошад [1-М].

8. А. Саъдуллоев дар нақди адабӣ хеле фаъол буда, даҳҳо тақризҳову мақолаҳояш дар маҷаллаҳо, аз ҷумла маҷаллаи «Садои Шарқ», маҷмуаҳои илмӣ ва нашрияҳо ба нашр расидаанд [3-М; 4-М].

9. Асарҳои «Публитсистикаи Турсунзода», «Жанрҳои таҳлилии матбуот», «Ҳамосаи инсони кор», «Хосияти адабиёт», «Рангҳои зиндагӣ», «Наҷвои наҷотофарин», «Горизонты публицистики», «Эссе. Размышления о некоторых аспектах жанра и его эволюции», «Очерк: генезис, развитие и современное состояние», «Агар сухан коргар шавад», «Муаммои назарияи публитсистика», ки солҳои гуногун таълиф шудаанд, хосияти таҳқиқӣ доранд [6-М].

10. Дар асоси асарҳои «Публитсистикаи Турсунзода» ва «Хосияти адабиёт» чандин самтҳои таҳқиқи илмӣ шакл пайдо кардаанд [3-М; 6-М].

## ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚ

1. Диссертатсия дар оянда метавонад барои таҳқиқу таҳлили осори дигар муҳаққиқони публитсистика имкон фароҳам орад.

2. Тавассути таҳлили мавзуӣ ва мундариҷавӣ метавон ба шинохти хусусиятҳои таҳқиқоти публитсистикашиносон даст ёфт.

3. Матолиби диссертатсия метавонад барои таҳлили маҳорат ва шинохти лабораторияи илмии муҳаққиқони публитсистика ва насри мустанад, саҳми онҳо дар таҳқиқу баррасии илмии фаъолияти публитсистон мусоидат кунад.

4. Маводи таҳқиқи мазкурро метавон дар таҳияи роҳнамову дастурҳо барои журналистону публитсистон истифода бурд.

5. Диссертатсия метавонад дар баррасии масъалаҳои эҷодӣ, тарбияи ахлоқиву маънавии публитсистони оянда, эҳтиром ба арзишҳои умумибашариву умумимиллӣ, ҳисси инсондӯстӣ, зебоипарастӣ ва ғайра таъсир гузорад.

6. Диссертатсияро метавон дар самти публитсистикашиносии тоҷик, такомули жанри очерк, рушду маҳорати нигорандагӣ, нақш ва аҳаммияти он дар алоқамандии воқеияти иҷтимоӣ ва инкишофи ҷомеаи муосир истифода бурд.

7. Диссертатсия ба мунаққидону муҳаққиқон, пажуҳишгарон, публитсистон, кормандони ВАО, омӯзгорон ва донишҷӯён маводи назариву амалӣ дода метавонад.

# РӮЙХАТИ АДАБИЁТ

## А) РӮЙХАТИ АДАБИЁТИ ИСТИФОДАШУДА

### I. Монографияҳо, китобҳои дарсӣ, васоити таълимӣ:


1. Абдуллаев, М.А. Идеи национального самознание в таджикской публицистики XX века [Текст] / М.А. Абдуллаев. – Душанбе: РТСУ, 2011. – 111 с.
2. Азимов, А. Публитсистика ва воқеият [Матн] / А. Азимов. – Душанбе, 2020. – 143 с.
3. Бозоров, Н. Сафарноманигорӣ воқеиятнигорист [Матн] / Н. Бозоров. – Душанбе, 2018. – 320 с.
4. Гулмуродзода, П. Публицистика и время [Текст] / П. Гулмуродзода. – Душанбе: Сино, 2002. – 128 с.
5. Гулназар, К. Адибони Тоҷикистон (маълумотнома) [Матн] / К. Гулназар. – Душанбе: Адиб, 2002. – 735 с.
6. Гулов, С. Махсусияти очерки муосир [Матн] / С. Гулов. – Душанбе, 2012. – 136 с.
7. Гуревич, С.М. «Газета»: Вчера, сегодня, завтра [Текст]: учебное пособие для вузов / С.М. Гуревич. – М.: Аспект Пресс, 2004. – 208 с.
8. Имомов, М. Маънавият ва нақши зоҳир [Матн] / М. Имомов. – Душанбе, 2000. – 187 с.
9. Қутбиддинов, Б. Домани наср [Матн] / Б. Қутбиддин. – Душанбе, 2011. – 96 с.
10. Кучарова, Н. Публисистикаи Абдулаҳмид Самадов [Матн] / Н. Кучарова. – Душанбе, 2016. – 192 с.
11. Мирзоалӣ, С. Хабар: аз машриқ то мағриб [Матн] / С. Мирзоалӣ. – Душанбе: Аржанг, 2009. – 196 с.
12. Раҳмонзода, А. Ҳаёт, адабиёт, воқеият [Матн]: китоби якум / А. Рҳмонзода – Душанбе: ЭР-Граф, 2019. – 388 с.
13. Муким, Дж. Радио: «Свобода»: Ложь и правда [Текст] / Дж. Муким. – Душанбе: Деваштич, 2005. – 180 с.

14. Муллоев, Ш. Жанрово-тематическое своеобразие таджикской публицистики времен Великой Отечественной Войны (1941-1945) [Текст] / Ш. Муллоев. – Душанбе, 2015. – 302 с.
15. Муллоев, Ш.Б. Вклад Асадулло Саъдуллоева в науки журналистики Таджикистана [Текст] / Ш. Муллоев. – Душанбе: РТСУ, 2023. – 68 с.
16. Муродов, М. Аз замон то замон [Матн] / М. Муродов. – Душанбе: Шуҷоъ, 2010. – 248 с.
17. Муродов, М. Метод ва методологияи таҳқиқи илмӣ [Матн] / М. Муродов. – Душанбе, 2019. – 160 с.
18. Нуралиев, А., Саъдуллоев, А., Усмонов, И., Гулмуродов, У. Журналистикаи советии тоҷик [Матн] / А. Нуралиев, А. Саъдуллоев, И. Усмонов, У. Гулмуродов. – Душанбе, 1989. – 173 с.
19. Нурализода, Н. Машъали маориф [Матн] / Н. Нурализода. – Душанбе, 2022. – 170 с.
20. Олимӣ, Х. Поэтикаи фазо ва вақти бадеӣ дар «Наводирулвақоеъ»-и Аҳмади Дониш [Матн] / Х. Олимӣ. – Душанбе, 2006. – 92 с.
21. Орипова, М. Жанрова мозаика на ТВ (по материалам независемых телекомпаний РТ) [Текст] / М. Орипова. – Душанбе, 2008. – 72 с.
22. Раҳмонова, Ҷ. Воқеият ва публитсистикаи Мутеулло Наҷмиддинов [Матн] / Ҷ. Раҳмонова. – Душанбе, 2010. – 64 с.
23. Садуллаев, А. Эссе. Размышление о некоторых аспектах жанра и его эволюции [Текст] / А. Саъдуллоев. – Душанбе: Адиб, 2010. – 116 с.
24. Салимзода, О. Публитсистикаи Мирзо Ҷалол Юсуфзода [Матн] / О. Салимзода. – Душанбе: Адиб, 2007. – 138 с.
25. Саъдулло, А. Бомдоди шубоб [Матн] / А. Саъдулло. – Душанбе, 1994. – 144 с.
26. Саъдуллоев, А. Публитсистикаи Турсунзода [Матн] / А. Саъдуллоев. – Душанбе: Адиб, 1988. – 112 с.
27. Саъдуллоев, А. Хосияти адабиёт [Матн] / А. Саъдуллоев. – Душанбе, 2000. – 256 с.

28. Солеҳов, Н., Саъдуллоев, А. Муаммои назария публитсистика [Матн] / Н. Солеҳов, А. Саъдуллоев. – Душанбе, 2015. – 182 с.
29. Усмонов, И.К. Назаре ба таҳқиқот дар соҳаи журналистика [Матн] / И.К. Усмонов. – Душанбе: Эҷод, 2008. – 64 с.
30. Усмонов, И.К. Назарияи публитсистика [Матн] / И.К. Усмонов. – Душанбе, 1999. – 99 с.
31. Усмонова, Н. Оҳанги публитсистии романи Ҷумъа Одина «Гузашти айём» [Матн] / Н. Усмонова. – Душанбе, 2012. – 144 с.
32. Шукуров, М. Паҳлуҳои тадқиқи бадеӣ [Матн] / М. Шукуров. – Душанбе: Ирфон, 1976. – 271 с.
33. Хоҷазод, С. Донишномаи радио ва телевизиони / С. Хоҷазод. – Душанбе: Шуҷоиён, 2009. – 900 с.
34. Хоҷазод, С. Таърихи телевизиони Тоҷикистон / С. Хоҷазод. – Душанбе, 2007. – 288с.
35. Ҷураева, М. Ҷилои ситораҳои телевизион / М. Ҷураева. – Душанбе, 2003. – 157с.

**II. Мақолаҳои илмӣ ва маърузаҳо:**

36. Абдуллаев, М., Муллоев, Ш.Б. Слово о настояшем человеке [Текст] / М. Абдуллаев, Ш.Б. Муллоев // Устоди устодон (меҳрнома ба ифтихори 75-солагии профессор А. Саъдуллоев). – Душанбе, 2015. – С. 136-140.
37. Абдусаттор, А., Нуралӣ, С. Инсон, олим ва муҳаққиқ [Матн] / А. Абдусаттор, С. Нуралӣ / Устоди устодон (меҳрнома ба ифтихори 75-солагии профессор А. Саъдуллоев). – Душанбе, 2015. – С. 106-110.
38. Абдусаттор, М. Орзуҳои ҷавонӣ [Матн] / М. Абдусаттор // Устоди устодон (меҳрнома ба ифтихори75-солагии профессор А. Саъдуллоев). – Душанбе, 2015. – С. 98-103.
39. Азимов, А. Соҳиби сухан ва эҷод [Матн] / А. Азимов // Устоди устодон (меҳрнома ба ифтихори 75-солагии профессор А. Саъдуллоев). – Душанбе, 2015. – С. 68-70.

40. Азимов, А., Гулов, С., Шоев, М. Суханро зеваре ҷуз ростӣ нест [Матн] / А. Азимов, С. Гулов, М. Шоев // Гавҳаршинос (маҷмуаи мақолаҳо). – Душанбе: Адиб, 2001. – С. 3-25.
41. Бозорзода, Н. Даргоҳи муқаддас [Матн] / Н. Бозорзода // Омӯхтану афрӯхтан (маҷмуи очеркҳои таърихӣ, мақолаҳо ва хотираҳо бахшида ба 30-солагии факултети журналистика). – Душанбе, 2022. – С. 72-90.
42. Гулов, С. Ба муроди мардумон [Матн] / С. Гулов // Наҷвои наҷотофарин. – Душанбе, 2008. – С. 4-9.
43. Гулов, С. Натавонам тасвири сурату сирати устод бикунам [Матн] / С. Гулов // Нақши публитсистика дар шароити ҷаҳонишавӣ (бахшида ба 80-солагии профессор Асадулло Саъдуллоев). – Душанбе: 2020. – С. 48-50.
44. Гулов, С. Факултети журналистика – фарзанди замони истиқлол [Матн] / С. Гулов // Омӯхтану афрӯхтан (маҷмуи очеркҳои таърихӣ, мақолаҳо ва хотираҳо бахшида ба 30-солагии факултети журналистика). – Душанбе, 2022. – С. 58-63.
45. Гулов, С., Қутбиддинов, А. Ҳокимияти сухан [Матн] / С. Гулов, А. Қутбиддинов // Журналистикаи байналхалқӣ – VII (маҷмуаи мақолаҳо). – Душанбе, 2015. – С. 24-29.
46. Ғулом, Ҳ. Санги хоро [Матн] / Ҳ. Ғулом // Устоди устодон (меҳрнома ба ифтихори75-солагии профессор А. Саъдуллоев). – Душанбе, 2015. – С. 83-91.
47. Давронов, Д. Мукофоти амал [Матн] / Д. Давронов // Гавҳаршинос (Очерки ҳаёт ва фаъолияти доктори илми филология, профессор Асадулло Саъдуллоев). – Душанбе: Адиб, 2001. – С. 60-65.
48. Ёқубов, Ҷ. Донишманди ҳамадон [Матн] / Ҷ. Ёқубов // Устоди устодон (меҳрнома ба ифтихори 75-солагии профессор А. Саъдуллоев). – Душанбе, 2015. – С. 196-199.

49. Зафар, А. Зиҳӣ, устод [Матн] / А. Зафар // Устоди устодон (меҳрнома ба ифтихори 75-солагии профессор А. Саъдуллоев). – Душанбе, 2015. – С. 215-218.
50. Имомзода, М. Пайғоми дӯст [Матн] / М. Имомзода // Устоди устодон (меҳрнома ба ифтихори 75-солагии профессор А. Саъдуллоев). – Душанбе, 2015. – С. 56-59.
51. Имомзода, М. Устоду раҳнамои журналистон [Матн] / М. Имомзода // Нақши публитсистика дар шароити ҷаҳонишавӣ (бахшида ба 80-солагии профессор Асадулло Саъдуллоев). – Душанбе, 2020. – С. 6-12.
52. Исмоилзода, З. Сарсухани мураттиб [Матн] / З. Исмоилзода // Нақши публитсистика дар шароити ҷаҳонишавӣ (бахшида ба 80-солагии профессор Асадулло Саъдуллоев). – Душанбе, 2020. – С. 4-9.
53. Камолиддинов, Б. Олим, омӯзгор ва рӯзноманигори пуркор [Матн] / Б. Камолиддинов // Устоди устодон (меҳрнома ба ифтихори 75-солагии профессор А. Саъдуллоев). – Душанбе, 2015. – С. 68-70.
54. Кароматуллоҳи, М. Номаҳо ва боз номаҳо [Матн] / М. Кароматуллоҳи // Устоди устодон (меҳрнома ба ифтихори 75-солагии профессор А. Саъдуллоев). – Душанбе, 2015. – С. 71-76.
55. Кучаров, А. Фарзанди падар [Матн] / А. Кучаров // Устоди устодон (меҳрнома ба ифтихори 75-солагии профессор А. Саъдуллоев). – Душанбе, 2015. – С. 103-106.
56. Кучарова, Н. Ҳамсоли иҷлосияи тақдирсоз [Матн] / Н. Кучарова // Омӯхтану афрӯхтан (маҷмуи очеркҳои таърихӣ, мақолаҳо ва хотираҳо бахшида ба 30-солагии факултети журналистика). – Душанбе, 2022. – С. 170-176.
57. Қосимова, М. Кӯш то халқро ба кор оӣ [Матн] / М. Қосимова // Гавҳаршинос (Очерки ҳаёт ва фаъолияти доктори илми филология, профессор Асадулло Саъдуллоев). – Душанбе: Адиб, 2001. – С. 49-53.
58. Қутбиддин, Б. Қолабшикани сабку услуб [Матн] / Б. Қутбиддин // Нақши публитсистика дар шароити ҷаҳонишавӣ (бахшида ба 80-

солагии профессор Асадулло Саъдуллоев). – Душанбе, 2020. – С. 38-42.

59. Қутбиддинов, А.Ҳ. (бо ҳаммуаллифӣ) Насри мустанад дар таҳқиқи А. Саъдуллоев [Матн] / А.Ҳ. Қутбиддинов (бо ҳаммуаллифӣ) // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – 2022. – №6. – С. 239-247.

60. Саъдуллоев, А. Ба суйи шоҳроҳ [Матн] / А. Саъдуллоев // Меваи истиқлол (маҷмуаи мақолаҳо). – Душанбе, 2006. – С. 3-5.

61. Муқим, Ҷ. Устоди ман публитсист [Матн] / Ҷ. Муким // Устоди устодон (маҷ. мақ). – Душанбе. – С. 126-131.

62. Муқим, Ҷ. 30 соле, ки гузашт [Матн] / Ҷ. Муким // Омӯхтану афрӯхтан (маҷмуи очеркҳои таърихӣ, мақолаҳо ва хотираҳо бахшида ба 30-солагии факултети журналистика). – Душанбе, 2022. – С. 63-69.

63. Муқим, Ҷ. Радиои Би-Би-Си: дирӯз ва имрӯз [Матн] / Ҷ. Муким. – Душанбе, 2006. – 169 с.

64. Муқимов, М. Радиои ВВС дар Ҷанги дуюми ҷаҳон [Матн] / М. Муқимов // Меваи истиқлол (маҷмуаи мақолаҳо). – Душанбе, 2006. – С. 3-11.

65. Муқимов, М. Устоди ман устоди устодҳо [Матн] / М. Муқимов // Накши публитсистика дар шароити ҷаҳонишавӣ (бахшида ба 80-солагии профессор Асадулло Саъдуллоев). – Душанбе, 2020. – С. 18-25.

66. Муқимов, Ҷ. Расонаҳои ҷаҳонии тарғиботии ИМА [Матн] / Ҷ. Мукимов // Меваи истиқлол (маҷмуаи мақолаҳо). – Душанбе, 2021. – С. 3-9.

67. Муродӣ, М. Публитсистика дар таҳқиқи А. Саъдуллоев [Матн] / М. Муродӣ // Нақши публитсистика дар шароити ҷаҳонишавӣ (бахшида ба 80-солагии профессор А. Саъдуллоев). – Душанбе, 2020. – С. 25-37.

68. Муродӣ, М. Роҳбар агар набудӣ [Матн] / М. Муродӣ // Гавҳаршинос (очерки ҳаёт ва фаъолияти доктори илми филология, профессор Асадулло Саъдуллоев). – Душанбе: Адиб, 2001. – С. 82-83.
69. Мухтор, А. Ҳамтақдир [Матн] / А. Мухтор // Гавҳаршинос (Очерки ҳаёт ва фаъолияти доктори илми филология, профессор Асадулло Саъдуллоев). – Душанбе: Адиб, 2001. – С. 51-55.
70. Нуралиев, А. Аз ӯ ифтихор дорам [Матн] / А. Нуралиев // Гавҳаршинос (Очерки ҳаёт ва фаъолияти доктори илми филология, профессор Асадулло Саъдуллоев). – Душанбе: Адиб, 2001. – С. 56-59.
71. Шарифов, Р. Мӯри донакаш [Матн] / Р. Шарифов // Устоди устодон (меҳрнома ба ифтихори75-солагии профессор А. Саъдуллоев). – Душанбе, 2015. – С. 76-83.
72. Раҳмон, Э. Мирзо Турсунзода – шоири бузург ва арбоби барҷастаи ҷамъиятӣ [Матн] / Э. Раҳмон // Турсунзода дар ёдҳо (ёдбуд, хотира ва шеърҳо). – Душанбе: Адиб, 2011. – С. 14-19.
73. Раҳмонова, Ҷ. Бузургустоде дар ҷодаҳо [Матн] / Ҷ. Раҳмонова // Устоди устодон (меҳрнома ба ифтихори 75-солагии профессор А. Саъдуллоев). – Душанбе, 2015. – С. 181-189.
74. Раҷаб, М. Ба рӯйи ӯ дари ранҷ бозу аз бадӣ баста буд [Матн] / М. Раҷаб // Устоди устодон (меҳрнома ба ифтихори 75-солагии профессор А. Саъдуллоев). – Душанбе, 2015. – С. 92-93.
75. Саид, Н. Муҳаққиқи суханшинос ва устоди соҳибмактаб [Матн] / Н. Саид // Нақши публитсистика дар шароити ҷаҳонишавӣ (бахшида ба 80-солагии профессор Асадулло Саъдуллоев). – Душанбе, 2020. – С. 12-18.
76. Сафарова, М. Пайванди назария ва амалия [Матн] / М. Сафарова // Нақши публитсистика дар шароити ҷаҳонишавӣ (бахшида ба 80-солагии профессор Асадулло Саъдуллоев). – Душанбе, 2020. – С. 81-86.

77. Саъдуллоев, А. Аз дида ба дил рафта [Матн] / А. Саъдуллоев // Турсунзода дар ёдҳо (ёдбуд, хотира ва шеърҳо). – Душанбе: Адиб, 2011. – С. 329-335.
78. Саъдуллоев, А. Бо чашми хирад бин [Матн] / А. Саъдуллоев // Тоҷикистони советӣ. – 1969. – 10 декабр.
79. Саъдуллоев, А. Дар шоҳроҳи сухан [Матн] / А. Саъдуллоев // Садои шарқ. – 1996. – №5-8. – С. 91-98.
80. Саъдуллоев, А. Жанри нав, ё падидаи замон [Матн] / А. Саъдуллоев // Наҷвои наҷотофарин (маҷмуаи мақолаҳо). – Душанбе, 2008. – С. 72-74.
81. Саъдуллоев, А. Илм-дастгири истеҳсолот [Матн] / А. Саъдуллоев // Тоҷикистони советӣ. – 1969. – 25 май. – №6. – С. 4.
82. Саъдуллоев, А. Инсон изат дорад [Матн] / А. Саъдуллоев // Маориф ва маданият. – 1965. – 19 октябр. – №8. – С. 6.
83. Саъдуллоев, А. Истеъдод парвариш мехоҳад [Матн] / А. Саъдуллоев // Матбуоти муосири тоҷик: пешомад ва проблемаҳо (маҷмуаи мақолаҳо). – Душанбе, 1998. – С. 33.
84. Саъдуллоев, А. Камоли истеъдод [Матн] / А. Саъдуллоев // Маориф ва маданият. – 1966. – 8 январ. – №3. – С. 5.
85. Саъдуллоев, А. Личность [Текст] / А. Саъдуллоев // Муким Дж. Радио: «Свобода»: Ложь и правда. – Душанбе: Деваштич, 2005. – С. 93.
86. Саъдуллоев, А. Марди ҳазорфарзанд [Матн] / А. Саъдуллоев // Маориф ва маданият. – 1966. – 1 феврал. – №8. – С. 4.
87. Саъдуллоев, А. Маърифатнокӣ-шарти аввал [Матн] / А. Саъдуллоев // Тоҷикистони советӣ. – 1970. – 6 феврал. – №3. – С. 8.
88. Саъдуллоев, А. Меҳри Ватан [Матн] / А. Саъдуллоев // Маориф ва маданият. – 1967. – 28 март. – №7. – С. 8.
89. Саъдуллоев, А. Моҳпарӣ [Матн] / А. Саъдуллоев // Тоҷикистони Советӣ. – 1973. – 9 июн. – №4. – С. 6.

90. Саъдуллоев, А. Нависанда ва деҳот [Матн] / А. Саъдуллоев // Тоҷикистони советӣ. – 1972. – 30 ноябр. – №2. – С. 4.
91. Саъдуллоев, А. Одаму либос [Матн] / А. Саъдуллоев // Тоҷикистони советӣ. – 1974. – 31 декабр. – №7. – С. 8.
92. Саъдуллоев, А. Панди воқеият [Матн] / А. Саъдуллоев // Меваи истиқлол (маҷмуаи мақолаҳо). – Душанбе, 2006. – С. 23.
93. Саъдуллоев, А. Садои абадият [Матн] / А. Саъдуллоев // Маориф ва маданият. – 1967. – 19 сентябр. – №10. – С. 4.
94. Саъдуллоев, А. Сайри адабиёти тоҷик [Матн] / А. Саъдуллоев // Тоҷикистони советӣ. – 1971. – 8 декабр. – №8. – С. 4.
95. Саъдуллоев, А. Сиришти сухани чопӣ [Матн] / А. Саъдуллоев // Наҷвои наҷотофарин (маҷмуаи мақолаҳо). – Душанбе, 2008. – С. 45-51.
96. Саъдуллоев, А. Со временем сверяя шаг [Текст] / А. Саъдуллоев // Душанбе: Адиб, 2003. – С. 85-109.
97. Саъдуллоев, А. Соҳибдил [Матн] / А. Саъдуллоев // Тоҷикистони советӣ. – 1968. – 6 октябр. – №8. – С. 7.
98. Саъдуллоев, А. Труженики [Текст] / А. Саъдуллоев // Комсомолец Таджикистана. – 1961. – 4 октябр. – №7. – С. 4.
99. Саъдуллоев, А. Тӯҳфа [Матн] / А. Саъдуллоев // Маориф ва маданият. – 1968. – 25 апрел. – №9. – С. 7.
100. Саъдуллоев, А. Шона ба шона, ёла ба ёла [Матн] / А. Саъдуллоев // Истиқлолият ва журналистикаи муосир (маҷмуаи мақолаҳо). – Душанбе: Аржанг, 2006. – С. 19-25; Садои шарқ. – 2006. – №3. – С. 7-10.
101. Солеҳов, М. Тан якеву чандин дониш [Матн] / М. Солеҳов // Гавҳаршинос (Очерки ҳаёт ва фаъолияти доктори илми филология, профессор Асадулло Саъдуллоев). – Душанбе: Адиб, 2001. – С. 75-77.
102. Табаров, Н. Асадулло-дӯсти ман [Матн] / Н. Табаров // Устоди устодон (меҳрнома ба ифтихори 75-солагии профессор А. Саъдуллоев). – Душанбе, 2015. – С. 65.

103. Усмонов, И. Паёми дӯст [Матн] / И. Усмонов // Гавҳаршинос (Очерки ҳаёт ва фаъолияти доктори илми филология, профессор Асадулло Саъдуллоев). – Душанбе: Адиб, 2001. – С. 26-31.
104. Усмонов, И.К. Журналистика. Ҷилди 4 [Матн] / И.К. Усмонов // Маҷмуаи мақолаҳо. – Душанбе, 2011. – С. 61.
105. Усмонова, Н. Боргоҳи муқаддас [Матн] / Н. Усмонова // Омӯхтану афрӯхтан (маҷмуи очеркҳои таърихӣ, мақолаҳо ва хотираҳо бахшида ба 30-солагии факултети журналистика). – Душанбе, 2022. – С. 137-142.
106. Худойдодов, Б. Мавзуи байналхалқӣ, дӯстии халқҳои СССР ва интернатсионализм дар назми советии тоҷик [Матн] / Б. Худойдодов // Ҳаёт, қаҳрамон ва адабиёт. Китоби 4. – Душанбе: Ирфон, 1977. – С. 253-259.
107. Ҳайдаров, С. Доим дар паҳлуи мо бошед, устод [Матн] / С. Ҳайдаров // Устоди устодон (меҳрнома ба ифтихори 75-солагии профессор А. Саъдуллоев). – Душанбе, 2015. – С. 155-163.
108. Ҳайдаров, С. Сӣ гоми устувор [Матн] / С. Ҳайдаров // Омӯхтану афрӯхтан (маҷмуи очеркҳои таърихӣ, мақолаҳо ва хотираҳо бахшида ба 30-солагии факултети журналистика). – Душанбе, 2022. – С. 114.
109. Ҳайдаров, С., Бобоев, Д. Публитсистикаи мақосиди олӣ [Матн] / С. Ҳайдаров, Д. Бобоев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – 2019. – №7. – С. 287-293.
110. Ҳамидиён, М.А. Саъдуллоев – публитсист [Матн] / М. Ҳамидиён // Нақши публитсистика дар шароити ҷаҳонишавӣ (бахшида ба 80-солагии профессор Асадулло Саъдуллоев). – Душанбе, 2020. – С. 69-81.
111. Шарифов, Р. Мӯри донакаш [Матн] / Р. Шарифов // Устоди устодон (меҳрнома ба ифтихори 75-солагии профессор А. Саъдуллоев). – Душанбе, 2015. – С. 78.

112. Шарҳи ҳоли профессор Асадулло Саъдуллоев [Матн] / Мураттиб ва муҳаррири масъул: И. Ҳамидов // Устоди устодон (меҳрнома ба ифтихори 75-солагии профессор А. Саъдуллоев). – Душанбе, 2015. – С. 5-9.
113. Шоев, Э. Нафаре аз хатми даҳ [Матн] / Э. Шоев // Гавҳаршинос (Очерки ҳаёт ва фаъолияти доктори илми филология, профессор Асадулло Саъдуллоев). – Душанбе: Адиб, 2001. – С. 66-74.
114. Муродӣ, М. Факултети ман // Омӯхтану афрӯхтан (маҷмуи очеркҳои таърихӣ, мақолаҳо ва хотираҳо бахшида ба 30-солагии факултети журналистика). – Душанбе, 2022. – С. 34-50.

**III. Диссертатсия ва авторефератҳо:**

115. Абдулхай, О. Отображение культурных связей Таджикистана и Афганистана в печати (1991-2011) [Текст]: автореф. дис... канд. филол. наук: 10.01.10 / Абдулхай Ором. – Душанбе, 2012. – 24 с.
116. Исмоилзода, З. Оҳанги иҷтимоӣ дар публитсистикаи муосир [Матн]: автореф. дис... номз. илм. филол.: 10.01.10 / Исмоилзода Зинатулло. – Душанбе, 2019. – 22 с.
117. Хамидов, И.И. Место корпоративной прессы в современной таджикской прессы [Текст]: автореф. дис... канд. филол. наук: 10.01.10 / Хамидов Илхомджон Иномович. – Душанбе, 2010. – 24 с.
118. Ҳайдаров, С.Б. Бобоҷон Ғафуров – публитсист [Матн]: дис... номз. илм. фил.: 10.01.10 / Ҳайдаров Саъдулло Бахриевич. – Душанбе, 1998. – 168 с.
119. Шоев, М. Хусусиятҳои ғоявию мавзуии очеркҳои Фазлиддин Муҳаммадиев [Матн]: дис... номз. илм. филол.: 10.01.10 / Шоев Маҳмудхон. – Душанбе: ДМТ, 2003. – 165 с.
120. Якубов, Дж.Н. Журналистика и экология: проблемы и переспективы [Текст]: автореф. дис... канд. филол. наук: 10.01.10 / Якубов Джамолиддин Нуриддинович. – Душанбе, 2009. – 24 с.

121. Сафарова, М.А. Телевидение и его психологическое влияние на общественное мнение (на примере государственных телевизионных каналов Таджикистана): дис… канд. филол. наук: 10.01.10 [Текст] / Сафарова Мохира Амиралиевна. – Душанбе, 2016. – 146 с.
122. Эшматов, З.А. Становление и развитие таджикского телевидения (на примере Первого канала таджикского телевидения): автореф. дис… канд. филол. наук: 10.01.10 / Эшматов Зафарджон Аскарович. – Душанбе, 2016. – 25 с.

## Б) РӮЙХАТИ ИНТИШОРОТИ ИЛМИИ ДОВТАЛАБИ ДАРАҶАИ ИЛМӢ ДОИР БА МАВЗУИ ДИССЕРТАТСИЯ

### I. Таълифоти муаллиф дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:

[1-М]. Сироҷова, Н.Р. Назаре ба таҳқиқоти публитсистии Асадулло Саъдуллоев [Матн] / Н.Р. Сироҷова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2017. – №4/5. – С. 302-305.
[2-М]. Сироҷова, Н.Р. Место эссе в исследованиях профессора Асадулло Саъдуллоева [Текст] / Н.Р. Сироҷова // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – Душанбе, 2018. – №1 (73). – С. 153-158.
[3-М]. Сироҷова, Н.Р. Профессор Асадулло Саъдуллоев ва нақди адабии тоҷик [Матн] / Н.Р. Сироҷова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2018. – №4. – С. 313-317.
[4-М]. Сироҷова, Н.Р. Масъалаҳои нақди илмӣ дар таҳқиқоти Асадулло Саъдуллоев [Матн] / Н.Р. Сироҷова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2019. – №8. – С. 285-289.

**II. Таълифоти муаллиф дар маҷмуа ва нашрияҳои дигари илмӣ:**

[5-М]. Сироҷова, Н.Р. Мактаби илмии профессор Асадулло Саъдуллоев [Матн] / Н.Р. Сироҷова // Дар моварои сухан. Маҷмуаи мақолаҳои илмӣ. – Душанбе, 2018. – С. 105-109.

[6-М]. Сироҷова, Н.Р. Насри мустанад дар таҳқиқоти профессор А. Саъдуллоев [Матн] / Н.Р. Сироҷова // Нақши публитсистика дар шароити ҷаҳонишавӣ. Маҷмуаи гузоришҳои илмии конференсияи ҷумҳуриявӣ бахшида ба 80-солагии Асадулло Саъдуллоев (Душанбе, 2020). – Душанбе, 2020. – С. 151-160.

[7-М]. Сироҷова, Н.Р. Нақши ВЭА дар ташаккули афкори ҷамъиятӣ дар шароити муосир [Матн] / Н.Р. Сироҷова // Маҷмуаи мақолаҳои конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалии «Таҳсилоти журналистӣ дар Тоҷикистон: вазъият, мушкилот ва пешомад» (Душанбе, 2022). – Душанбе, 2022. – С. 90-96.